**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВИЛОЯТИ СУҒД**
**МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ ҒОНЧӢ**

# Қ А Р О Р

аз 30 июли соли 2011 №6/5 ш. Ғончӣ

## Дар бораи тасдиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015»

Мутобиқи моддаи 8-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»

Маҷлиси вакилони халқи ноҳия

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2011-2015» тасдиқ карда шавад. (замима мегардад).
2. Ба Шӯъба, бахшҳои мақомоти иҷроияи давлатии ноҳия, Раёсатҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, ташкилоту муассиса, хоҷагиҳои кишоварзӣ зарур аст, ки ҷиҳати татбиқи бемайлони «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2011-2015» тадбирҳои судманд андешанд.
3. Ба шӯъбаи рушди иқтисод, савдо ва ислоҳоти иқтисодӣ супорида шавад, ки аз ҷараёни татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2011-2015» ба комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия оид ба ислоҳоти иқтисодӣ, тиҷорат, сармоягузорӣ ва буҷет аз ҷамъбасти ҳар семоҳа гузориш пешниҳод намояд.
4. Назорат аз ҷараёни иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия оид ба ислоҳоти иқтисодӣ, тиҷорат, сармоягузорӣ ва буҷет гузошта шавад.

**Раиси Маҷлис** **З.Исмоилов**

БАРНОМАИ РУШДИ
ИҚТИСОДИИ ДЕҲОТ
RURAL GROWTH PROGRAMME

Барнома бо дастгирӣ ва кӯмаки техникии Барномаи Рушди Деҳоти БРСММ, Агентии ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон ва Департаменти рушди ҳамкориҳои байналмиллалии Британияи Кабир, тахти сарпарастии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гаштааст.

# МУНДАРИҶА

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ ....... 5**
СУХАНИ ИФТИТОҲИИ РАИСИ НОҲИЯИ ҒОНЧӢ ....... **6**
ПЕШГУФТОР ....... **7**

БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ ....... **8**
*1.1. Сохти маъмурию ҳудудии ноҳия* ....... 8
*1.2. Шарҳи фарҳангию таърихӣ* ....... 8
*1.3. Шароитҳои иқлимию табиӣ* ....... 9
*1.4. Ҳолати демографӣ* ....... 9
*1.5. Тамоилҳои асосии иқтисодию иҷтимоӣ* ....... 11
*1.6. Имкониятҳои буҷетии ноҳия* ....... 12
*1.7. Биниш (ояндабинии) ноҳияи Ғончӣ* ....... 13

БОБИ 2.ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ СОҲАҲО ....... **15**
*2.1. Иқтисодиёт* ....... 15
*2.1.1.Соҳаи кишоварзӣ* ....... 15
*2.1.2. Саноат* ....... 25
*2.1.3. Соҳибкории хурду миёна* ....... 30
*2.1.4. Стратегия ва вазифаҳои соҳаи иқтисодиёт* ....... 37
**2.2. БАХШИ ИҶТИМОӢ ....... 41**
*2.2.1.Маориф* ....... 41
*2.2.2. Тандурустӣ* ....... 46
*2.2.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ* ....... 50
*2.2.4. Фарҳанг ва варзиш* ....... 53
*2.2.5. Стратегия ва вазифаҳои соҳаи иҷтимоӣ* ....... 56
**2.3. ИНФРАСОХТОР ....... 63**
*2.3.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ.* ....... 63
*2.3.2. Нақлиёт ва роҳҳо* ....... 64
*2.3.3. Барқрасонӣ ва газтаъминкунӣ* ....... 65
*2.3.4. Хизматрасонии манзилию рифоҳӣ* ....... 66
*2.3.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ* ....... 67
*2.3.6. Стратегия ва вазифаҳои соҳаи инфрасохтор* ....... 68
**2.4. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ....... 70**
*2.4.1. Ҳолати экологии ноҳияи Ғончӣ* ....... 70
*2.4.2. Пешгирии ҳолатҳои фавқуллода* ....... 75
*2.4.3. Стратегия ва вазифаҳои ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқуллода* ....... 79
**2.5. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМАИ РУШДИ НОҲИЯ ....... 82**
*2.5.1.Низоми идоракунӣ ва захираҳои инсонӣ* ....... 82
*2.5.2. Таъминоти молиявию буҷавӣ* ....... 83
*2.5.3. Стратегия ва вазифаҳои беҳтар намудани идоракунии раванди рушд* ....... 86

БОБИ 3. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ....... **90**
*3.1 Сохтори НМваА* ....... 90

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| БРСММ | Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРН | Барномаи Рушди Ноҳия |
| DFID | Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ |
| GIZ | Агентии Олмон оид ба ҳамкории техникӣ |
| ГТ | Гурӯҳи ташаббускор |
| ГК | Гурӯҳи корӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КФД «ХМК» | Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| НРҶ | Нақшаи Рушди ҷамоат |
| НОБ | Нерӯгоҳи обии барқӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| ММД | Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ |
| МДС | Маркази дастгирии соҳибкорон |
| МНДСЭ | Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ |
| ОКТ | Омӯзишгоҳи касбӣ техникӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| СШРН | Сирояти шадиди роҳи нафас |
| ТҒД | Ташкилотҳои ғайридавлатӣ |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |
| ШРН | Шӯрои рушди ноҳия |
| ҶСП | Ҷамияти саҳомии шакли пӯшида |
| ҶС | Ҷамъияти саҳҳомӣ |

## Сухани ифтитоҳии Раиси ноҳияи Ғончӣ

**«Барномаи рушди Ғончӣ»- шаҳпуле сӯи ояндаи дурахшон**

Шаҳрвандони мӯҳтарам !

Имсол барои мардуми шарифу сарбаланди кишвари мо соли бисёр муқаддас ва таърихӣ - соли ҷашни бистумин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизамон аст, ки онро ҳама якҷоя бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил хоҳем кард. Истиқлолият барҳақ муқаддастарин ва бузургтарин дастоварди таърихӣ, неъмати бебаҳоест, ки дар таъмини пешравиҳои қатъии иқтисодию иҷтимоии кишвар нақши муассир дорад. Зеро ҳадафи асосии давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ аз оғози даврони истиқлолият то ба имрӯз таҳкими суботи иқтисодию иҷтимоӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи зиндагонии мардуми кишвар буд ва мебошад.

Пӯшида нест, ки чун дар тамоми ҷумҳурӣ дар ноҳияи мо низ солҳои аввали истиқлолият мушкилиҳои зиёд ба амал омада, дар самтҳои алоҳидаи истеҳсолот бесарусомонӣ ва пастравии нишондиҳандаҳо мушоҳида мешуданд. Вале бо ҷаҳду талошҳои пайваста ва роҳбарии хирадмандонаи Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар сулҳу ваҳдати миллӣ пойдору устувор гардида, яке аз гӯшаҳои дурдасттарини ҷумҳурӣ ноҳияи Ғончӣ низ рӯ ба инкишоф ниҳод.

Аҳолии ноҳия ба он муваффақ гардиданд, ки яке аз самтҳои асосии иқтисодиёт-кишоварзиро хеле пешрав гардонида, истеҳсоли маҳсулот ва ҳосилнокии киштзорро афзун, даромаднокиро чандин маротиба зиёд намоянд. Аз ҷумла, истеҳсоли картошка ба зиёда аз 100 ҳазор тонна ва истеҳсоли ғалладона ба нишондиҳандаи баландтарини худ расид.

Корҳои ободонию бунёдкорӣ вусъати ҳамаҷониба гирифта, симои маркази ноҳия ва деҳоти гирду атроф ба куллӣ тағйир ёфт. Рушди соҳибкорӣ ба беҳбудии сифати хизматрасонӣ ва ба кор даромадани коргоҳҳои нави саноатӣ мусоидат намуд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 доир ба рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ, таъмини суботи устувори макроиқтисодӣ дар заминаи мустаҳкам намудани соҳаҳои истеҳсолӣ, таҳкими бахши молиявӣ, баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҳамчун дастури роҳнамо пешниҳод шудааст. Аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти кишвар ҳисобида мешавад. Ҷиҳати дастгирии соҳаи кишоварзӣ, таҷдиди инфрасохтори он, обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нав, дастгирии молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва рушди устувори иқтисодии соҳаи пахтакорӣ, ҳоло 14 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ мавриди татбиқ қарор дорад.

Иҷтимоиёт бошад, чи хеле дар Паём таъкид мегардад, ба таври ҳамешагӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлату ҳукумати ҷумҳурӣ боқӣ мемонад ва дар мадди аввал меистад.

Дар партави дастуру нишондодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ғончӣ» барои 5 соли оянда таҳия гардид, ки моҳияти асосиаш таъмини рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, ҳалли мушкилотҳои дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҷойдошта, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, беҳтар намудани инфрасохтори ноҳия ва рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт аз кӯмаку дастгирии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кӯмаки техникии Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид дар доираи татбиқи Барномаи рушди деҳот беҳад сипосгузор мебошем.

Амалӣ гардонидани Барнома ба ҳисси масъулиятшиносӣ, меҳнати софдилона, саъю кӯшиши амалӣ, ташаббускорию ташкилотчигӣ ва нангу номуси ҳар шаҳрванд вобастагӣ дорад. Изҳори боварӣ мекунам, ки сокинони ноҳия бо меҳнати дастаҷамъона, нерӯи ақлонию зеҳнӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ, дар амалӣ гардонидани Барнома саҳмгузорӣ менамоянд ва тавассути он ноҳия дар ҳамаи самтҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт ба зинаҳои нави тараққиёти худ мерасад.

Дар ин раванд ба ҳамаи Шумо, ҳамдиёрони азиз, бурдбориҳо таманно менамоям.

# Пешгуфтор

Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Ғончӣ тибқи қарори раиси ноҳияи Ғончӣ № 653 аз 17 ноябри соли 2010 «Дар бораи таҳияи барномаи миёнамӯҳлати рушди ноҳияи Ғончӣ» ва бо кӯмаки техникии БРСММ, Департаменти Рушди Байналмилалии Британиёи Кабир (DFID) ва Агентии Олмон доир ба ҳамкориҳои техникӣ (GIZ) таҳия гардида, барои дар сатҳи маҳаллӣ самаранок ва саривақт татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои стратегии «Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола», «Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2015» ва «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» равона шудааст. -

Бояд қайд намуд, ки БРН дар асоси дастурамали Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия шудааст. Дар ҳуҷҷати мазкур, самтҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳия мавриди таҳлили дақиқ қарор дода шуда, стратегияҳои рушди соҳаҳои мухталифи ноҳия бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ таҳия шудаанд.

Барои таҳияи Барнома мутахассисони соҳаҳои иқтисодиёт, саноат, кишоварзӣ, сохтмону шаҳрсозӣ, инфрасохтор (барқ, газ, обу ташноб, роҳ, хизматрасониҳои рифоҳию маишӣ ва савдо), иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва ғайра) шуғли аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҷалб гардида, он тамоми бахшҳои иқтисодию иҷтимоиро дарбар гирифта аст.

Барномаи мазкур аз бобҳои зерин иборат мебошад:

БОБИ 1. Ҳолати умумӣ ва таҳлилии вазъи воқеии ноҳияи Ғончӣ.

БОБИ 2. Иқтисодиёт.

БОБИ 3. Соҳаи ичтимоӣ.

БОБИ 4. Инфрасохтор.

БОБИ 5 . Экология.

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ
# ВА ТАҲЛИЛИИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ҒОНЧӢ

## 1.1. Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳияи Ғончӣ

Ноҳияи Ғончӣ дар шимолу ғарби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми ҷанубу ғарбии вилояти Суғд воқеъ буда, аз шимол бо ноҳияи Спитамен (45 км), аз ҷониби ҷанубу ғарб бо ноҳияҳои Мастчоҳи Кӯҳӣ, Айнӣ ва Шаҳристон, аз тарафи ғарб бо ноҳияи Истаравшан (12 км) ва аз тарафи шарқ бо вилояти Ӯши Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаммарз мебошад. Масоҳати умумии ноҳия 1588,7 км² буда, мутаносибан 6,3 %-и масоҳати умумии вилояти Суғдро ташкил менамояд. Ноҳияи Ғончӣ аз 7 ҷамоати деҳот – Калининобод, Яхтан, Овчӣ, Муҷун, Росровут, Далёни Боло ва ҷамоати шаҳраки Ғончӣ, 55 деҳаҳои аҳолинишин ва як маркази шаҳрак иборат мебошад.

*Харитаи №1. Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳияи Ғончӣ*




## 1.2. Маълумоти фарҳангӣ ва таърихӣ

Номи қадимии таърихии сарзамине, ки ҳоло Ғончӣ ном дорад, дар замонҳои гузашта Ганҷа ном дошт. Ганҷа ватани саккоиҳои далеру сарбаланд буд. Ғончӣ дар гузаштаи дур ҷои кӯчак набуд. Ин бузургӣ аз номи зебояш, аз хуррамии боду ҳавояш, аз паҳноии дашту боғҳояш ва аз суханҳои ширину ростини одамонаш бармеояд.

Дар ноҳияи Ғончӣ ёдгориҳои таърихӣ зиёданд ва онҳо чорабиниҳои бостоншиносиро тақозо менамоянд. Анқариб ҳар як рустову деҳ замоне диҷу қалъа буду, гӯристонҳои қадима аз таърихи русуми ба хок супоридани аҷсоди мардумони мухталиф сухан мегӯянд. Аҷибтар он аст, ки ҳар баландӣ асроре дораду, кушоиши он барои таърих дарёфте хоҳад буд.

Ноҳияи Ғончӣ дорои харитаи ёдгориҳои таърихӣ мебошад. Дар ин харитаи бостоншиносӣ 45 нуқоти таърихии ноҳия сабт шудааст. Ҳар як ёдгории ноҳия: дашту

кӯҳ, доманакӯҳ, хушкрӯду теппаҳо ва боғу гузару маҳалҳо ва худи рустову деҳаҳо соҳиби исми мушаххасе буданду, он исм мафҳумеро ифода менамуд.

Ёдгориҳои ин сарзамин, таваҷҷӯҳи олимони рус В.В.Бартольд, А.А.Семёнов, М.С. Андреев, О.И.Смирнова, А.Ю.Якубовский ва донишмандони дигарро ба худ ҷалб намудааст. Бостоншиносон дар водии рӯдхонаи Басманда, бахусус дар ҷомеаи ҳудуди Ғазантарак ва Ғончӣ кори судманди шиносоӣ ва бақайдгирии гурӯҳи ёдгориҳои таърихиро ба субот расониданд. Ин ҷо, ғарбтар аз деҳаи Ғончӣ, дар қабристони кӯҳнаи ҷаркӯб онҳо косахонаҳои сар, устухонҳои боқимонда, гӯрҳои холӣ ва қабатҳои сершумори маъдании пораҳои сафолдоштаро пайдо намудаанд. Суффаҳои таҳқиқнамудаи онҳо дар 6-7 м баландӣ қарор доштанд. Зарфҳои сафолӣ: хум, кӯза, коса, табақ ва амсоли инҳо дар сарзамини Ганҷа аз адвори қадим будаанд ва ҳоло ҳам гоҳ-гоҳ ҳангоми тоза намудани майдонҳои кишт, кандани ҷӯй, кофтани гӯрҳо ва корҳои дигар, аз қабати замин сафолпораҳо ва баъзан кӯзаҳои осебдидаро пайдо кардан мумкин аст.

Дар Ғончии кӯҳанбунёд ҳунарҳои боғдорӣ, кулолгарӣ ва бофандагӣ аз қадим ривоҷ ёфта буд.

## 1.3. Шароитҳои иқлимию табиӣ

Ноҳияи Ғончӣ дар нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳои Туркистон ҷойгир шудааст. Сатҳи замини ноҳия паҳну ноҳамвори теппадор буда, аз шимол ба ҷануб аз 350 м то 4743 м тадриҷан баланд шуда, маркази шаҳраки Ғончӣ дар баландии 915 м аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад. Миқдори миёнаи солонаи нурафшонии офтоб - 6200 килоҷоул ба ҳар метрии мураббаъ буда, ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво дар ноҳия 12,5`С мебошад. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи июл +34,8`С гарм буда, дар кӯҳҳо бошад, он то ба -12-15`С мерасад. Дар моҳи январ ҳарорати ҳаво аз –2 то - 4`С ва дар кӯҳҳо аз -12 то -15 `С хунук мебошад. Дар ҳудуди ноҳияи Ғончӣ миқдори солонаи боришот 200-300 мм буда, дар кӯҳсори канораи ҷанубӣ ин нишондиҳанда ба 500-700 мм баробар аст. Дар ҳудуди ноҳияи Ғончӣ конҳои сарватҳои зеризаминии истифодашаванда мавҷуд нест. Фақат 4 адад конҳои гилхоки лёсӣ, шағал, қум ва санги мармар мавҷуд аст, ки қисман ҳамчун канданиҳои фоиданоки умумии маъмулӣ истифода мешаванд.

## 1.4. Ҳолати демографӣ

Аҳолии шаҳраку деҳоти ноҳияи Ғончӣ ба санаи 1 январи соли 2011-ум 140222 нафар буда, (аз он занҳо 69920 нафар) 6,3 фоизи шумораи умумии аҳолии вилояти Суғдро ташкил менамояд. Зичии аҳолӣ дар ноҳия ба ҳисоби миёна - дар 1 км$^2$ 98 нафарро ташкил медиҳад. Дар айни замон, 6,9 % аҳолии ноҳия дар шаҳрак ва 93,1% аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ менамоянд (ҷадвали 1 ва 2).

Дар давоми 10 соли охир, аз соли 2001 то 2011 аҳолии шаҳраку деҳоти ноҳия 27,1 ҳазор нафар ё 123,1% афзудааст. Коэффитсиенти умумии таваллуд, дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Ғончӣ (ба ҳисоби 1000 нафар аҳолӣ) дар соли 2010 ба 26,4 баробар гардидааст.

*Ҷадвали №1. Маълумот оид ба шумораи хоҷагиҳо ва аҳолӣ дар шаҳраку деҳоти ноҳияи Ғончӣ ба 1 январи соли 2011. (нафар)*

| Номгӯи ҷамоатҳои деҳот | Миқдори хоҷагиҳо | Шумораи аҳолӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | фоиз | Мардҳо | фоиз | занҳо | фоиз |
| Яхтан | 3184 | 13053 | 9,3 | 6364 | 9,1 | 6689 | 9,6 |
| Муҷун | 6348 | 24037 | 17,2 | 11927 | 17,1 | 12040 | 17,2 |
| Ғазантарак | 4074 | 16725 | 12,0 | 8433 | 12,0 | 8342 | 11,9 |
| Калининобод | 2650 | 12778 | 9,1 | 6837 | 9,7 | 5941 | 8,5 |
| Овчӣ | 6788 | 29343 | 20,9 | 14945 | 21,2 | 14398 | 20,6 |
| Росровут | 2913 | 13627 | 9,7 | 6771 | 9,6 | 6856 | 9,8 |
| Далёни Боло | 5463 | 20889 | 14,9 | 10199 | 14,5 | 10690 | 15,3 |
| Шаҳраки Ғончӣ | 1932 | 9720 | 6,9 | 4756 | 6,7 | 4964 | 7,1 |
| Ҳамагӣ: | 33352 | 140222 | 100,0 | 70302 | 100,0 | 69920 | 100,0 |

Ноҳияи Ғончӣ аз ҷиҳати этникӣ гуногунмиллат мебошад.

*Диаграммаи №1. Таркиби миллии аҳолии ноҳия*




Ба ҳисоби миёна, давомнокии умри аҳолӣ дар ноҳияи Ғончӣ 68,2 солро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №2. Нишондиҳандаҳои асосии демографӣ*

| Солҳо | Теъдоди никоҳ | Шумораи вафот | Афзоиши табиии аҳолӣ | Афзоиши табиии аҳолӣ бо % | Шумории умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2008 | 1788 | 756 | 3842 | 2,2% | 138196 |
| 2009 | 1662 | 630 | 4004 | 2,8% | 140659 |
| 2010 | 1779 | 701 | 4408 | 2,6% | 140222 |

Дар ноҳияи Ғончӣ теъдоди никоҳ 0,9 фоиз ва шумораи вафот 9,2 фоиз кам шуда, афзоиши табиӣ аҳолӣ 14,7 фоиз афзудааст. Шумораи аҳолии ноҳия ҳамасола аз 2,2 то 2,6 фоиз афзудааст.

*Ҷадвали №3. Сохтори ҷинсӣ ва синнусолии аҳолии ноҳияи Ғончӣ дар соли 2010*

| Синну сол | Ҷамъ | Аз ҷумла духтарон/ занон | % духтарон/ занон |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола (кӯдакон) | 51347 | 25416 | 49,5 |
| Миёнсолон | 80485 | 40194 | 49,9 |
| Аҳоли синну соли нафақа (мардон 63 сола / занон 58 сола) ва боло | 8390 | 4312 | 51,4 |
| Ҷамъ: | 140222 | 69922 | 49,8 |

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки аз рӯи синну сол, шумораи аҳолии то 14 солаи ноҳияи Ғончӣ 35,5%, шумораи аҳолии қобили меҳнат 58,7% ва шумораи аҳолии синни нафақа 5,8%-ро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №4. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши демографӣ дар ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии умумӣ | | | | | | |
| Шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёнаи солона (нафар) – ҳамагӣ | 142843 | 146158 | 149501 | 152995 | 156360 | 109,5 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| шаҳрӣ | 10026 | 10295 | 10550 | 10742 | 11000 | 109,7 |
| деҳотӣ | 132817 | 135863 | 138951 | 142633 | 145776 | 109,75 |

### 1.5. Тамоилҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ

Даромади асосии аҳолии ноҳия аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ, соҳибкорӣ, пардохти нафақа, ҷубронпулиҳо ва интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Дар соли 2010 маблағи маҷмӯи маҳсулоти умумии кишоварзӣ 228099 ҳазор сомониро ташкил дод, ки он ба ҳар сари аҳолии ноҳия 1610 сомонӣ рост меояд. Дар соли 2010 ба 10904 нафар нафақахӯрон ба маблағи 13716,1 ҳазор сомонӣ нафақапулӣ пардохт гардидааст, ки ба ҳар як нафақахӯр дар як сол 1258 сомонӣ рост меояд.

Дар соли 2010 аз хориҷи кишвар, аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 12840421 доллари амрикоӣ маблағ интиқол гардидааст, ки ба ҳар як сари аҳолии ноҳия мутаносибан 88,8 доллари амрикоӣ рост меояд.

Аҳолии қобили меҳнати бешуғл дар соли 2009 - 63,5% ва дар соли 2010 - 62,7%-и захираҳои меҳнатии ноҳияро ташкил дода, дар соли 2009 - 6,2 % ва дар соли 2010 - 25,5 %-и онҳо дар муҳоҷирати меҳнатии беруна қарор доштанд ва танҳо дар соли 2009 - 2%-и онҳо ба бозори дохилии меҳнат ворид гардидаанд. Муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ солҳои сипаригашта дар ноҳияи Ғончӣ нақши муҳимеро дар дарёфти ҷои кор ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебозад. Яке аз сарчашмаҳои асосии даромади оилаҳо аз ҳисоби муҳоҷирон сурат мегирад. Дар соли 2010 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба соли 2009 - 46 фоиз афзудааст.

Дар соли 2010 аз 41310 оилаҳои ноҳия, 5300 оила ҳамчун оилаи камбизоат ба рӯйхати ҷубронгирандагони нерӯи барқ ҳамроҳ гардид, ки ин 12,8 фоизи аҳолии ноҳияро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №5. Шумораи аҳолии расман дар иқтисодиёт машғул буда*

| Соҳаҳо | Соли 2010 (нафар) | |
|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла занҳо |
| саноат | 85 | 62 |
| савдо ва хӯроки умумӣ | 122 | 58 |
| сохтмон | 80 | 8 |
| тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ | 1161 | 635 |
| маориф | 3520 | 2105 |
| хоҷагии манзилию коммуналӣ | 71 | 18 |
| алоқа | 63 | 38 |
| дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва инфиродӣ | 23868 | 15158 |
| нақлиёт | 99 | 4 |
| фарҳанг | 126 | 59 |
| мақомоти идоракунӣ | 293 | 90 |
| корхонаҳои хурд | 64 | 18 |
| ташкилотҳои қарздиҳанда | 53 | 38 |
| ташкилотҳои ҷамъиятӣ | 61 | 28 |
| дигар соҳаҳо | 27 | 12 |
| Ҳамагӣ: | 29693 | 18331 |

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки 61,7 фоизи шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул бударо занҳо ташкил медиҳанд. Иштироки занҳо дар соҳаи саноат 72,9 фоиз, кишоварзӣ 63,5 фоиз, маориф 59,8 фоиз, тандурустӣ 54,7 фоиз мебошад. Сабаби зиёд будани шумораи занон нисбати мардони дар иқтисодиёт машғул буда, он аст, ки 25 фоизи мардҳои қобили меҳнати ноҳия дар муҳоҷироти меҳнатӣ мебошанд.

*Ҷадвали №6. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии дар ноҳияи Ғончӣ истеҳсолгардида*

| № | Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | Соли 2008 | Соли 2009 | Соли 2010 | Соли 2010 нисбати соли 2008 бо фоиз % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маҳсулоти умумии кишоварзӣ | ҳаз.сом | 202600,0 | 231023,0 | 228099,0 | 112,6 |
| 2 | Маҳсулоти саноатӣ | ҳаз.сом | 2117,2 | 3875,2 | 5111,8 | 241,4 |
| 3 | Хизмати пулакӣ | ҳаз.сом | 9885,8 | 14079,9 | 19100,9 | 193,2 |
| 4 | Савдои чакана | ҳаз.сом | 21995,1 | 29098,7 | 32362,7 | 147,1 |
| | Ҳамагӣ: | ҳаз.сом | 236598,1 | 278076,8 | 284674,4 | 120,3 |

**1.6. Имкониятҳои буҷетӣ**

Қисми зиёди даромади буҷети ноҳияи Ғончиро асосан андози аз соҳаи кишоварзӣ воридгардида ташкил медиҳад. Субвенсияи аз вилоят ҷудошаванда 42,7 фоизи қисми даромади буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

*Диаграммаи №2. Қисми даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Ғончӣ (ҳазор сомонӣ)*




Хароҷоти буҷети маҳаллӣ асосан ба соҳаи иҷтимоӣ: маориф, тандурустӣ, пардохти нафақа ва ҷубронпулии мактаббачагон тааллуқ дошта, он 89,7 фоизи хароҷоти умумии буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №7. Сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2006-2010*

| Номгӯй | Воҳиди ченак | соли 2006 | соли 2007 | соли 2008 | соли 2009 | соли 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармоягузории хориҷӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия | ҳазор сомонӣ | 2898,0 | 1772,7 | 130071,0 | 136837,0 | 2185,6 |
| Иқтисодиёт | ҳазор сомонӣ | 190,0 | 120, 0 | - | - | 100,0 |
| Иҷтимоиёт | ҳазор сомонӣ | 2456,0 | 1351,2 | 2612,7 | 1522,0 | 1478,4 |
| Инфрасохтор | ҳазор сомонӣ | 241,3 | 301,5 | 127458,3 | 135315,0 | 539,9 |
| Ҳифзи муҳити зист | ҳазор сомонӣ | 10,0 | - | - | - | 67,3 |

Дар ноҳияи Ғончӣ дар соли 2010 - 5 ташкилотҳои байналхалқӣ, аз ҷумла Чезвӣ-Италия, Ташкилоти байналмиллалии хайриявии Ҷовид, Оҷонсии дастгирии равишҳои инкишофи Нов, Барномаи Ҷаҳонии озуқаворӣ Созмони Миллали Муттаҳид ва

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (якҷоя бо дигар ташкилотҳои байналхалқӣ) фаъолият намудаанд.

Дар соли 2010 дар ноҳия барои хароҷотҳои ғайрибуҷетӣ ҳамагӣ 925,8 ҳазор сомонӣ маблағ истифода бурда шудааст, аз тарафи ташкилотҳои байналхалқӣ бошад, 2185,6 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ гардидааст, ки ин нисбати хароҷоти ғайрибуҷетии ноҳияи Ғончӣ 2,4 маротиба зиёд мебошад.

## 1.7. Биниши ноҳияи Ғончӣ (Тассаввуроти ояндаи ноҳияи Ғончӣ)

*Ноҳияи Ғончӣ - ноҳияи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва маркази фарҳангиву таърихӣ буда, маркази рушдёфтаи коркарди маҳсулоти соҳаҳои саноат ва махсусан комплекси агросаноатӣ, дорандаи технологияҳои замонавии истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва моддӣ буда, дорои фазои мӯътадилу мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ мебошад, ки он боиси баланд шудани дараҷаи некӯаҳволии иҷтимоиӣ аҳолӣ ва сифати хизматрасониҳои инфрасохторӣ гаштааст.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи рушди ноҳияи Ғончӣ, инчунин бо назардошти имкониятҳои беруна ва таҳдидҳо таҳия гаштааст.

*Ҷадвали №8. СВОТ таҳлил (SWOT)*

| Тарафҳои қавӣ (S): | Тарафҳои заиф (W): |
|---|---|
| • Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод дар ноҳия. | • Набудани маблағ барои ташкили коркарди захираҳои табиї, бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ ва таъмири системаи обёрӣ. |
| • Мавҷуд будани заминҳои боир ва дигар заминҳои наздикӯҳӣ. | • Нокифоягии ҷойҳои корӣ. |
| • Ҳамоҳангии мақсад ва кӯшиши мақомоти иҷроия, соҳибкорон ва аҳолӣ барои рушди ноҳия. | • Фарсуда гардидани техникаҳо дар корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ. |
| • Таҷрибаи пешқадам ва иқлиму шароити мусоид барои рушди соҳаи кишоварзӣ. | • Таъмирталаб будани инфрасохторҳои ноҳия; |
| • Мавҷудияти захираҳои табиӣ барои истеҳсоли маҳсулотҳои сохтмонӣ. | • Нокифоягии маблағ ва душворихои дарёфти он барои рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт. |
| • Миқдори кофии мутахассисони баландихтисос. | • Паст будани сатҳи музди меҳнат.<br>• Дур будани ноҳия аз маркази ҷумҳурӣ ва вилоят, инчунин дар канор будани он. |
| • Имкониятҳои васеъи соҳибкорон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ. | • Алоқаи сусти байни ҷамоатҳо бинобар бад будани ҳолати инфрасохтор. |
| • Мавҷудияти инфрасохтори муҳандисӣ дар минтақаи поёнии ноҳия. | • Маҳдуд будани имкониятҳои буҷети маҳаллӣ. |
| • Оғоз ёфтани ҷараёни таҳияи Нақшаҳои рушди ҷамоатҳои ноҳия (4 ҷамоат). | • Дастрас набудани оби нӯшокӣ ва полезӣ. |
| • Мавҷуд будани «Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия, вилояти Суғд ва СМР-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2015» | • Миграцсияи кадрҳои баландихтисос ва қувваҳои корӣ ба хориҷа. |
| • Мавҷуд будани инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ | • Паст гардидани нархҳои маҳсулотҳои кишоварзӣ, баланд шудани нархи сӯзишворӣ ва дигар молҳои воридотӣ. |
| Имкониятҳо (O): | Хатарҳо (T): |
| • Таҳияи барномаи рушди вилояти Суғд. | • Тағйир ёфтани иқлим, зери таъсири ҳодисаҳои фавқулоддаи табиӣ (хушксолӣ, жола ва сармои шадид). |
| • Амалӣ гаштани Барномаи рушди деҳот | • Таъсири бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ; |
| • Мавҷудияти ташкилотҳои байналмилалӣ, ТҒД ва сармоягузорони хориҷӣ, ки барои ҳаллу фасли мушкилотҳои афзалиятноки ноҳия нияти саҳмгузорӣ доранд | • Ноороми сиёсӣ дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя. |

| | |
|---|---|
| • Рушди шабакаи ташкилотҳои хурди молиявӣ махсусан дар самти пешниҳоди микроқарзҳо дар ноҳия. | • Паҳншавии эпидемия ва ё пандемия аз ҳисоби омилҳои беруна. |
| • Ташкили савдои наздисарҳадӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон. | • Паҳншавии касалиҳои сироятии чорво, зироат ва ғ. |
| • Дастгирии Ҳукумати ҶТ дар масъалаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ, махсусан, картошкапарварӣ, зироаткорӣ, боғу токпарварӣ ва мавҷудияти барномаҳои давлатии рушди соҳа. | |
| • Мавҷудияти Стратегияхои дарозмӯҳлат ва миёнамӯҳлат, барномаҳо дар соҳаи солимии аҳолӣ, маориф, ҳифзи ичтимоӣ ва фарҳанг, ки сарчашмаи маблағгузориашон муайян мебошад | |
| • Ҳавасмандӣ ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рохбарияти вилояти Суғд дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ | |
| • Мавҷуд будани талабот ба маҳсулотҳои кишоварзӣ дар бозори берунӣ | |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ СОҲАҲО

## 2.1. Иқтисодиёт

### 2.1.1. Соҳаи кишоварзӣ

Ноҳияи Ғончӣ ноҳияи аграрӣ ба ҳисоб рафта, соҳаи кишоварзӣ дар пешбурди иқтисодиёти он нақши муҳим мебозад.

***Шаклҳои ташкилии соҳаи кишоварзӣ.*** Баъди ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, 36 колхоз ва совхозҳои собиқи дар ноҳия мавҷуд буда, ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва моликият табдил дода шуданд ва дар заминаи онҳо 11 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва 24 коперативҳои истеҳсолӣ таъсис дода шуданд. Дар солҳои охир, мувофиқи афзалиятҳои барномаи рушди соҳаи кишоварзӣ, хоҷагиҳои мазкур аз нав таҷдид гардида, дар асоси он хоҷагиҳои хурди инфиродӣ ва оилавӣ таъсис ёфта истодаанд. Ба санаи 1 январи соли 2011 дар ноҳияи Ғончӣ 481 хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва 106 кооперативҳои истеҳсолӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки дар онҳо 23761 нафар саҳмдорон машғул буда, аз он 15158 нафарро занҳо ташкил медиҳанд.

***Истифодабарии замин.*** Майдони заминҳои корами ноҳияи Ғончӣ, ҳамагӣ 36735 га буда, (30,7% масоҳати фонди умумии заминҳои кишоварзӣ) аз он майдони заминҳои обӣ 32,3%-ро ташкил медиҳад. Заминҳои обӣ асосан барои кишти картошка, сабзавот, полезиҳо, мевагиҳо ва токзорҳо истифода бурда мешаванд. Соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳияи Ғончиро сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ ва токпарварӣ ташкил медиҳанд.

*Диаграмаи №3. Истифодабарии заминҳои кишоварзӣ*




Дар соҳаи кишоварзии ноҳия 36164 гектар заминҳои хоҷагиҳои ҷамоавию инфиродӣ, 4943 (3,1%) гектар заминҳои наздиҳавлигӣ ва 2650 гектар (1,7%) заминҳои хоҷагиҳои ёрирасон (заминҳои президентӣ) мавриди истифода қарор доранд.

*Ҷадвали №9. Намудҳои истифодаи замин*

| № | Намуди замин | га |
|---|---|---|
| 1 | Заминҳои кишоварзӣ (аз он ҷумла заминҳои чарогоҳ) | 119640 |
| 2 | Заминҳои наздиҳавлигӣ | 4943 |
| 3 | Заминҳои президентӣ | 2650 |
| 4 | Ҷангалу бешазор | 6756 |
| 5 | Замини зери об | 1869 |
| 6 | Замини зери роҳҳо | 939 |
| 7 | Замини зери сохтмонҳои ҷамъиятӣ | 1349 |
| 8 | Буттазор | 3171 |
| 9 | Дигар заминҳо | 17553 |
| | Ҳамагӣ: | 158870 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки бештари заминҳои корам барои кишти ғалладонагиҳо, хӯроки чорво, картошка ва меваҷот истифода бурда мешаванд. Соли 2010 дар заминҳои корами ноҳияи Ғончӣ, бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, дар майдони 41289 гектар кишти зироатҳо гузаронида шуда, аз он майдони ғалладонагиҳо 31978 гектар, сабзавот 704 гектар, майдони кишти картошка 3241 га, зироатҳои техникӣ 1681 га, зироатҳои равғандеҳ ва полезиҳо 258 гектарро ташкил дод.

*Диаграммаи 4. Майдони кишти маҳсулоти кишоварзии ноҳия ба ҳисоби фоиз*




Мувофиқи маълумотҳои расмӣ, майдони заминҳои барои кишти галадонагӣ, картошка ва барои кишти хӯроки чорво пешбинӣ шуда, дар соли 2010 нисбат ба солҳои 2008 коҳиш ёфта, майдонҳои кишти сабзавот ва полезиҳо нисбатан афзудааст.

*Диаграмма 5. Тамоюли таъгирёбии истифодабарии заминҳои корам (га)*



***Нақши кишоварзӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ***. Ғончӣ ноҳияи аграрӣ буда, дар соли 2010 - 80,1 фоизи ҳаҷми маҳсулоти умумии дар ноҳия истеҳсолгардида, ба соҳаи кишоварзӣ рост омадааст. Дар соҳаи мазкур, 80,4% аҳолии қобили меҳнати ноҳия кор ва фаъолият менамоянд.

Дар соли 2010 дар ноҳия ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбати соли 2009 ба андозаи 1,3 фоиз коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии паст шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, кам шудани ҳаҷми истеҳсоли ангур (бинобар номусоид омадани боду ҳаво), пилла (бад будани сифати тухмии кирмак) ва кам шудани ҳаҷми истеҳсоли асал ба ҳисоб меравад. Иловатан, сабаби дигари он, дар соли 2010 коҳиш ёфтани арзиши маҳсулотҳои кишоварзӣ мебошад.

*Диаграммам №6. Ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳияи Ғончӣ*




Дар соли 2010 дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия, ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ 88,2%-ро ташкил додааст. Соли 2010 ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ 201134 хазор сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2009 - 1,3 фоиз кам шудааст. Чуноне, ки аз ҷадвали поён бармеояд, дар ноҳияи Ғончӣ рӯёнидани ҳосили маҳсулотҳои растанипарварӣ аз боду ҳаво вобастагӣ дорад. Агар дар соли 2008 аз 32330 га замин, ҳамагӣ ҳосили ғалладонагиҳо 13440 тоннаро ташкил дода бошад, бо сабаби мусоид омадани боду ҳаво, майдони кишти ғаладонагӣ аз майдони умумии кишти зироатҳои кишоварзии соли 2010 - 75,0 %-ро ишғол намудааст, ки аз он 91,1% гектараш замини лалмӣ мебошад. Дар соли 2010 аз 31978 га замин, ҳосили ғалладонагиҳо 40785 тоннаро ташкил додаст, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2008 се маротиба зиёд мебошад. Маҳсулоти ғаладонагӣ дар истеҳсоли ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия 23,2%-ро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №10. Ҳосилнокӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ*

| Намуди маҳсулотҳои кишоварзӣ | Соли 2008 | | | Соли 2009 | | | Соли 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Майдони кишт (га) | Ҳосилнокӣ (с/га) | миқдор (тн) | Майдони кишт (га) | Ҳосилнокӣ (с/га) | миқдор (тн) | Майдони кишт (га) | Ҳосилнокӣ (с/га) | миқдор (тн) |
| Ғалладонагӣ | 32330 | 6,7 | 13440 | 30622 | 13,2 | 39325 | 31978 | 12,9 | 40875 |
| Сабзавот | 656 | 310,6 | 23402 | 706 | 247,4 | 18318 | 704 | 271,3 | 2174 |
| Картошка | 3390 | 284,1 | 98085 | 3572 | 274,7 | 98101 | 3241 | 302,8 | 100362 |
| Меваҷот | 1724 | 82,3 | 8138 | 1742 | 20,7 | 2321,5 | 1744 | 24,1 | 2727 |
| Ангур | 698 | 22,8 | 1132 | 710 | 25,4 | 746,1 | 610 | 3,2 | 65 |
| Хӯроки чорво | 2793 | 115,1 | 32154 | 4195 | 123,5 | 51793 | 3427 | 117,7 | 40352 |
| Полезӣ | 77 | 95,5 | 772 | 250 | 85,6 | 1539 | 258 | 55,7 | 1487 |

Дар ноҳия дар соли 2010 ҳосилнокии картошка нисбат ба соли 2005 191,4 фоиз афзудааст ва мутаносибан дар ноҳия 47919 тн зиёд ҳосили картошка ба даст оварда шудааст.

Дар ноҳияи Ғончӣ соҳаи картошкапарварӣ нақши муҳимро мебозад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар ноҳия дар соли 2010 ҳосили гирифташудаи картошка 44,6%-и ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳияро ташкил додааст. Сабаби асосии зиёд шудани истеҳсоли картошка, баланд шудани ҳосилнокии маҳсулот ва ҳамзамон, баланд рафтани нархи картошка дар бозорҳои ҷумҳурӣ мебошад. Дар ду соли охир, аз ҷумла солҳои 2009-2010 ноҳияи Ғончӣ дар миқёси ҷумҳурӣ манбаи асосии истеҳсоли картошкаи тухмӣ мебошад. Асосан, картошкаи тухмӣ ба ноҳияҳои ҷануби ҷумҳурӣ, ба водии Рашт, ноҳияҳои тобеи марказ ва вилояти Хатлон фиристода мешаванд.

Сол то сол истеҳсоли картошкаи тухмӣ дар ноҳия афзуда истодааст, аз ҷумла агар истеҳсоли картошкаи тухмӣ дар соли 2008-2000 тонна ва дар соли 2009 – 2300 тоннаро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2010 – 2500 тоннаро ташкил намудааст ва он ба минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ фиристода шудааст. Дар ноҳия асосан тухмиҳои картошкаҳои намуди «Пикассо», «Кардинал» ва ғайра дар ҷамоати деҳоти Овчӣ ва қисман дар ҷамоати деҳоти Калининобод истеҳсол карда мешавад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар ноҳияи Ғончӣ имконияти васеи истеҳсоли картошкаи тухмӣ мавҷуд мебошад.

Хоҷагиҳое, ки ба парвариши картошка сару кор доранд, мушкилотҳои хешро дар норасоии оби иригатсионӣ дар мавсими обёрӣ, гаронбаҳо будани нархи нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо, сифати ғайриқаноатбахши тухмӣ, зиёд гаштани шумораи ҳашаротҳои зараровар ва афзоиши касалиҳои сироятӣ мебинанд. Дар мавриди ҳал намудани мушкилотҳои мазкур, имконияти то 350-400 сентнер баланд бардоштани ҳосилнокии картошка мавҷуд мебошад. Сол то сол баланд шудани сатҳи гирифтории ҳосили картошка ба касалиҳои гуногун, аз ҷумла фитофтороз, макроспориоз, ризоктониоз, парша, столбур ва дигар касалиҳои сироятӣ мушоҳида мешавад. Дар заминҳои парвариши картошка, ҳашаротҳои зараровар, аз ҷумла симкирмакҳо, ҳалқакирмҳо, кирми шапараки тирамоҳӣ ва ҷуки колорадӣ паҳн гардидааст.

*Ҷадвали №11. Нишондиҳандаҳои соҳаи картошкапарварӣ*

| № | Солҳо | Майдони кишт (га) | Ҳосилнокӣ (с/га) | Истеҳсол (тонна) | Фурӯши картошка (тн) | Даромаднокӣ ё зиёноварӣ бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2000 | 2547 | 90,4 | 23024 | 16124 | 12,3 |
| 2 | 2005 | 2799 | 188,2 | 52443 | 44680 | 21,2 |
| 3 | 2006 | 3014 | 186,4 | 56185 | 48400 | 23,2 |
| 4 | 2007 | 3667,5 | 277,4 | 101737 | 93620 | 38,0 |
| 5 | 2008 | 3390 | 284,1 | 98085 | 89780 | 35,0 |
| 6 | 2009 | 3572 | 274,7 | 98101 | 89600 | 31,0 |
| 7 | 2010 | 3241 | 302,8 | 100362 | 91865 | 41,0 |

**Соҳаи сабзавоткорӣ** дар ноҳия баъд аз соҳаи картошкапарварӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба шумор рафта, дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҷмӯии маҳсулоти кишоварзӣ нақши калонро мебозад (11%). Новобаста аз ин, дар солҳои охир камшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи сабзавоткорӣ ба назар мерасад. Дар соли 2010 ҳосили гирифташудаи сабзавотҳо 21704 тоннаро ташкил дод, ки нисбати соли 2008 ба 7,3 % коҳиш ёфтааст. Сабзавоткорони ноҳия асосан ба истеҳсоли пиёз, сабзӣ ва помидор машғул мебошанд. Қобили зикр аст, ки қисми асосии маҳсулоти истеҳсолшудаи сабзавот ба ноҳияҳои ҳамсоя ва минтақаҳои дигари Тоҷикистон содирот мешавад.

**Мушкилиҳои асосии соҳаи растанипарварӣ** ин паст шудани даромаднокӣ аз ҳисоби баланд шудани арзиши нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ, заҳрхимикатҳо, баланд будани ҳаққи хизмати обрасонии хоҷагии давлатии об, номукаммалии низоми андозбандии заминҳои бо насос обёришаванда ва хоҷагиҳои навташкили деҳқонии инфиродӣ, фарсудагии техникаи кишоварзӣ, амалан ҷорӣ нашудани киштгардон, номукаммал будани танзими пардохти музди меҳнат дар сатҳи хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аз кор рафтани му-

тахассисони соҳибтаҷриба, дастрасӣ надоштан ба қарзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат, ки махсусан барои харидани тухмии хушсифат, сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ ва қисмҳои эхтиётӣ зарур мебошад, мавҷуд набудани корхонаҳои замонавии коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, гаронарзиш будани техникаҳои кишоварзӣ ва баланд будани фоизҳои хизматрасониҳои ташкилотҳои лизингӣ, набудани системаи ягонаи мубориза кимиёвӣ дар сатҳи вилоят бар задди ҳашаротҳои зараррасон (аз ҷумла малах), фарсуда гардидани низомҳои ирригатсионӣ ва эрозияи заминҳо, ба шумор меравaнд.

***Богу токпарварӣ.*** Обу ҳавои мусоиди минтақаи болоии ноҳия (ҷамоатҳои Овчӣ, Калининобод, Росровут, Далёни Боло ва Муҷун) барои парвариши дарахтони мевадиҳанда, хусусан нок ва себ мусоид буда, дар минтақаи поёнии ноҳия (ҷамоатҳои деҳоти Ғазантарак, Яхтан ва Шаҳрак) парвариши боғ ва ток ба роҳ монда шудааст. Майдони умумии боғҳои мевадиҳанда дар соли 2010 -1744 га ва майдони ангурзор 610 гектарро ташкил додааст.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, дар соли 2010 истеҳсоли ангур (17 маротиба) ва меваҷот (3,4 маротиба) нисбат ба соли 2008 коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулотҳои зикршуда, пеш аз ҳама номусоидии боду ҳаво мебошад. Ҳосили дарахтони мевадиҳанда аз шароити иқлим ва таъминот бо оби полезӣ вобастагии калон дорад.

Мушкилотҳои асосии соҳаи мазкур, бо роҳи мутамарказонида ташкил накардани коркарди агрохимиявии боғу токзор ҷиҳати мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зарарасон (дар минтақаи поёнии ноҳия вобаста ба шароити иқлими маҳал ва хусусиятҳои биологӣ, касалиҳо ва инкишофи ҳашароти зарарасон ба нашъунамои дарахтони мевадор зиёни калон расонида истодаанд), норасоии техникаи махсус (коркарди кимёвии боғу токзорҳо) ва набудани корхонаҳои коркарди мева, бад будани ҳолати мелиоративии боғу токзорҳо (солҳои охир аз норасогии оби полезӣ ҳосилнокии ангур хеле паст гардида, майдони бисёр токзорҳо (тақрибан 100 га) хушк гардиданд), ба шумор меравад. Аз тарафи дигар, дар натиҷаи сардии аз ҳад зиёди боду ҳаво дар моҳҳои март ва апрел, дарахтони мевадор гул мекунанд аммо мева намедиҳанд.

*Ҷадвали №12. Бунёди боғу токзор дар ноҳияи Ғончӣ дар давоми солҳои 2005-2010. (гектар)*

| Номгӯй | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
| Бунёди боғҳои нав | 43,5 | 165,5 | 88,85 | 110,74 | 60,2 | 123 |
| Бунёди токзори нав | 0,4 | 10,2 | 13,6 | 34,2 | 34,2 | 2,3 |
| Барқарорсозии боғот | - | - | 2,2 | 14,2 | 16,2 | 33,5 |
| Барқарорсозии токзор | - | - | 14 | 3,8 | 4 | 19,4 |

Дар ноҳияи Ғончӣ барои парвариши сабзавот ва кабутиҳо ҳамагӣ ду гармхона ташкил гардидааст, лекин бо сабаби хурд будани масоҳати гармхонаҳо ва аз ҳад зиёд баланд будани нархи сӯзишворӣ, фаъолияти ин гармхонаҳо ба талабот ҷавобгӯ намебошад.

Солҳои охир ташкилотҳои ғайридавлатӣ (ТҒД) дар ҷамоатҳои деҳоти Овчӣ ва Калининобод, барои дар хонаҳои шахсӣ (21 оила) ташкил намудани гармхонаҳо, ёрии амалӣ расонида истодаанд.

Ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи ноҳияи Ғончӣ, дар бозорҳои беруна ва дохилӣ талабот зиёд мебошад. Бинобар он, роҳҳои нави коркарди агротехникии заминҳоро ба роҳ мондан лозим аст. Дар ноҳия якчанд ТҒД бо гузаронидани семинарҳо ва омӯзишҳо, роҳҳо, усулҳои коркарди агротехникиро бо роҳи таҷрибавӣ омӯзонида истодаанд. Ташкилоти хайриявии байналхалқии «Ҷовид», ба 160 хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия барои иҷрои корҳои ҳисоботӣ ёрии амалӣ расонида, бо Барномаи «Беҳтар гардонидани сатҳи зист ва беҳбудии иҷтимоии мардуми деҳот дар минтақаи вилояти Суғд (Ғончӣ) тавассути дастгирии ташаббус ва ислоҳот дар рушди иқтисод ва инкишофи соҳаи кишоварзӣ», ТҒД «Орди Нов» бо лоиҳаи «Рушди устувори минтақавӣ бо роҳи

идоракунии захираҳои табиӣ дар вилояти Суғд (ҷамоати Калининободи ноҳияи Ғончӣ)», ташкилоти байналхалқии «Чезви» - Италия бо лоиҳаи «Зиёд намудани даромаднокии хоҷагии қишлоқ дар ноҳияи Ғончӣ ва Спитамен, тавассути инкишофи силсилаҳои арзиши иловагӣ дар корбурди хоҷагии хурд», фаъолият намуда истодаанд.

***Обтаъминкунӣ.*** Дар шароити ноҳияи Ғончӣ масъалаи таъминоти оби полезӣ, яке аз масъалаҳои асосии ҳалталаб мебошад. Бо оби полезӣ таъмин намудан ва беҳтар гардонидани ҳолати заминҳои кишоварзӣ, яке аз мушкилотҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад. Дар айни замон, ҳолати мелиоративии заминҳои ноҳия ғайриқаноатбахш мебошад. Қобили зикр аст, ки таъминоти оби полезӣ барои заминҳои кишоварзии ноҳияро ду ташкилот ба ӯҳда гирифтаaанд, аз ҷумла Идораи давлатии хоҷагии оби ноҳияи Ғончӣ 33% ва обтаъминкунандаи асосӣ - Идораи давлатии хоҷагии оби ноҳияи Истаравшан 67%-и обтаъминкунии заминҳои кишоварзии ноҳияро ба ӯҳда доранд.

Мушкилоти асосии соҳа вобаста будани хоҷагии обтаъминкунии ноҳияи Ғончӣ аз ташкилоти обтаъминкунии ноҳияи Истаравшан мебошад. Сарчашмаи обтаъминкунии ноҳия, ин манбаи оби Басмандасой буда, иншооти асосии обтаъминкунӣ ба ташкилоти обтаъминкунии ноҳияи Истаравшан мансуб мебошад. Ташкилоти мазкур дар давоми шаш моҳ (яъне аз 1 октябр то 1 апрел) дар обанбори Каттасойи ноҳияи Истаравшан обро захира менамояд (он асосан барои таъмини хоҷагиҳои ноҳияи Истаравшан истифода мегардад) ва дар мавсими обёрӣ аз ҳисоби манбаи оби Басмандасойи ноҳия ба хоҷагиҳои минтақаи болоии ноҳияи Ғончӣ хизмат мерасонад.

Дар мавсими захира намудани об, Идораи давлатии хоҷагии оби ноҳияи Ғончӣ ҳамагӣ 400 литр/сония аз обанбори Басмандасой об мегирад. Бо ин сабаб, хоҷагии обтаъминкунии ноҳияи Ғончӣ дар обанбори Даҳанасой, ки хоҷагиҳои ноҳияи Ғончиро бо об таъмин менамояд, обро ба қадри зарурӣ захира (38%) карда наметавонанд. Дар шароити имрӯза, барои обёрии заминҳои мавҷудаи ноҳияи Ғончӣ ва таъмини талаботи хоҷагиҳои ноҳия ба об, дар обанбори Даҳанасой захира намудани 19 млн. метрии мукааб об лозим мебошад. Дар асл, иқтидори обанбори Даҳанасой 42 млн. метрии мукааб буда, тавассути пурра захира намудани чунин миқдор об, он имконият дорад, ки зиёда аз 11 ҳазор гектар заминҳои лалмии минтақаи поёнии ноҳияи Ғончиро бо оби полезӣ таъмин намояд.

Мушкилоти асосии ин соҳа, ин аз аввал (дар даврони шӯравӣ) номукамал будани тақсимоти об дар байни ноҳияҳо буда, бояд ин масъала дар сатҳи Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан, дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли худро ёбад.

Ҷамъи суръати манбаъҳои оби ноҳияи Ғончӣ 4 $м^3$/сонияро ташкил дода, он барои обёрии 4,5-5,0 гектар замини кишоварзӣ кофӣ мебошад. Дар ҳоле, ки тирози замини обии кишоварзӣ дар ноҳия 14300 гектарро ташкил медиҳад, 9300 гектар заминҳои обии боқимонда, шартан обӣ ба ҳисоб мераванд (яъне таъминоти пурраи об нокифоя аст). Меъёри мавҷудаи обёрӣ 1 литр дар 1 сония буда, дар асл ин нишондод дар ноҳияи Ғончӣ ба 0,285 литр/сония баробар мебошад.

*Ҷадвали №13. Иншоотҳои обтаъминкунии ноҳияи Ғончӣ*

| № | Номгӯи иншоотҳои обтаъминкунӣ | Шумораи иншоотҳои обтаъминкунӣ | Соҳиби иншоот | Дарозии қубурҳои обгузар | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Ҳамагӣ (км) | Аз он ҷумла тоза карда шудааст (км) |
| 1 | Сарбанди обгирӣ | 1 адад | ИДХО Истаравшан | | Тоза нашудааст |
| 2 | Хатҳои обгузари пӯшида | 1 адад | ИДХО Истаравшан | 24 | |
| 3 | Хатҳои обгузарии кушода | 1 адад | ИДХО Истаравшан | 24 | |
| 4 | Нуқтаҳои тақсимоти об | 2 ҳавзи обтақсимкунӣ | ИДХО Истаравшан | 2 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Минтақаи хизматрасонӣ | 6380 га | ИДХО Истаравшан | 6380 га | |
| 1 | Обанбори Даҳанасой, Иқтидор - 42,0 ҳ. м³ | 3526 га | ИДХОК Ғончӣ | 16,2 ҳ.м³ | Тоза нашудааст |
| 2 | Хатҳои обгузари латокӣ | 1 адад | ИДХОК Ғончӣ | 4,6 км | |
| 3 | Хатҳои обгузари пӯшида | 1 адад | ИДХОК Ғончӣ | 32,45 км | |
| 4 | Чоҳи амудӣ -19 адад | 742 га | ИДХОК Ғончӣ | 742 га | |
| 5 | Каналҳои обгузар (ОК-3 ва ОК-4) | 424 га дар н. Ғончӣ 2448 га дар н. Истаравшан | ИДХОК Ғончӣ | 1,89 км 6,54 км | |

*Диаграммаи 7. Ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда. (га)*




Аз таҳлилҳо бармеояд, ки 37,1 фоизи заминҳои корам, заминҳои наздиҳавлигӣ, заминҳои президентӣ ва дарахтзорҳо, обӣ ҳисобида мешаванд, лекин аз ин миқдор заминҳо (16454 га) аз меъёри обёрии дар боло қайдгардида маълум мегардад, ки 74,8 фоизи заминҳои обӣ, шартан обӣ мебошанд. Дар як фасли обёрӣ, заминҳои шартан обӣ 2 ё 3 маротиба обёрӣ мешаванду халос.

*Ҷадвали №14. Қарзи хоҷагиҳо аз ИДХОК-и ноҳияи Ғончӣ (ҳазор сомонӣ)*

| Соли 2008 | | | Соли 2009 | | | Соли 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | Аз он ҷумла | | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла | | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла | |
| | Хоҷагиҳои н. Ғончӣ | Хоҷагиҳои н. Истаравшан | | Хоҷагиҳои н. Ғончӣ | Хоҷагиҳои н. Истаравшан | | Хоҷагиҳои н. Ғончӣ | Хоҷагиҳои н. Истаравшан |
| 386,8 | 100,9 | 285,9 | 476,9 | 130,5 | 346,4 | 357,0 | 71,3 | 285,7 |

Мушкилоти дигари хоҷагиҳои обтаъминкунӣ, қарздор будани хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия аз рӯи пардохти нархи оби полезӣ дар назди ИДХОКС-и Истаравшан ва ИДХОК-и Ғончӣ буда, дар соли 2010 хоҷагиҳои ноҳия ба маблағи 526,6 сомонӣ қарздор мебошанд, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2008 16,8 % зиёд гардидааст.

*Ҷадвали 15. Қарздории хоҷагиҳои ноҳияи Ғончӣ аз ИДХОКС-и н. Истаравшан (ҳазор сомонӣ)*

| Солҳо | Соли 2008 | Соли 2009 | Соли 2010 |
|---|---|---|---|
| Маблағи қарз | 78,0 | 71,2 | 60,0 |

Муаммои дигари хоҷагиҳои обтаъминкунӣ, маҳдуд будани таъминоти қувваи барқ мебошад. Бояд зикр намуд, ки дар ҳудуди ноҳияи Ғончӣ, бо сабаби маҳдуд будани захираҳои об, Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об вуҷуд надорад.

Мутахассисони соҳа пешниҳод менамоянд, ки нархи оби худҷоришаванда, нисбат ба нархи оби бо воситаи пойгоҳҳои обкашӣ таъминшаванда паст карда шавад, зеро айни ҳол, нархи оби худҷоришаванда ва оби бо пойгоҳҳои обкашӣ таъминшаванда як хел буда, қиммати он барои 100 л/с дар як шабонарӯз, 153 сомониро ташкил медиҳад.

Барои таъмини кори бонизом ва мусоиди Корхонаҳои обтаъминкунандаи ноҳияи Ғончӣ, бояд таъмири куллии пойгоҳҳои обкашӣ ва чоҳҳои амудиро анҷом дода, ба низоми тақсимоти оби обамбори Басмандасойи ноҳия тағйироти дахлдор ворид намудан лозим аст.

***Чорводорӣ.*** Маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар ноҳия 11,8%-и ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзиро ташкил менамояд. Баъд аз тақсим гардидани хоҷагиҳои калони кишоварзӣ ба хоҷагиҳои хурди инфиродӣ, даромаднокии истеҳсолоти маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, асосан аз ҳисоби хоҷагиҳои аҳолӣ таъмин гашта истодааст.

*Ҷадвали №16. Истеҳсоли маҳсулотҳои чорводорӣ*

| Номгӯи маҳсулотҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
| Гӯшт (аз он ҷумла гӯшти парранда) | тн | 1644 | 993 | 994,5 | 1008 |
| Шир | тн | 8100 | 9767,7 | 9770 | 9893 |
| Тухм | ҳаз. дона | 318,6 | 268,8 | 279,5 | 283,0 |
| Пашм | тн | 87,9 | 59,9 | 65,2 | 105 |
| Асал | тн | 137 | 51 | 71 | 46 |

*Ҷадвали №17. Шумораи чорво ва паранда дар ноҳия*

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
| Моли калони шохдор | Сар | 40978 | 48698 | 56192 | 56097 |
| Аз он ҷумла модагов | Сар | 22103 | 24933 | 28961 | 28936 |
| Моли майда | Сар | 87826 | 98033 | 119295 | 119252 |
| Парранда | Сар | 40573 | 47231 | 49402 | 51891 |
| Асп | Сар | 1189 | 1130 | 1004 | 1090 |

Таҳлили нишондиҳандаҳои соҳа собит месозад, ки зиёдшавии саршумори чорво, парранда ва истеҳсоли маҳсулоти он, асосан аз ҳисоби аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ба амал меояд.

Аз он сабаб, ки дар ноҳия корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ (гӯшт ва шир) мавҷуд нест, аҳолии ноҳия ширро ба маҳсулоттайёркунандагон ва тоҷирони яклухт мехаридагӣ бо арзиши арзон мефурӯшанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саршумори моли калони шохдор дар соли 2010 нисбати соли 2009 (0,2 фоиз) коҳиш ёфтааст. Саршумори моли майда ва парранда ҳам нисбати соли 2009 на он қадар зиёд афзудааст. Солҳои охир соҳаи чорводорӣ барои ноҳияи Ғончӣ соҳаи камдаромаднок гардидааст. Чунки, арзиши нархи маҳсулотҳои чорводорӣ нисбати хароҷотҳои барои истеҳсоли он сарфшуда (гарон будани кунҷора, дар ноҳия мавҷуд набудани осиёбҳои истеҳсоли хӯроки чорво) паст мебошад.

Зиёд гардидани саршумори моли калони шохдор ва моли майда дар хоҷагиҳои хусусӣ ва барҳам хӯрдани молхонаҳои комплексии барои молҳои калони шохдор ва моли майда пешбинигардида, ҳамзамон ба кам гардидани зотҳои чорво оварда расонид.

Ширҷӯшӣ дар соли 2010 дар як сол 514,9 литр аз як модагов, гӯсолагирӣ аз 100 сар 37,6 сар ва наслгирӣ аз моли майда аз 100 сар 83,7 сарро ташкил медиҳаду халос.

Дар ноҳия ҳамагӣ 6 нуқтаи бордоркунӣ ташкил гардидааст. Чорводорони ноҳия барои нигоҳдории моли майда дар фасли зимистон ҷойи муайян надоранд. Бо сабаби гарон будани нархи доруворӣ барои ҳайвонот, ҳайвоноти ноҳия дар вақташ аз назорати бойторӣ гузаронида намешавад. Нуқтаҳои қабули пӯст ва пашми ҳайвонот дар ноҳия мавҷуд набуда, бисёр ҳолатҳо ҳаннотон бо нархи арзон аз аҳолӣ маҳсулоти зикргардидаро харид менамоянд.

Дар ҳудуди ноҳия чойҳои алоҳидае, ки дар онҳо молҳои аз касалиҳои сирояткунанда фавтида бояд гӯронида шаванд, мавҷуд нест.

Дар ноҳия идораи бойторӣ, ташхисгоҳи бойторӣ ва танҳо як адад дорухонаи байторӣ фаъолият мебаранд.

**Занбӯрпарварӣ** дар ноҳияи Ғончӣ баъд аз тасдиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 338 аз 1 сентябри соли 2005 «Дар бораи барномаи барқарорсозӣ ва рушди соҳаи занбӯрпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010», аз нав эҳё ва дар асоси он занбӯрпарварон ба Ассотсиатсияи занбӯрпарварони ноҳияи Ғончӣ муттаҳид карда шуданд. Ассосиатсия 18 нафар аъзо дошта, дар соли 2009 аз 1800 оила занбӯри асал 36 тонна ва соли 2010 аз 2200 оила 46 тонна асал истеҳсол карда, ба фурӯш бароварданд.

Мушкилотҳои асосии соҳаи мазкур, набудани мутахасисони баландихтисос, мавҷуд набудани низоми муосири тайёр намудани занбӯрпарварон, норасоии оилаҳои занбӯри хушзот, таҷҳизоти замонавӣ ва маводу дастурҳои таълимӣ мебошад.

**Таъминот бо техникаи кишоварзӣ.** Соҳаи кишоварзии ноҳия бо техника ба таври кофӣ таъмин намебошад. Аз замони пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ инҷониб, ба хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия техникаи ҳозиразамон дохил нашудааст.

Баъд аз хусусӣ шудани корхонаи «Агропромтехснаб»-и ноҳия, техникаҳои мавҷуда ба хоҷагиҳои ноҳия тақсим гардидааст.

*Ҷадвал №18. Ҳолати техникаҳои кишоварзии ноҳияи Ғончӣ. (ба 1 январи соли 2011)*

| Номгӯи техникаҳои кишоварзӣ | Ченак | Ҳамагӣ | Аз он, коршоям | %-и корношоямӣ |
|---|---|---|---|---|
| Тракторҳо | адад | 115 | 58 | 50,4 |
| -аз он ҷумла, шудгоркунанда | адад | 39 | 16 | 41,0 |
| Автомобили боркаш | адад | 61 | 23 | 37,7 |
| Комбайни ғалладарав | адад | 26 | 12 | 46,2 |
| Ядакҳои тракторӣ | адад | 60 | 37 | 61,7 |
| Достҳои тракторӣ | адад | 19 | 9 | 47,4 |
| Алафҷамъкунакҳо | адад | 16 | 11 | 68,8 |
| Боркунандаҳо | адад | - | - | - |
| Комбайнҳои ҷамъоварандаи хӯроки чорво | адад | - | - | - |
| Комбайнҳои ҷамъоварандаи ҷуворимакка | адад | - | - | - |
| Комбайнҳои ҷамъоварандаи картошка | адад | - | - | - |
| Тухмипошак | адад | 18 | 13 | 72,2 |
| Испорҳои тракторӣ (плуг) | адад | 47 | 35 | 74,5 |
| Тойбандҳо | адад | 7 | 3 | 42,9 |

Аз соли 1995 инҷониб ба хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия ягон намуди техникаи нави кишоварзӣ ворид нагаштааст. Дар баробари кӯҳнаю фарсуда будани техникаҳои мавҷуда, норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, гаронии нархи маводҳои мазкур, истифодаи самараноки техникаро маҳдуд гардонида, ба баланд шудани арзиши аслии маҳсулот оварда мерасонад, ки ин дар навбати худ имконияти ба берун аз ҳудуди кишвар ба фурӯш баровардани маҳсулоти кишоварзиро маҳдуд менамояд.

*Ҷадвали №19. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи кишоварзии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2013-2015. (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ҳаҷми махсулоти кишоварзӣ – ҳамагӣ | 225112 | 255962 | 267945 | 271530 | 273845 | 121,6 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Зироаткорӣ | 192447 | 219689 | 229470 | 232710 | 234950 | 122,1 |
| Чорводорӣ | 32665 | 36273 | 38475 | 38820 | 38895 | 119,1 |

Мувофиқи дурнамо ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ то соли 2015 бояд ба 273,8 млн сомонӣ расонида шавад, ки афзоиши он нисбати соли 2011-ум 121,6 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №20. Ҳисоби истеҳсоли ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳияи Ғончӣ аз руи намудҳои маҳсулот ва соҳаҳо барои солҳои 2011– 2015 (бо ҳисоби аслӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисба-ти с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ | | | | | | |
| Ғалладона – с/га | 5,5 | 12,5 | 12,8 | 12,9 | 13,0 | 236,4 |
| аз ҷумла гандум – с/га | 6,5 | 13,0 | 13,0 | 13,1 | 13,2 | 203,1 |
| Пахта – с/га | 5,3 | 8,0 | - | - | - | - |
| Тамоку – с/га | - | - | -- | - | - | - |
| Картошка – с/га | 268,9 | 276,0 | 277,0 | 278,7 | 300,0 | 111,6 |
| Сабзавот – с/га | 227,9 | 250,0 | 260,0 | 261,0 | 270,0 | 118,5 |
| Полезии хӯрокворӣ – с/га | 66,9 | 75,0 | 77,0 | 78,0 | 80,0 | 119,6 |
| Мевагӣ – с/га | 31,3 | 25,0 | 28,0 | 29,0 | 31,5 | 100,6 |
| Ангур – с/га | 16,1 | 20,0 | 22,0 | 24,0 | 25,0 | 155,3 |
| | | | | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти зироатҳои кишоварзӣ дар вазни натуралӣ | | | | | | |
| Ғалладона – тонна | 10491 | 38870 | 39700 | 39990 | 38805 | 370,0 |
| аз ҷумла гандум – тонна | 3958 | 12740 | 12850 | 12960 | 13130 | 331,7 |
| Пахта – тонна | 29 | - | - | - | - | - |
| Тамоку – тонна | - | - | - | - | - | - |
| Картошка – тонна | 112154 | 112500 | 113000 | 114000 | 115000 | 102,5 |
| Сабзавот – тонна | 21713 | 20000 | 20850 | 21000 | 21800 | 100,4 |
| Полезии хӯрокворӣ – тонна | 1903 | 2025 | 2090 | 2130 | 2200 | 115,6 |
| Мевагӣ –тонна | 4844 | 4500 | 4600 | 4700 | 4850 | 100,1 |
| Ангур –тонна | 842 | 830 | 845 | 850 | 852 | 101,2 |
| | | | | | | |
| Маҳсулотнокии саршумори чорво ва парранда – сар | | | | | | |
| Ҳайвони калони шохдор – сар | 56312 | 56390 | 56480 | 56500 | 56550 | 100,4 |
| аз шумораи Ҳ.К.Ш. модагов – сар | 30200 | 30260 | 30300 | 30360 | 30400 | 100,7 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| бӯзу гӯсфанд – сар | 120959 | 121000 | 121100 | 121150 | 121200 | 100,2 |
| Истеҳсоли маҳсулотҳои чорводорӣ бо вазни натуралӣ | | | | | | |
| Гӯшти чорво ва парранда бо вазни зинда - тонна | 1041 | 1045 | 1047 | 1050 | 1055 | 101,3 |
| Шир – тонна | 10217 | 10220 | 10225 | 10230 | 10235 | 100,2 |
| Тухм –ҳаз. дона | 322,0 | 325,0 | 330,0 | 331,0 | 332,0 | 103,1 |
| Пашм бо вазни физикӣ – тонна | 121 | 121,5 | 122 | 123 | 125 | 103,3 |
| Пилла – тонна | 11 | 15 | 15 | 15 | 17 | 154,5 |
| Асал - тонна | 16 | 20 | 25 | 28 | 30 | 187,5 |

### 2.1.2. САНОАТ

***Мавқеи саноат дар иқтисодиёти маҳаллӣ***. Соҳаи саноат яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти ноҳия ба шумор рафта, ҷиҳати рушди иқтисодиву иҷтимоии минбаъдаи ноҳия ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии он нақши муҳим дорад.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2010 ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (5111,8 ҳазор сомонӣ) нисбат ба маҳсулоти маҷмӯии дар ноҳия истеҳсолшуда (284674,4 ҳазор сомонӣ) 1,8 %-ро ташкил дод.

*Диаграмма 8. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Ғончӣ дар солҳои 2008-2010.*




***Муаммоҳои асосӣ.*** Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, ки бештари корхонаҳои саноатӣ дар он давра таъсис шуда буданд ва нисбатан самаранок фаъолият мекарданд, аз байн рафтани низоми идоракунии мутамарказонидашуда, канда шудани робитаҳои хоҷагидорӣ, пайдо шудани монеаҳои гумрукӣ, пош хӯрдани системаи ягонаи бонкии байни давлатӣ, бад шудани муҳит ва фазои сиёсии дохилӣ, бӯҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ ва ғайраҳо ба истеҳсолоти саноатӣ таъсири манфӣ расониданд. Дар ин давра, шароитҳои нави иқтисодиву иҷтимоӣ, барои корхонаҳои саноатӣ талаботҳои навро ба вуҷуд оварда, гузариши онҳоро ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва моликият тақозо менамуданд.

Дар айни замон, дар ноҳия соҳаи саноат ба таври кофӣ тараққӣ накардааст. Самти асосии соҳаи саноат - саноати сабук, хӯрокворӣ ва истеҳсоли маводи сохтмон мебошад. Дар ноҳия ҳамагӣ 5 адад корхонаҳои саноатӣ фаъолият менамоянд, аз ҷумла:

- Корхонаи истеҳсоли хишти ҶММ «ҲАҶМИС».
- Заводи хиштбарории ноҳияи Ғончӣ.
- Бахши «Заводи консервабарорӣ».
- Матбааи ноҳиявӣ.
- ҶДММ «Ороста».

Дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли корхонаҳои хиштбарорӣ, нақши хосаро (72,8 %) ишғол менамояд. Аз панҷ адад корхонаҳои саноа-

тии ноҳия, танҳо заводи хиштбарории шаҳрак, ҶММ «ҲАҶМИС» ва бахши заводи консервабарории ноҳия ба таври мавсимӣ фаъолият мебаранд. Сабабҳои ба таври мавсимӣ фаъолият кардани корхонаҳои дар боло қайд гардида, маҳдудияти таъминоти барқ, аз ҳад гарон будани нархи сӯзишворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ, набудани шароити корӣ, мебошад.

Дар соҳаи саноати ноҳияи Ғончӣ 85 нафар фаъолият менамоянд, ки (0,1 %) шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат (78628 нафар) –и ноҳияро ташкил менамоянд ва аз шумораи умумии кормандони корхонаҳои саноатӣ (55 нафар) 65% занҳо мебошанд. Маоши миёнаи кормандони корхонаҳои саноатӣ дар соли 2010 - 159,5 сомониро ташкил дод. Бинобар паст будани сатҳи музди меҳнат дар корхонаҳо, дар ноҳия тамоюли аз кор рафтани мутахассион ва кормандони соҳибтаҷриба ҷой дорад. Айни замон, дар корхонаҳои саноатии ноҳия 38 ҷойҳои кории холӣ мавҷуд мебошад, аммо бо сабаби паст будани музди меҳнат, корҷӯён ба ин корхонаҳо ба кор намеоянд.

*Ҷадвали №21. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои ноҳияи Ғончӣ*

| Номгӯи корхонаҳо | Истеҳсоли маҳсулот бо намуди аслӣ | | | | Ҳаҷми маҳсулот (ҳаз.сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Воҳ.ченак | Солҳо | | | Солҳо | | |
| | | 2008 | 2009 | 2010 | 2008 | 2009 | 2010 |
| Ҷамъияти матлубот<br>- нон ва анвои булка | тн | 135 | 161 | 101,5 | 51520 | 74020 | 144800 |
| Заводи хиштбарории шаҳраки Ғончӣ<br>-хишти пухта | ҳ.дона | 1834 | 1838 | 1709,2 | 332570 | 353470 | 358530 |
| ҶДММ «Ороста»<br>-матои трикотажӣ аз пахта<br>-борхалта<br>-дастпӯшак<br>-ҷойшаб<br>-пайпоқ(чулок)<br>-хилъати занона | ҳазор кг<br><br>ҳ. дона<br>ҳ. дона<br>комплект<br>ҳ.дона<br>дона | 12,1<br><br>0,5<br>-<br>-<br>-<br>- | 5,06<br><br>-<br>-<br>-<br>-<br>- | -<br><br>-<br>35<br>500<br>16<br>245 | 53202 | 53300 | 54206 |
| Матбааи ноҳия -бланкаҳо | ҳ.варақ | 78,2 | 54 | 62,7 | 31528 | 31550 | 32900 |
| Филиали ҶСК « ХКК-Заводи консервабарорӣ»<br>-компоти сабзавотӣ<br>-компоти мевагӣ | ҳ.қ.ш. ҳ.қ.ш. | 433,2<br>270 | -<br>- | -<br>- | 440078 | - | - |
| ҶММ «ҲАҶМИС» –зав. хишти деҳаи Қизилӣ<br>- хишти хом<br>-хишти пухта | ҳ.дона<br>ҳ.дона | -<br>- | -<br>- | 846,07<br>564,4 | - | - | 261881 |
| Ҳамагӣ: | | | | | 908898 | 512340 | 852317 |

Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давоми солҳои охир нишон медиҳад, ки ҳарчанд дар ноҳияи Ғончӣ тамоюли афзоиши истеҳсоли маҳсулот ҷой дошта бошад ҳам (нисбат ба соли 2009 ба 66,3 % афзудааст), ин афзоиш дар ҷараёни паст шудани истифодаи иқтидорҳои саноатӣ сурат мегирад.

*Ҷадвали №22. Ҳолати корхонаҳои истеҳсолӣ*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Намуди маҳсулотҳои истесолшаванда | Иқдидори лоиҳавӣ | Иқтидори ҳозира | Ҳолати техникӣ | Истифода барандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷамъияти матлубот | Маҳсулотҳои хамирӣ | 200,0 тн | 101,5 тн | Таҷҳизотҳо кӯҳна гардида, мутахассисон намерасанд | Бозори дохилӣ |
| 2 | Заводи хиштбарорӣ | Хишти пухта | 16 млн дона дар як сол | 1,7 млн дона дар як сол | Таҷҳизотҳо кӯҳна гардида, мутахассисон намерасанд | Бозори дохилӣ |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | ҶДММ «Ороста» | Матоҳои трикотаҷӣ | 8000 намуд дар як рӯз | 200 намуд дар як рӯз | Намуди фаъолиятро дигар намудааст, мутахассисон намерасанд. Ба ҷои таҷҳизотҳои кӯҳна таҷҳизотҳои нав васл гардида истодааст | Якҷоя бо фабрикаҳои шаҳри Истаравшан ба хориҷи кишвар содирот менамоянд |
| 4 | Матбааи ноҳия | Газета Бланкаҳо | 5000 дона 300 ҳаз.варақ | - 62,7 ҳ.вар. | Таҷҳизотҳо фарсуда гардида дар ҳолати гайриқаноатбахш карор доранд | Бозори дохилӣ |
| 5 | Филиали ҶСК «ХКК-заводи консервабарорӣ» | Маҳсулотҳои компотӣ | 2 млн қуттии шартӣ дар як сол | 0,8 млн қ.ш. дар як сол | Қобилияти маҳсулотбарорӣ дорад, лекин бо сабаби гарон будани нархи маҳсулотҳои кишоварзӣ дар ду соли охир фаъолият накардааст Таҷҳизотҳои шаробистеҳсолкунӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш буда, барои истеҳсоли нӯшобаҳо таҷҷизотҳои нав васл гардидааст | Бахши заводи консерваи шаҳри Хуҷанд буда, содироти маҳсулоташ ба воситаи ин завод ба роҳ монда шудааст. |
| 6 | ҶММ«ҲАҶМИС» –заводи хишти деҳаи Қизилӣ | Хишти пухта | 5 млн дона дар як сол | 0,8 млн дона дар як сол | Дар соли 2010 ба фаъолият шурӯъ намуд. Таҷҳизотҳо дар ҳолати қаноатбахш мебошанд. | Бозори дохилӣ |
| 7 | Бозори номуташаккил | Маҳсулотҳо: орд, равған, хамирӣ, корҳои таъмирӣ ва ғ. | | | Корхонаҳои хурди хусусӣ | Бозори дохилӣ |

Дар бештари корхонаҳои саноатӣ сатҳи истифодаи иқтидорҳо ва майдонҳои истеҳсолӣ хеле паст мебошад ва сабаби асосии он, набудани маблағ, хусусӣ гардонида шудани корхонаҳо ва аз кор рафтани мутахассисони варзида мебошад.

Ҳудуди ноҳияи Ғончӣ аз захираҳои зиёди табиӣ, махсусан масолеҳи сохтмонӣ (санг, хок, шағал ва рег) бой мебошад, бинобар он, корхонаҳои саноатӣ ба мисли Корхонаи хиштбарории ноҳияи Ғончӣ ва ҶММ «ҲАҶМИС» (заводи хишти деҳаи Қизилӣ) асосан аз ашёи хоми маҳаллӣ истифода мебаранд.

**ҶСШК «Заводи хишт»-и ноҳияи Ғончӣ** соли 1972 ба фаъолият оғоз намуда, иқтидори лоиҳавии он 16 млн дона хишт буда, ду хатти технологии истеҳсоли хишт дорад ва ҳар яке бо тавоноии 8 млн. дона дар як сол, хишт истеҳсол менамояд. Номгӯи сарватҳои табиии ноҳияро гилхоки лёсӣ бо ҳаҷми захиравии 1999,7 ҳазор метри мукааб аз манбаи «Ғончӣ», ки дар ҳудуди заводи хиштбарорӣ ҷойгир шудааст ва ҳамчун ашёи хом истифода бурда мешавад, ташкил медиҳад. Корхонаи мазкур баъд аз якчанд маротиба иваз намудани шакли моликият, аз соли 2011 ҳамчун корхонаи ҶДММ «Хоки заррин» фаъолият бурда истодааст. Заводи хиштбарории шаҳраки Ғончӣ соли 2010–ум ҳамагӣ 1709,2 хазор дона хишти сохтмонӣ истеҳсол намуд.

Дар айни ҳол, таҷҳизотҳои корхона фарсуда гардида, ҳамагӣ як хатти технологии истеҳсоли хишт фаъолият мекунад ва дар як сол ҳамагӣ 1800-2000 ҳазор дона хишт истеҳсол мешаваду халос. Барои иваз намудани таҷҳизотҳо, корхонаи мазкур маблағи зарурӣ надорад. Мутахассисони соҳа бо сабаби паст будани сатҳи музди меҳнат аз кор рафтаанд.

**ҶММ «ҲАҶМИС» -** заводи хиштбарории деҳаи Қизилӣ навбунёд буда, дар соли 2010 ба истеҳсоли хишт оғоз намуд ва худи ҳамон сол 564,4 ҳазор дона хишти пухта ва 846,07 ҳазор дона хишти хом истеҳсол намуд. Заводи хишти мазкур иқтидори дар як сол

истеҳсол намудани то 5 млн дона хишти пухтаро дорад. Айни замон, даромаднокии корхонаи мазкур дар се моҳи фаъолияти соли 2010 261881 сомониро ташкил дод ва барои васеъ намудани ҳаҷми истеҳсолот имконияти васеъ дорад.

Дар соҳаи саноати хӯрокворӣ дар ноҳияи Ғончӣ ду корхона, аз ҷумла бахши заводи консервабарории ноҳия ва сехи нон ва анвои булкаи Ҷамъияти матлубот фаъолият мебаранд.

**Бахши заводи консервабарории ноҳия** дар даврони шӯравӣ яке аз корхонаҳои намоёнтарин дар вилояти Суғд оид ба истеҳсоли маҳсулоти шароб буд. Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ корхонаи Бахши заводи консерва фаъолияти худро қатъ намуда, солҳои тӯлонӣ аз кор монд. Солҳои баъди бисёр таҷҳизотҳои корхонаро канда ба корхонаҳои болоӣ (заводи консерваи шаҳри Хуҷанд) фиристоданд.

Бахши заводи консервабарории ноҳия, аз соли 2007 ба истеҳсоли шарбатҳои мевагӣ ва қуттиҳои сабзавотӣ шурӯъ намуд. Дар соли 2008 завод 703,2 ҳазор қуттии шартӣ компотҳои мевагӣ ва сабзавотӣ истеҳсол намуд. Бо сабаби бӯҳрони иқтисодию молиявии ҷаҳонӣ (маҳсулотҳои тайёргардида ба фурӯш нарафтанд) ва набудани маблағ, корхонаи Бахши заводи консервабарории ноҳия дар солҳои 2009-2010 фаъолият накард.

Тавононии завод дар 1 сол, 2 млн қуттии шартиро ташкил медиҳад.

Заводи мазкур солҳои охир мавсимӣ фаъолият менамояд. Барои корхонаи номбурда ашёи хом асосан аз хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия, ноҳияҳои Шаҳристону Спитамен ва аҳолии ноҳия харидорӣ мешавад.

**Коргоҳи (сехи) нон ва анвои булкаи Ҷамъияти матлуботи ноҳия** асосан ба истеҳсоли маҳсулотҳои нонӣ машғул мебошад. Бо сабаби набудани мутахассисон оид ба истеҳсоли маҳсулотҳои нонӣ ва дигар шириниҳо, сифати маҳсулоти сехи мазкур ба талаботи муосир ҷавобгӯй нест.

**Соҳаи саноати сабукро** дар ноҳияи Ғончӣ ҶДММ «Ороста» муаррифӣ намуда, солҳои охир фаъолияташ суст мебошад. Дар солҳои 1980-1990-уми асри гузашта дар фабрикаи трикотажӣ зиёда аз 700 нафар занону духтарони маҳаллӣ кор мекарданд ва фабрика дар як рӯз зиёда аз 8000 намуди маҳсулоти трикотажӣ истеҳсол менамуд. Баъд аз хусусӣ гардонидани фабрика (аз тарафи соҳибкоре аз ноҳияи Истаравшан харида шудааст) таҷҳизотҳо талаву тороҷ гардиданд. Коргарон ихтисор гардиданд ва ҳоло дар фабрика ҳамагӣ 30 нафар кормандон кор мекунанду халос.

Соҳибмулки нави фабрика таҷҳизотҳои нави бофандагӣ оварда васл намуд ва дар соли 2010 ба истеҳсоли сачоқҳо шурӯъ намуд. Гарчанде соҳибмулки нави фабрика барои беҳбудии фаъолияти корхона кӯшиш намуда истода бошад ҳам, лекин дар фаъолияти корхона беҳбудӣ дида намешавад. Дар соли 2010 корхонаи мазкур, ҳамагӣ ба маблағи 54206 сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудааст, ки ин 6,3 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулотҳои саноатии ноҳияро ташкил медиҳад. Маҳсулотҳои тайёр намудаи фабрикаи мазкур ба ноҳияи Истаравшан бурда шуда, аз он ҷо ба фурӯш гузошта мешавад. Бо сабаби мавҷуд набудани фармоишгарон ба маҳсулоти фабрика, аз ҳад гарон будани нархи маҳсулоти хом ва маҳдудияти барқ, фабрикаи мазкур фаъолияташро суст намудааст.

Барои баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, омилҳои зерин таъсири манфӣ мерасонанд: маҳдудияти таъминоти барқ ва газ, кӯҳнаву фарсуда шудани технология ва таҷҳизотҳои мавҷуда, баланд шудани арзиши сӯзишворӣ ва арзиши ашёи хом, сатҳи пасти нерӯи мутахассисони корхонаҳо оиди масъалаҳои маркетинг, молия, таҳия ва тартибдиҳии бизнес нақшаҳо ва лоиҳаҳои инвеститсионӣ, мавҷудияти монеаҳои маъмурӣ, норасоии мутахасисони соҳа, норасогии маблағҳои гардишии худӣ дар баробари дастнорасии қарзҳои бонкӣ ва гаронии фоизи маблағҳои қарзӣ, сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот, кору хизматрасониҳо ва ғайраҳо.

***Иқтидорҳо.*** Барои рушди соҳаи саноат, наздик будани ноҳия ба шоҳроҳи Душанбе-Чанак ва инчунин, марказҳои тиҷоратии аҳамияти вилоятӣ ва ҷумхуриявидошта (ноҳияи Истаравшан ва шаҳри Хуҷанд) нақши назаррас доранд. Дар ноҳия дар заминаи мавҷудияти захираҳои табиии сохтмонӣ, барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти корхонаҳои хиштбарорӣ имконияти васеъ фароҳам оварда шудаанд. Ғайр аз он, имконияти дар заминаи корхонаҳои мазкур ва ё дар алоҳидагӣ, ташкил намудани корхонаҳои

мухталифи коркарди масолеҳи сохтмонӣ, аз қабили корхонаи мумфаршбарорӣ, истеҳсоли оҳак ва гаҷ, плиткаҳои керамикӣ, маводҳои оҳану бетонӣ ва ғайра мавҷуд аст.

Бо назардошти мавҷудияти корхонаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва хӯрокворӣ (заводи консервабарорӣ) ва инчунин, мавҷудияти ашёи хоми маҳаллӣ, дар заминаи корхонаҳои мазкур таъсис намудани сехҳои хурди истеҳсоли шарбат, консерваҳо, ҷемҳо, афшураю мураббо, нӯшокиҳои салқинкунанда, крахмал ва шароб, имкониятҳои васеъ мавҷуд мебошанд. Бо вуҷуди он, ҷорӣ намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва дар асоси корхонаҳои мазкур таъсис намудани бизнес инкубаторҳо, фароҳам овардани шароити мусоид ва дастрас намудани қарзҳои камфоизи дарозмуддат, лизинги таҷҳизот, ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ ва хориҷӣ ва бо ин васила ворид намудани технологияҳои муосири хурд (пеш аз хама, оиди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, намудҳои бозоргузари зарфҳо, ҷобаҷокунию бастабанди ва фаъолияти реклама) лозим аст.

Қобили зикр аст, ки дар заминаи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Ороста», ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли якчанд намуди маҳсулотҳои трикотажӣ, имконияти васеъ мавҷуд мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф, ба кор андохтани иқтидорҳои аз кор монда ва ҷорӣ намудани технологияи муосир пешбинӣ шудааст.

*Ҷадвали №23. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи саноат дар ноҳияи Ғонҷӣ барои солҳои 2011-2015. (млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Саноат | | | | | | |
| Маҳсулоти саноатӣ (корҳо хизматрасониҳо) бо нархҳои яклухти корхонаҳо дар корхонаҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият – ҳамагӣ | 8331,9<br>8331,9 | 9933,0<br>9309,1 | 11481<br>10292 | 12590<br>10686 | 13526<br>11483 | 162,3<br>137,8 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| - дар корхонаҳои дорои шаклҳои моликияти давлатӣ | | | | | | |
| Матбааи ноҳия | 36,9<br>36,9 | 41,0<br>37,1 | 45,0<br>37,6 | 48,0<br>38,0 | 53,0<br>40,0 | 143,6<br>108,4 |
| - дар корхонаҳои дорои ҳамаи шаклҳои моликияти ғайридавлатӣ | | | | | | |
| Сехи нону булкапазӣ | 171,3<br>171,3 | 190,0<br>172,0 | 200,0<br>173,0 | 210,0<br>173,5 | 215,0<br>175,0 | 125,5<br>102,0 |
| Филиали ОАО ХКК | -<br>- | 250,0<br>225,0 | 300,0<br>250,0 | 400,0<br>315,0 | 500,0<br>370,0 | -<br>- |
| ҶДММ «Хоки заррин» | 338,3<br>338,3 | 550<br>400 | 1075<br>900 | 1200<br>960 | 1400<br>1100 | 413,8<br>325,0 |
| ҶДММ «Спитамен» | 5,2<br>5,2 | 275<br>250 | 590<br>500 | 850<br>700 | 1000<br>800 | 192 марот<br>153,8 марот |
| ҶДММ «Ороста» | 60<br>60 | 72<br>65 | 81<br>68 | 92<br>73 | 98<br>78 | 163,3<br>130,0 |
| ҶММ «ҲАҶМИС» | 451,7<br>451,7 | 500<br>470 | 550<br>480 | 560<br>490 | 580<br>500 | 128,4<br>110,7 |
| Хизматҳои МДИОК | 174,8<br>174,8 | 190,0<br>175,0 | 210,0<br>178,0 | 225<br>180 | 240<br>185 | 137,3<br>105,8 |
| Хизмати «Барқи Тоҷик» | 2212,4<br>2212,4 | 2400<br>2215 | 2550<br>2220 | 2800<br>2300 | 3000<br>2500 | 135,6<br>113,0 |
| ҶДММ «Оҳани Ховар» | - | 300<br>250 | 400<br>320 | 440<br>350 | 490<br>370 | -<br>- |
| ҶДММ «Ҷобири Собир» | - | 110<br>100 | 120<br>110 | 140<br>120 | 170<br>150 | -<br>- |
| Сехи бофандагӣ дар назди ҶДММ «Ороста» | -<br>- | 55<br>50 | 60<br>55 | 75<br>60 | 80<br>65 | -<br>- |
| Бозори номуташаккил | 4881,3<br>4881,3 | 5000<br>4900 | 5300<br>5000 | 5550<br>5100 | 5700<br>5150 | 116,8<br>105,5 |

Тибқи нишондиҳандаҳои дурнамои соҳаи саноати ноҳия, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2015 нисбати соли 2012 – 162,3 фоиз пешбинӣ гардидааст.

*Ҷадвали №24. Дурнамои рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Саноат | | | | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (дар шакли асл) дар корхонаҳои дорои ҳамагуна шакли моликият бо нишон додани тобеияти идоравии онҳо (бо ченакҳои дахлдор) | | | | | | |
| ҶДММ «Хоки заррин» | | | | | | |
| -хишти пухта (ҳаз.дона) | 1594,1 | 1800 | 3000 | 3400 | 3800 | 238,0 |
| ҶММ «ҲАҶМИС» | | | | | | |
| -хишти пухта (ҳаз.дона) | 1596,2 | 1750 | 1800 | 1900 | 2000 | 125,3 |
| ҶДММ «Ороста» | | | | | | |
| -масолеҳи бофандагӣ (ҳаз.сом) | 60,0 | 72,0 | 81,0 | 92,0 | 98,0 | 163,3 |
| Сехи нону булкапазӣ | | | | | | |
| - масолеҳи нону булка (тн) | 130,0 | 140,0 | 150,0 | 155,0 | 160,0 | 123,0 |
| Матбааи ноҳия | | | | | | |
| -бланкаҳо (ҳаз.нусха) | 90,0 | 94,5 | 100,0 | 105,0 | 110,0 | 122,0 |
| Филиали ОАО ХКК | | | | | | |
| -маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотӣ (ҳ.қ.ш) | - | 80,0 | 90,0 | 110,0 | 130,0 | - |
| ҶДММ «Спитамен» | | | | | | |
| -оҳаксанг (тн) | 15,0 | 600,0 | 1000,0 | 1200,0 | 1400,0 | 93 марот |
| ҶДММ «Оҳани Ховар» | | | | | | |
| -коркарди металл (тн) | - | 100,0 | 120,0 | 130,0 | 140,0 | - |
| ҶДММ «Ҷобири Собир» | | | | | | |
| -сангҳои ороишӣ (ҳаз.сом) | - | 110,0 | 120,0 | 140,0 | 170,0 | - |
| Сехи бофандагӣ дар назди ҶДММ «Ороста» | | | | | | |
| -матоҳои бофандагӣ (ҳаз.сом) | - | 55,0 | 60,0 | 75,0 | 80,0 | - |

### 2.1.3. СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА. (СХМ)

Рушди соҳаи соҳибкорӣ, яке аз нишондиҳандаҳои муҳими инкишофи иқтисодии ноҳияи Ғончӣ мебошад, ки ба фаъолнокии умумии индекси иқтисодӣ ва самаранокии кори аҳолӣ таъсир мерасонад.

*Ҷадвали №25. Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасониҳои аз ҷониби СХМ дар ноҳияи Ғончӣ пешниҳодгардида. (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти дар ноҳияи Ғончӣ истеҳсолшуда | 266693,2 | 278076,8 | 284674,4 |
| Ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар ҳаҷми умумии маҳсулоти дар ноҳияи Ғончӣ истеҳсолгардида | 162936,2 | 175972,0 | 182271,6 |

**Аҳамияти соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёти маҳаллӣ.** Дар ноҳияи Ғончӣ дар солҳои охир ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (ҳуқуқӣ ва инфиродӣ) ва корхонаҳои хурду миёна, дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо афзуда истодааст ва ин афзоиш асосан дар соҳаи кишоварзӣ мушоҳида мегардад. Дар зиёд шудани ҳаҷми

истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла, картошка, ғаладонагӣ, сабзавот ва полезиҳо, ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (ҳуқуқӣ ва инфиродӣ) калон мебошад. Дар соҳаи соҳибкорӣ 32,0 %-и аҳолии қобили меҳнати ноҳия кор ва фаъолият менамоянд ва 63,0 %-и онро занҳо ташкил медиҳанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳиссаи соҳибкорони дар соҳаҳои кишоварзӣ, савдо ва хизматрасонӣ машғулбуда, нисбат ба дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ, зиёд мебошад. Зеро дар ноҳияи Ғончӣ дигар соҳаҳо (саноат, роҳсозӣ, сохтмон) суст ривоҷ ёфтааст.

*Диаграммаи 9. Ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасониҳои аз ҷониби СХМ дар ноҳияи Ғончӣ дар соли 2010 пешниҳодгардида. (бо %)*




Қобили зикр аст, ки бештари соҳибкороне, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд, ба парвариши картошка машғул мебошанд ва ҳаҷми истеҳсоли ин намуди маҳсулоти кишоварзӣ, дар баробари паст шудани ҳаҷми истеҳсоли умумии маҳсулоти кишоварзӣ, афзуда истодааст. Сабаби асосии паст шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти маҷмӯии кишоварзӣ, ба кам шудани истеҳсоли ангур (бинобар номусоид омадани боду ҳаво дар вақти гул кардани ангур, ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративии заминҳои кишоварзӣ), пилла (пастсифат будани тухми кирмак) ва асал вобаста мебошад.

*Ҷадвали №26. Нақши СХМ дар таъминоти аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ дар соли 2010 дар буриши соҳаҳо*

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи соҳибкорони ба қайд гирифташуда | | Шумораи соҳибкорон | | Ҳиссаи соҳибкорон дар буҷети ноҳия (дар соли охир) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Соҳибкорони ҳуқуқӣ, адад | Соҳибкорони инфиродӣ, нафар | Ҷои корӣ | Ҳиссаи соҳибкорон нисбати соҳаҳо | Ҳазор сомонӣ | % аз ҳисоби андози умумии даромади соҳибкорӣ |
| Хоҷагиҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва коллективӣ | 147 | 440 | 23761 | 95,7 | 3328,9 | 75,0 |
| Саноат | 1 | 32 | 106 | 0,4 | 284,0 | 6,4 |
| Сохтмон | 3 | - | 30 | 0,1 | 33,9 | 0,7 |
| Нақлиёт ва роҳ | 2 | 20 | 60 | 0,2 | 37,2 | 0,8 |
| Савдо | - | 419 | 419 | 1,7 | 355,2 | 8,0 |
| Хизматрасониҳои пулакӣ | - | 433 | 433 | 1,7 | 320,4 | 7,2 |
| Хизматрасониҳои бонкӣ | 8 | - | 21 | 0,08 | 81,0 | 1,8 |
| ва ғайра | - | | | | | |
| Ҳамагӣ: | 161 | 1344 | 24830 | 100 | 4440,6 | 100,0 |

Аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ, маблағҳо ба буҷаи ноҳия ҳамчун андози ягона аз замин ва андози фурӯши чакана дохил мегарданд. Аз соҳибкорони инфиродии дар дигар соҳаҳо фаъолият карда истода, андоз тариқи патент ва шаҳодатнома пардохт карда мешавад. Дар соли 2010 - 32,8 фоизи даромад ба буҷаи ноҳияи Ғончӣ, аз ҳисоби СХМ ворид гардидааст.

*Ҷадвали №27. Нишондиҳандаҳои соҳаи савдо ва хизматрасониҳои аз тарафи соҳибкорони ноҳияи Ғончӣ пешниҳодгардида. (млн.сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2005 | с2006 | с2007 | с2008 | с2009 | с2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Муомилоти моли чакана, ҳамагӣ | 5,4 | 8,4 | 14,4 | 22,0 | 29,1 | 32,4 |
| аз он, хусусӣ (соҳибкорон) | нест | нест | нест | нест | нест | нест |
| Муомилоти моли яклухт, ҳамагӣ | нест | нест | нест | нест | нест | нест |
| аз он, хусусӣ (соҳибкорон) | 4,6 | 7,3 | 13,0 | 20,0 | 26,6 | 29,4 |
| Хизматрасониҳои пулакӣ, ҳамагӣ | 3,6 | 4,8 | 6,9 | 11,5 | 17,0 | 19,1 |
| аз он, хусусӣ (соҳибкорон) | 4,7 | 5,8 | 5,6 | 9,3 | 14,1 | 14,8 |

Муомилоти моли чаканаи соҳибкорони инфиродӣ ва ҳуқуқӣ 90,7 фоизи муомилоти моли чаканаи ноҳия ва хизматрасониҳои пулакии соҳибкорон 77,5 фоизи ҳаҷми хизматрасонии пулакии ноҳияро ташкил медиҳад. Бинобар дар ноҳия мавҷуд набудани корхонаҳои калони саноатӣ, муомилоти моли яклухт дар ноҳия мавҷуд нест. Дар давоми панҷ соли охир, гардиши моли чакана ва хизматрасониҳои пулакӣ нисбати нишондиҳандаҳои соли 2001 то 8-10 маротиба афзуда бошанд ҳам, сатҳу сифати хизматрасониҳо ва нархи онҳо, хусусан баландшавии нарх дар тӯли солҳои 2009-2010 ташвишовар мебошад. Аз ин рӯ, қисми муштариён барои қонеъ гардонидани талаботи худ ба шаҳрҳои дигар, бахусус ба шаҳрҳои Хуҷанд ва Истаравшан, муроҷиат менамоянд.

Дар соли 2010 ҳаҷми хизматрасонӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол 132 сомониро ташкил дод. Ҳаҷми муомилоти моли чакана ва ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ноҳия сол то сол аз ҳисоби гарон гардидани нархи моли чакана ва соҳаи хизматрасонӣ, зиёд гардида истодааст.

Дар солҳои охир, бо сабаби набудани шароити корӣ ва норасогии маблағ аз 17 корхонаи хурди дар солҳои 2000-2005 ташкил гардида, 58,8 фоизаш фаъолият намебаранд. Бо сабаби дарёфт карда натавонистани маблағ, бозоргир набудани маҳсулотҳои истеҳсолгардида ва таҷрибаи кофии корӣ надоштани роҳбарони корхонаҳои хурди навбунёд, корхонаҳо ташкил мегарданд ва дар давоми 3-5 сол барҳам мехӯранд.

Теъдоди занҳои роҳбар дар корхонаҳои хурди ноҳия 10 фоизро ташкил дода, дар хоҷагиҳои инфиродӣ 2 фоизро ташкил медиҳад.

Барои соҳибкорони инфиродӣ, ҷиҳати баланд намудани сатҳи донишҳои соҳибкории онҳо аз тарафи ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ташкилотҳои ноҳиявӣ (Ташкилоти хайриявии байналхалқии «Ҷовид», ташкилоти байналхалқии «Чезви-Италия», аз ҷониби кормандони андоз ва омор) курсҳои омӯзишӣ гузаронида мешавад.

Аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия фаъолияти соҳибкорӣ дастгирӣ ёфта, ҷиҳати ташкили корхонаҳои хурд (масъалаҳои додани замин, дуруст намудани ҳуҷҷатҳо ва ғ.) бо соҳибкорон ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки айни ҳол бо назардошти имкониятҳои маҳдуди молиявӣ аз буҷаи ноҳиявӣ барои соҳибкорони инфиродӣ барои ҷудо намудани қарзҳо имконият мавҷуд нест.

Ҳамаи корхонаҳои хусусии нав бунёдгардида, дар қайди ташкилоти муҳити зисти ноҳия буда, онҳо барои вайрон накардани ҳолати муҳити зисти ноҳия бо ташкилоти мазкур шартнома доранд.

Дар рушди соҳаи соҳибкорӣ, саҳми муҳоҷирони дохилӣ калон мебошад. Бо маблағи аз ҳисоби муҳоҷирони дохилӣ воридгардида, дар ҳудуди ноҳия якчанд корхонаҳои хурди саноатию сохтмонӣ, инчунин нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ фаъолият бурда истодаанд. Дар соли 2011 дар ҳудуди ноҳияи Ғончӣ бо ташаббуси соҳибкорони ватанӣ 6 адад нуқтаҳои савдо, хизматрасонӣ ва иҷтимоӣ ба истифода супорида мешаванд.

***Мушкилиҳои соҳаи соҳибкорӣ.*** Мушкилоти асосии боздорандаи рушди СХМ дар ноҳия, мавҷуд набудани маблағҳои кофии худӣ барои сармоягузорӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, мушкилот дар дастрасӣ ба қарзҳо (фоизи баланди қарз ва набудани молу мулк барои гарав), набудани малакаҳои лозима барои ташкил намудан ва идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус дар байни занон ва ба фурӯш баровarда натавонистани маҳсулотҳои исеҳсолшуда мебошад.

*Ҷадвали №28. Маблағҳои қарзии дар соли 2010 ба соҳаи СХМ пешниҳодгардида*

| Соҳаҳо | Бонкҳо | | | | | | | | Карзҳои хурд | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | БДА «АМОНАТ-БОНК» | ҶСК «АГРОИН-ВЕСТБОНК» | ТМД «АРВАНД» | ҶСП «Точпромбонк» | ФКҲ «Човид» | ҶДММ «ОКСУС МИКРОФИНАНС» | ҶДММ «ИМОН ИНТЕРНЕЙШНЛ» | ФКҲ «БОРШУД» | Ҷамъ | Ҳамагӣ маблағҳои қарзии ба занҳои соҳибкор додашуда |
| Кишоварзӣ | 960,0 | 279,3 | 1015,0 | 64,7 | 1328,5 | 1705,8 | 6901,6 | 405,5 | 12660,5 | 7849,5 |
| Саноат | - | - | - | - | - | - | 25,1 | - | 25,1 | - |
| Сохтмон | - | - | 151,1 | - | - | - | - | 487,7 | 638,8 | 102,2 |
| Наклиёт | - | - | 7,75 | - | - | - | - | 11,462 | 19,212 | - |
| Хӯроки умумӣ | - | - | | - | - | 3,75 | - | - | 3,75 | - |
| Хизматрасонӣ | - | - | | | 8,1 | 14,25 | 207,3 | 20,3 | 249,95 | 140,2 |
| Савдо | - | 18 | 7,2 | 407,727 | 20,5 | 26,21 | 229,3 | 171,6 | 880,537 | 572,0 |
| Дигарҳо | - | - | 26 | 26,87 | - | - | - | - | 52,87 | 33,0 |

***Хизматрасониҳои бонкӣ***

**Фаъолияти бонкҳо.** Дар ноҳия ду бонки давлатӣ - «Агроинвестбонк», бахши БДА «Амонатбонк» ва шаш адад ташкилотҳои хурди қарздиҳанда фаъолият мебаранд. Муштариён асосан қарзҳоро барои равнақи соҳаи кишоварзӣ, сохтмон, тиҷорат ва барои дастгирии муҳоҷирати меҳнатӣ мегиранд. Фоизи моҳонаи маблағҳои қарзии аз тарафи ташкилотҳои қарздиҳанда пешниҳодгардида аз 3 то 4 фоиз дар як моҳ буда, бозпас пардохт намудани он барои истифодабарандагон душворӣ мекунад.Ҳаҷми зиёди маблағҳои қарзии пешниҳодгардида ба соҳаи кишоварзӣ рост омада, он 80,5 фоизи маблағи умумии қарзи ташкилотҳои қарздиҳандаро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соҳаи кишоварзӣ 65 фоиз, дар соҳаи тиҷорат 80,0 фоиз ва дар соҳаи истеъмолот 80 фоизи қарзгирандагонро занҳо ташкил медиҳанд.

Дар ноҳияи Ғончӣ танҳо ду бонки давлатӣ ба эҳтиёҷмандон қарзҳоро асосан аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва аз ҳисоби маблағи ташкилотҳои болоии худ медиҳанд. Ҳаҷм ва мӯҳлати истифодаи маблағҳои қарзӣ маҳдуд мебошад. Аксарияти корхонаҳои саноатӣ ва соҳибкорон, барои барқарорсозӣ ва бунёди корхонаҳои хурди истеҳсолкунанда, аз ин бонкҳо қарз гирифта наметавонанд.

*Ҷадвали №29. Маблағҳои қарзии дар давоми солҳои 2008-2010 ба субъектҳои СХМ ноҳияи Ғончӣ пешниҳодгардида. (ҳазор сомонӣ)*

| № р/т | Ташкилотҳои қарздиҳӣ | Ҳамагӣ қарзи додашуда | Шумораи қарзгирифтагон | Меъёри истифодаи солонаи қарз (аз чанд то чанд) фоиз | Фоизи пардохти маблағи қарзӣ | аз ҷумла, қарзи додашуда: кишоварзӣ | саноат | сохтмон | наклиёт | Хӯроки умумӣ | хизматрасонӣ | Савдо | Дигарҳо | истеъмолот | Барои дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дар соли 2008 | | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | БДА «Амонатбонк» | 995,1 | 212 | 3-3,2 | 100,0 | 935,1 | - | - | - | - | - | 60,0 | - | - | - |
| 2 | Агроинвестбонк | 317,570 | 130 | 3-3,2 | 79,4 | 153,922 | - | - | - | - | - | 12,415 | - | 96,783 | 54,450 |
| 3 | МХБ ҶСП «Тоҷпромбонк» | 99,092 | 39 | 3-3,2 | 100 | 41,140 | - | - | - | - | - | 11,9 | - | - | 46,052 |
| 4 | Фонди қарзии хурди «Ҷовид» | 803,46 | 537 | 3-3,2 | 99,9 | 707,46 | 3,0 | - | - | - | 8,0 | 20,0 | - | 65,0 | - |
| 5 | Фонди қарзии хурди «Боршуд» | 467,354 | 233 | 3-3,2 | 95,6 | 467,354 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 6 | ҶДММ «Имон-интернейшнл» | 1985,9 | 881 | 3-3,2 | 100,0 | 1585,8 | - | - | - | - | 69,4 | 149,2 | - | 181,5 | - |
| 7 | ҶДММ «Оксус-микрофинанс» | 1839,6 | 654 | 4,0-2,5 | 85,0 | 1750,62 | - | - | - | 9,2 | 36,8 | 43,0 | - | - | - |
| | Ҷамъ дар соли 2008 | 6508,076 | 2686 | 3-3,2 | 99,9 | 5641,396 | 3,0 | - | - | 9,2 | 114,2 | 296,515 | - | 343,283 | 100,502 |
| | Дар соли 2009 | | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | БДА «Амонатбонк» | 873,1 | 294 | 3-3,2 | 100,0 | 783,10 | - | - | - | - | - | 90,0 | - | - | - |
| 2 | Агроинвестбонк | 936,353 | 240 | 3-3,2 | 100,0 | 65,600 | - | - | - | - | - | 5,104 | - | 751,349 | 114,300 |
| 3 | МДО «Арванд» | 1553,793 | 314 | 3-3,2 | 99,8 | 1424,077 | - | 67,001 | 4,197 | - | | 8,109 | 20,0 | - | 30,408 |
| 4 | МХБ ҶСП «Тоҷпромбонк» | 702,135 | 86 | 3-3,2 | 100,0 | 201,240 | - | - | - | - | - | 437,095 | 5,624 | - | 58,176 |
| 5 | Фонди қарзии хурди «Ҷовид» | 1285,15 | 807 | 3-3,2 | 100 | 1226,35 | 3,0 | -- | - | - | 2,1 | 46,5 | - | 7,2 | - |
| 6 | ҶДММ «Оксус-микрофинанс» | 1895,02 | 497 | 4,0-2,5 | 110,0 | 1824,9 | - | - | - | - | 10,27 | 59,85 | | | |
| 7 | ҶДММ «Имон-интернейшнл» | 3632,1 | 1397 | 3-3,2 | 98,9 | 3188,0 | 2,1 | - | - | - | 103,8 | 315,0 | - | 23,2 | - |
| 8 | Фонди қарзии хурди «Боршуд» | 1144,522 | 435 | 3-3,2 | 99,9 | 1144,522 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| | Ҷамъ дар соли 2009 | 12022,173 | 4070 | 3-3,2 | 99,9 | 9857,782 | 5,1 | 67,001 | 4,197 | | 116,17 | 961,658 | 25,624 | 781,749 | 202,884 |
| | Дар соли 2010 | | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | БДА «Амонатбонк» | 960,0 | 200 | 3 то 3,1 | 99,8 | 960,0 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 2 | Агроинвестбонк | 1204,750 | 450 | 3-3,2 | 100,0 | 279,300 | - | - | - | - | - | 18,0 | - | 863,2 | 44,250 |
| 3 | МДО «Арванд» | 1237,55 | 353 | 3-3,2 | 100,0 | 1015,0 | - | 151,1 | 7,750 | - | - | 7,200 | 26,0 | - | 30,5 |
| 4 | МХБ ҶСП «Тоҷпромбонк» | 518,844 | 43 | 3-3,2 | 99,8 | 64,725 | - | - | - | - | - | 407,727 | 26,870 | - | 19,522 |
| 5 | Фонди қарзии хурди «Ҷовид» | 1362,7 | 685 | 3,25 то 4 | 100,0 | 1328,5 | - | - | - | - | 8,1 | 20,5 | - | 5,6 | - |
| 6 | ҶДММ «Оксус-микрофинанс» | 1757,92 | 370 | 2,5-3 | 101,0 | 1705,83 | - | - | - | 3,75 | 14,25 | 26,21 | - | 7,88 | - |
| 7 | ҶДММ «Имон-интернейшнл» | 7535,3 | 1946 | 3-3,2 | 99,7 | 6901,6 | 25,1 | - | - | - | 207,3 | 229,3 | - | 172,0 | - |
| 8 | Фонди қарзии хурди «Боршуд» | 1136,612 | 302 | 3-3,2 | 100,0 | 405,550 | - | 487,700 | 11,462 | - | 20,300 | 171,600 | - | 40,0 | - |
| | Ҷамъ дар соли 2010 | 15713,676 | 4349 | 3-3,2 | 99,8 | 12660,505 | 25,1 | 638,8 | 19,212 | 3,75 | 249,95 | 880,537 | 52,870 | 1088,680 | 94,272 |

*Ҷадвали №30. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бозори истеъмолӣ дар ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2013-2015. (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Бозори истеъмолӣ | | | | | | |
| | | | | | | |
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳо | 47,5<br>47,5 | 58,0<br>52,5 | 67,0<br>56,0 | 74,7<br>58,0 | 80,4<br>60,0 | 169,0<br>126,3 |
| | | | | | | |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар ҳамаи соҳаҳо | 21,4<br>21,4 | 26,0<br>23,6 | 30,0<br>25,0 | 32,8<br>25,8 | 34,8<br>26,0 | 162,6<br>121,5 |

*Ҷадвали №31. Параметрҳои дурнамои рушди СХМ дар ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 15 нафар (воҳид) | 20 | 22 | 23 | 23 | 25 | 125,0 |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 50 нафар | 5 | 7 | 8 | 10 | 10 | 2 марот |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 15 нафар | 15 | 17 | 18 | 18 | 20 | 133,3 |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 50 нафар | 5 | 7 | 8 | 10 | 10 | 2 марот |
| Шумораи коргарон (нафар) | 290 | 347 | 373 | 382 | 415 | 143,1 |
| Маблағи умумӣ аз фӯруши маҳсулот ва хизматрасонӣ (ҳазор сомонӣ) | 1941,0 | 2323,0 | 2497,0 | 2557,0 | 2678,0 | 137,9 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ (нафар): | 1104 | 1212 | 1280 | 1360 | 1400 | 126,8 |
| - аз ҷумла | | | | | | |
| - бо шаҳодатнома фаъолиятдошта ( нафар) | 413 | 430 | 450 | 480 | 500 | 121,1 |
| - бо патент ( нафар) | 691 | 782 | 830 | 880 | 900 | 130,2 |

*Ҷадвали №32. Параметрҳои дурнамои робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Гардиши савдои хориҷӣ - ҳамагӣ (ҳазор долл.ИМА) | 29541,8 | 27055,5 | 28234 | 29154 | 30108 | 101,9 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Содирот – ҳамагӣ (ҳазор долл.ИМА) | 313,8 | 337,5 | 354,0 | 381,0 | 408,0 | 130,0 |
| Пӯст ва ашёи он ( тонна) (долл.ИМА) | 20,0<br>9,8 | 25,0<br>12,5 | 27,0<br>14,0 | 30,0<br>16,0 | 32,0<br>18,0 | 160,0<br>183,7 |
| Маҳсулоти меваю сабзавот (тонна) (долл. ИМА) | 380<br>304 | 400<br>325 | 410<br>340 | 420<br>365 | 430<br>390 | 102,4<br>106,8 |
| Воридот – ҳамагӣ (ҳазор долл.ИМА) | 29228 | 26718 | 27880 | 28773 | 29700 | 101,6 |
| Гандум (ҳазор тонна) | 3,0 | 3,2 | 3,3 | 3,4 | 3,6 | 120,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| (ҳазор долл.ИМА) | 1025 | 1100 | 1120 | 1190 | 1250 | 122,0 |
| Орд (ҳазор тонна) | 18,0 | 5,2 | 5,8 | 6,0 | 6,5 | 36,0 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 5600 | 1620 | 1900 | 2100 | 2300 | 41,1 |
| Маҳсулоти нафтӣ (ҳазор тонна) | 7,7 | 8,0 | 8,2 | 8,4 | 8,7 | 113,0 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 7046 | 7350 | 7440 | 7600 | 7800 | 110,7 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| - бензин (ҳазор тонна) | 1,8 | 2,0 | 2,1 | 2,2 | 2,3 | 127,8 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 2125 | 2250 | 2260 | 2300 | 2350 | 116,0 |
| - сӯзишвории дизелӣ (ҳазор тонн) | 5,9 | 6,0 | 6,1 | 6,2 | 6,4 | 108,5 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 5021 | 5100 | 5180 | 5300 | 5450 | 108,5 |
| Нуриҳои минералӣ (ҳазор тонна) | 0,9 | 1,0 | 1,1 | 1,15 | 1,2 | 133,3 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 1610 | 1700 | 1780 | 1860 | 1950 | 121,1 |
| Равғани растанӣ ва чорво (ҳазор тонна) | 1,6 | 1,8 | 2,0 | 2,1 | 2,2 | 137,5 |
| (ҳазор долл. ИМА) | 2000 | 2200 | 2410 | 2500 | 2610 | 130,5 |
| Қанд ва маҳсулоти қаннодӣ (ҳазор тонна) | 3,5 | 3,7 | 3,8 | 3,9 | 4,0 | 114,3 |
| (ҳазор долл. ИМА) | 9750 | 10300 | 10500 | 10600 | 10700 | 109,7 |
| Чӯб ва маҳсулоти он (ҳазор тонна) | 1,9 | 2,2 | 2,4 | 2,5 | 2,7 | 142,0 |
| (ҳазор долл. ИМА) | 517 | 600 | 720 | 790 | 840 | 162,5 |
| Маҳсулотҳо аз санг, семент ва гач, (ҳазор тонна) | 8,0 | 10,0 | 10,0 | 9,0 | 8,0 | 100,0 |
| (ҳазор долл. ИМА) | 1680 | 1848 | 2010 | 2133 | 2250 | 134,0 |

## 2.1.4. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Ғончӣ

*Ҷадвали №33*

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳаз. сомонӣ) | СОЛҲО 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Кишоварзӣ** | | | | | | | | | | | |
| Баланд бардоштани самаранокии маҷмуи соҳаҳои кишоварзӣ | 1.Баланд бардоштани хосилнокии замин бо истифода аз технологияҳои муосир | 1.1.Хариди таҷҳизотҳо ва техникаи кишоварзӣ (испор, тухмипошак ва тракторҳо) | 300,0 | 60,0 | 60,0 | 60,0 | 60,0 | 60,0 | МИМҲ н. Ғончӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Афзоиши ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (то соли 2012 то 65%). Зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ то соли 2016 то 80%. Афзоиши масоҳати заминҳои нав азхудшуда (то соли 2016 тақрибан то 7000 гектар замини нав). |
| | | 1.2.Шинонидани ниҳолҳо дар канори роҳҳо барои муҳофизати замин аз бодрӯяҳо | 70 | - | - | 40 | 20 | 10 | МИМҲД н. Ғончӣ | Хочагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ | |
| | | 1.3.Мусоидат намудан дар ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок, махсусан барои хариди нуриҳои минералӣ, тухмии хушсифат ва қисмҳои эҳтиётӣ | 100 | - | - | - | 50 | 50 | МИМҲД н. Ғончӣ | Буҷети ҷуҳуриявӣ | |
| | | 1.4.Марказонидани коркарди агрохимиявию богу токзор бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараррасон | 50 | - | - | 50 | - | - | МИМҲД н. Ғончӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | 2.Зиёд намудани майдони кишт аз ҳисоби азхудкунии заминҳои нав | 2.1.Кушодани замини нав аз ҳисоби 150 га замини лалмӣ дар деҳаи Овчӣ | 200,0 | 50,0 | 150,0 | | | | МИМҲД н. Ғончӣ | Хоҷагии деҳқонӣ, аҳолӣ | |
| | | 2.2.Давом додани азхудкунии 5000 га заминҳои бекорхобидаи мавзеъҳои Қизилӣ ва Даштикон | 3000,0 | - | - | 1000,0 | 1000,0 | 1000,0 | МИМҲД н. Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | 3.Ба роҳ мондани коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ | 3.1.Ташкили сехи коркарди маҳсулотҳои ширӣ ва гӯштӣ дар деҳаи Янгиариқи Поён | 200,0 | | | 200,0 | | | МИМҲД н. Ғончӣ | Соҳибкорони маҳаллӣ | |
| | | 3.2.Ташкили сехи тайёр намудани шарбатҳои мева ва хушконидани мева дар деҳаи Ғазантарак | 250,0 | | 250,0 | | | | МИМҲД н. Ғончӣ | Соҳибкорони маҳаллӣ | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 3.3.Ташкили сехи тайёр намудани афшураи помидор ( томат) дар деҳаи Эшонқурғон | 150,0 | | 150,0 | | | | МИМҲД н. Ғончӣ | Соҳибкорони маҳаллӣ | Зиёд гаштани шумораи ассосиатсияхои ташкилшуда (то соли 2016 ба 6 адад).<br><br>Афзудани дарозии хатҳои нави обёрии ба истифода додашуда (то соли 2016 то 60%) .<br><br>Зиёд гардидани майдони заминҳои обёришуда( то соли 2016 то 80 %) . |
| | | 3.4.Сохтмони гармхона дар деҳаи Қалъачаи Азим | 120,0 | | 120,0 | | | | МИМҲД н. Ғончӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | |
| | | 3.5.Бунёди корхонаи коркарди гречка дар ҷамоати Калининобод | 95,0 | | 95,0 | | | | МИМҲД н. Ғончӣ. | Сармояи хориҷӣ (Ташкилоти Чезви-Италия) | |
| | | 3.6.Дастрас намудани доруворӣ барои пешгирии касалиҳои ҳайвонот (буғумдард, хорӣ, сӯхтанӣ ( сибирская язва)) | 50,0 | 10,0 | 10,0 | 10,0 | 10,0 | 10,0 | МИМҲД н. Ғончӣ, Раёсати кишоварзӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | 4.Беҳтар намудани шароити корӣ ва баланд бардоштани самаранокии инфрасохтори кишоварзӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об | 4.1.Таъсис додани асосиатсияхои истифодабарандагони об ҷихати идоракунӣ ва истифодаи самаранокии захираҳои об | 20 | - | 10 | 10 | - | - | МИМҲД н. Ғончӣ. | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 4.2.Бунёди хатти обёрии деҳаи Ғазантарак | 400,0 | 200,0 | 200, 0 | | | | МИМҲД н. Ғончӣ. | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 4.3.Бунёди обанбор дар ҷамоати деҳоти Далёни Боло | 2000,0 | | | | 1000,0 | 1000,0 | МИХД .н Ғончӣ. | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 4.4.Кашидани хатти оби полезӣ дар деҳаҳои Кучкина-17 км, Қалъаи Мирзобой-14 км, Калъаи Дӯст-14 км, Яхтан-30 км ва Далёни Боло-25 км | 720,0 | 100,0 | 150,0 | 170,0 | 200,0 | 100,0 | МИМҲД н. Ғончӣ. | Хоҷагиҳои деҳқонӣ, аҳолӣ ва сармояи хориҷӣ | |
| | | 4.5.Барқарорсозии чоҳҳои амудии мавҷуда ва кофтани чоҳҳои амудии нав дар деҳаҳои ноҳияи Ғончӣ | 1000,0 | 200,0 | 200,0 | 2000, | 200,0 | 2000, | МИХД н. Ғончӣ. | Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ | |
| | | 4.6.Тоза намудани обанбори «Даҳанасой» | 3000,0 | | | 1000,0 | 1000,0 | 1000,0 | МИХД н. Ғончӣ. | Номуайян | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 4.7.Қисман овардани оби «Басмандасой» ба хоҷагиҳои ноҳияи Ғончӣ тавассути бунёди хатҳои обтаъминкунӣ | 2000,0 | | | | 1000,0 | 1000,0 | МИҲД н. Ғончӣ. | Номуайян | |
| | Ҳамагӣ дар соҳаи кишоварзӣ | | 13725 | 620 | 1395 | 4540 | 4540 | 6230 | | | |
| **Соҳаи саноат** | | | | | | | | | | | |
| Балад бардоштани самаранокӣ ва ракобатпазирии корхонаҳои саноатии ноҳия. | 1.Дарёфти маблағҳои зарурӣ барои ворид намудани технологияи муосир | 1.1.Ҷалби инвесторҳои хориҷӣ барои сохтмони хатти дуюми хиштбарорӣ дар назди заводи хишти «Хоки заррин»-и ноҳияи Ғончӣ | 2500,0 | 1500,0 | 1000,0 | | | | Соҳибкорони ватанӣ | Сармояи хориҷӣ (Ҷумҳурии Халқии Чин) | Зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли хишт то соли 2016 то2 маротиба ва миқдори хишт то 5 млн дона. |
| | | 1.2.Пешниҳоди карзҳои дарозмуддат, имтиёзнок ва мақсаднок барои таъмири корхонаҳои саноатии ноҳияи Ғончӣ | 200 | - | - | - | 100 | 100 | МИҲД вилоят ва ноҳия | Соҳибкорони ватанию хориҷӣ | |
| | 2.Зиёд намудани хаҷми маҳсулот дар ҶДММ «Ороста» | 2.1.Бастани шартнома бо мутахассисони ҷумҳуриҳои ҳамсоя оиди гирифтани ашёи хом ва дарёфти фармоишгарон | 20 | - | 20 | - | - | - | соҳибкор | Соҳибкорон | То соли 2016 афзудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 2,5 маротиба ва ташкил гардидани 580 ҷои нави корӣ, аз ҷумла барои занон 253 ҷой и нави корӣ. |
| | | 2.2.Омузонидани духтарону занон ба касби нави бофандаги | 50 | - | 20 | 30 | - | - | МИҲД н. Ғончӣ | Соҳибкор | |
| | | 2.3.Васлкунии дастгоҳҳои бофандагии корхонаи ҶДММ «Ороста» | 150 | - | 50 | 50 | 50 | - | ҶДММ «Ороста» | ҶДММ «Ороста» | |
| | 3.Паст кардани таъсири моддаҳои заравари корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф | 3.1.Ҷорӣ кардани ҳисоботи доимии партовҳои зараровар дар корхонаҳои саноатии ноҳияи Ғончӣ | 10 | - | 10 | - | - | - | Заводи хишти Ғончӣ, "ҲАҶМИС»Бахши заводи консерва | Маблағҳои худии корхонаҳо | Паст шудани сатҳи гардолудшавии муҳити атроф аз моддаҳои зараровар (то соли 2016 то 55%). |
| | | 3.2.Гузоштани чангиракҳои мукаммал дар корхонаҳои саноатии ноҳияи Ғончӣ | 90 | - | - | 50 | 40 | - | Заводи хишти Ғончӣ, «ҲАҶМИС», Бахши заводи консерва | Маблағҳои худи корхонаҳо | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи саноат | 3020 | 1500 | 1100 | 130 | 190 | 100 | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Соҳибкории хурду миёна** | | | | | | | | | |
| Беҳтар намудани шароит барои рушди соҳибкорихурдумиёна | 1.Беҳтар намудани фазои соҳибкори ва шароит фароҳам овардан барои рушди сармоягузорони дохили | 1.1.Сохтмони 2 маркази хизматрасонӣ дар шоҳроҳи Ғончӣ-Хуҷанд | 600,0 | | | 600,0 | | | МИМҲД н. Ғончӣ | ООО «Корвон», соҳибкор Эгамдердиев | Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот аз ҳисоби СХМ ( то соли 2016 то 60%).<br><br>Зиёд гардидани ҳаҷми маблағҳои аз ҳисоби СХМ ба буҷет воридшуда то соли 2016 то 70% .<br><br>Афзудани шумораи ҷойҳои нави кории аз ҳисоби субектҳои СХМ ташкил гардида (то соли 2016 зиёда аз 500 ҷойи нави корӣ).<br><br>То соли 2014 таҳия гаштани нақшаи генералии шаҳрак. |
| | | 1.2.Ташкили бахшҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар ҷамоатҳои Яхтан ва Далёни Боло. | 300,0 | 250,0 | | | 50,0 | | МИМҲД н. Ғончӣ | Бонкҳо, соҳибкор Сангинов | |
| | | 1.3.Бунёди комплекси савдо ва хизматрасонӣ дар деҳаҳои Далён ва Янгиариқи Поён | 1020,0 | 300,0 | 720,0 | | | | МИМҲД н. Ғончӣ | Соҳибкорон Фозилов, Абдуллоев | |
| | | 1.4.Таъсис додани Шӯрои рушди соҳибкорон дар ноҳия ва гузаронидани мубоҳисаҳо оид ба масъалаҳои бизнес дар ҷамоатҳо | 20 | - | 10 | 10 | - | - | МИМҲД н. Ғончӣ | Номуайян | |
| | | 1.5.Таҳия намудани нақшаи генералии шаҳраки Ғончӣ | 120 | - | - | - | 50 | 70 | МИМҲД н. Ғончӣ | Буҷети ҷуҳуриявӣ | |
| | | Ҳамагӣ дар бахши соҳибкории хурду миёна | 2060 | 550 | 780 | 680 | 100 | 70 | | | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт | 18805 | 2670 | 3275 | 5350 | 4830 | 6400 | | | |

## 2.2. БАХШИ ИҶТИМОӢ

### 2.2.1. Маориф

Пешравӣ дар соҳаи маориф, сатҳи самарабахшии ҳамаи азму талошро оид ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди неруи инсонии ноҳияро муайн менамояд.

Бахши маорифи ноҳияи Ғончӣ системаи таҳсилоти томактабӣ, мактабӣ (ибтидоӣ, миёнаи асосӣ ва миёнаи умумӣ) ва миёнаи касбиро дар бар мегирад.

Фаъолияти соҳаи маориф дар ноҳияи Ғончӣ, асосан барои пурра ба муассисаҳои таълимӣ ҷалб намудани кӯдакон ва наврасон, баланд бардоштани самарабахшии низоми истифодаи захираҳои мавҷуда ва баланд бардоштани сифати таълим, беҳбудии таъминоти методӣ ва кадрии соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии омӯзгорон равона карда шудааст.

*Ҷадвали №34. Сатҳи таҳсилот дар соҳаи маорифи ноҳияи Ғончӣ*

| Сол | 2008 | | 2010 | |
|---|---|---|---|---|
| Сатҳи таҳсилот | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла, занон | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла, занон |
| Маълумоти олӣ | 3923 | 952 | 4212 | 1020 |
| Миёнаи касбӣ | 449 | 138 | 955 | 359 |
| Миёнаи асосӣ | 31313 | 14992 | 31686 | 16604 |

**Маълумоти томактабӣ.** Дар ноҳияи Ғончӣ 5 адад муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ фаъолият менамоянд. Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 2 адад дар шаҳраки Ғончӣ ва 3 адад дар деҳоти ноҳия воқеъ буда, онҳо ҳамагӣ 790 нафар кӯдаконро фаро гирифта метавонанду халос.

*Ҷадвали №35. Фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ*

| № | Номгӯи муассисаҳои томактабӣ | Соли 2008 | | | Соли 2009 | | | Соли 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳамагӣ | писар | духтар | ҳамагӣ | писар | духтар | ҳамагӣ | писар | духтар |
| 1 | Муассисаи томактабии №1 | 230 | 127 | 103 | 300 | 149 | 151 | 350 | 200 | 150 |
| 2 | Муассисаи томактабии №2 | 147 | 89 | 58 | 154 | 86 | 68 | 144 | 77 | 67 |
| 3 | Муассисаи томактабии №3 | 69 | 35 | 34 | 96 | 50 | 46 | 90 | 48 | 42 |
| 4 | Муассисаи томактабии №4 | 94 | 53 | 41 | 117 | 69 | 48 | 130 | 80 | 50 |
| 5 | Муассисаи томактабии №5 | 27 | 12 | 15 | 39 | 22 | 17 | 43 | 29 | 14 |
| | Ҳамагӣ: | 567 | 316 | 251 | 706 | 376 | 330 | 757 | 454 | 323 |

Тибқи маълумоти расмии оморӣ, дар ноҳия шумораи умумии кӯдакони то мактабӣ 24100 нафарро ташкил дода, фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ҳамагӣ 5,2 %-ро ташкил медиҳад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки шумораи фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабии ноҳияи Ғончӣ тамоюли болоравӣ дорад. Аз ҷумла, соли 2010 нисбат ба соли 2009 7,2% ва нисбат ба соли 2008 шумораи фарогирии кӯдакон дар ин муассисаҳо 39,5% зиёд гардидааст. Аз панҷ адад муассисаҳои томактабӣ, ҳамагӣ ду адади он бо қувваи барқ (хати барқии озод) таъмин ва гарм карда шуда, боғчаҳои боқимонда тавассути печҳо бо ангиштсанг гарм карда мешаванд. Ҳамаи боғчаҳои ноҳия тамоми сол фаъолият менамоянд. Барои дар оянда таъмин намудани кӯдакон бо муассисаҳои томактабӣ, дар шаҳрак ва деҳоти ноҳия таъмири куллии муассисаҳои мавҷудаи томактабӣ ва дар ҳудуди ноҳия сохтани биноҳои нави муассисаҳои томактабӣ зарур мебошад. Дар он ҳолат имконият пайдо мешавад, ки 20 гурӯҳи иловагӣ, бо фарогирии 464 нафар кӯдакони дигар, ба боғчаи бачагон ҷалб карда шаванд.

**Мушкилиҳои асосии** бахши мазкур, пеш аз ҳама, кам будани ҷойҳо дар муасисаҳои мавҷудаи томактабӣ, ба талабот ҷавобгӯ набудани як қисми кӯдакистони №1-и шаҳрак, фарсуда будани мизу курсӣ, норасогии таҷҳизот, маводҳои таълимӣ ва бозичаҳо, ба-

ланд шудани ҳаҷми аъзоҳаққии падару модарон (аз 15 сомонӣ ба 25 сомонӣ) аз сабаби болораваии нарху навои маҳсулоти хӯрокворӣ, ҳолати номусоиди санитариву гигиении муассисаҳои томактабӣ, маҳдудияти таъминоти нерӯи барқ ва паст будани шиддати барқ дар фасли зимистон, маҳдудияти таъминот ва паст будани сифати оби нӯшокӣ, паст будани сатҳи музди меҳнати кормандон, махсусан мураббиён, ошпазҳо, дарбонҳо ва фаррошон, ба шумор меравад.

Қобили зикр аст, ки бо сабаби дар муассисаҳои томактабӣ набудани ҷои корӣ, дар як басти корӣ ду нафар ва дар баъзе мавридҳо 3 ё 4 нафар кормандон фаъолият менамоянд.

Дар нуқтаҳои тиббии муассисаҳои мазкур, норасогии доруворӣ ва маводҳои тиббӣ ба чашм мерасад. Бо сабаби маҳдудияти маблағгузорӣ, таъминот ва сифати хӯрокворӣ ба меъёрҳои ғизои солим ҷавобгӯ набуда, ин омил хатари гирифтор гаштани кӯдаконро ба касалиҳои гепотрофия ва камхунӣ меафзояд. Маводҳои хӯроквории муассисаҳои номбурда, аз тарафи хадамоти назорати санитариву эпидемиологӣ мунтазам дар озмоишгоҳҳо аз санҷиш гузаронида намешаванд. Бояд қайд намуд, ки аз сабаби фарсуда шудани бинои кӯдакистони №1 ва махсусан, хатҳои барқтаъминкунии бино, системаи бехатарии сӯхтор дар ҳолати гайриқаноатбахш қарор дорад. Айвончаҳои наздиҳавлигии кӯдакистонҳо ва майдончаҳои бозии кӯдакон, дар ҳамаи муассисаҳои зикргардида, ба талабот ҷавобгӯ нест.

***Маълумоти миёна.*** Дар ноҳияи Ғончӣ 65 мактаби таҳсилоти умумӣ (аз он ҷумла 7 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 53 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3 гимназия ва 2 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ) фаъолият менамоянд, ки дар онҳо дар соли хониши 2010-2011 32109 нафар талабагон бо таҳсил фаро гирифта шуданд. Ҳамчунин, дар ноҳияи Ғончӣ 1 маркази таҳсилоти иловагӣ (хонаи пешоҳангон), ки дар маркази ноҳия чойгир мебошад, фаъолият менамояд.

*Ҷадвали №36. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Ғончӣ (нафар)*

| Соли хониш | 2007-2008 | | | | 2008-2009 | | | | 2009-2010 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфҳо | Ҳамагӣ, нафар | писарон | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ, нафар | писарон | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ ,нафар | писарон | духтарон | % духтарон |
| Синфҳои 1-4 | 12758 | 6728 | 6030 | 47,3 | 12522 | 6516 | 6006 | 48,0 | 12711 | 6674 | 6037 | 47,5 |
| Синфҳои 5-9 | 15192 | 7726 | 7466 | 49,1 | 15494 | 7923 | 7571 | 48,9 | 15588 | 7968 | 7620 | 48,9 |
| Синфҳои 10-11 | 3423 | 1997 | 1426 | 41,7 | 3339 | 1903 | 1436 | 43,0 | 3387 | 1962 | 1425 | 42,1 |
| Ҳамагӣ: | 31373 | 16451 | 14922 | 47,6 | 31355 | 16342 | 15013 | 47,9 | 31686 | 16604 | 15082 | 47,6 |

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар ноҳия шумораи хонандагон дар синфҳои болоӣ дар солҳои 2008-2009 ва 2009-2010 тамоюли пастшавӣ дорад ва сабаби асосии он, аз яктараф ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ҷалб шудани хонандагон бошад, аз тарафи дигар, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани хонандагон ба шумор меравад.

*Ҷадвали №37. Фарогирии хонандагон ба синфҳои болоӣ*

| Соли хониш | Хатмкунадагони синфи 9 | | Хатмкунадагони синфи 10 | | % -и хонандагоне, ки дар синфҳои болоӣ, баъд аз тамом кардани синфи 9 таҳсилро давом надодаанд. | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аз он, духтарон | Ҳамагӣ | Аз он, духтарон | Ҳамагӣ | Аз он, духтарон |
| 2006-2007 | 3045 | 1409 | 1766 | 738 | 58,0% | 52,4% |
| 2007-2008 | 2875 | 1472 | 1753 | 732 | 60,9% | 49,7% |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2008-2009 | 2888 | 1447 | 1116 | 609 | 38,6% | 42,1% |
| 2009-2010 | 2765 | 1326 | 1754 | 716 | 63,4% | 54,0% |
| 2010-2011 | 2934 | 1443 | 1930 | 860 | 65,8% | 59,6% |

Дар соли хониши 2010-2011 шумораи хонандагон 1083 нафар афзудааст, ки сабаби он афзоиши шумораи таваллуди кӯдакон дар солҳои 1995-2000 ба шумор рафта, инчунин зиёд гардидани шумораи қабули хонандагон ба синфи якум ва даҳум мебошад. Хонандагон дар муасисаҳои таълимӣ дар ду баст таҳсил менамоянд. Аз ҷумла 80% дар басти 1-ум ва 20% дар басти 2-ум таҳсил менамоянд.

*Диаграммаи 10. Шумораи духтароне, ки дар мактабҳои ноҳияи Ғончӣ баъд аз хатми синфи 9 бо таҳсил фаро гирифташудаанд (бо фоиз%)*




Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар ҷамоатҳои Овчӣ, Муҷун, Росровут, Далёни Боло ва Калининобод фоизи ками духтарон ба синфҳои болоӣ ҷалб шудаанд. Сабаби асосии он, дар синфҳои болоӣ давом надодани таҳсил аз тарафи худи духтарон бо дахолати падару модарон мебошад. Дар ҷамоатҳои Яхтан, Ғазантарак ва Шаҳрак бисёр духтарон баъд аз хатми синфи 9 ба омӯзишгоҳҳо қабул шудаанд.

Мушкилотҳои асосии муассисаҳои маълумоти миёнаи ноҳия, бад будани ҳолати роҳҳо, махсусан дар фаслҳои тирамоҳ ва зимистон, аз таъмири асосӣ нагузаштани бештари муассисаҳо, фарсудагӣ ва дар ҳолати садамавӣ қарор доштани муассисаҳои таълимӣ, набудани системаи ягонаи гармидиҳӣ, набудан ва ё дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштани ошхонаҳои мактабӣ, набудани нуқтаҳои тиббӣ ва гигиенӣ барои духтарон, фарсуда гардидани боми мактабҳо, набудани дастшӯякҳо, набудани хатҳои корезии мутамарказонидашуда (канализатсия), норасоии таҷҳизотҳои компютерӣ, кӯҳна ва фарсуда шудани мебелҳои мактабҳо, норасоиги мизу курсиҳо ва таҷҳизотҳои мактабӣ, норасоии ашёҳои дарсӣ ва таълимӣ, ҳолати бад ва ё мавҷуд набудани лабораторияҳои фанҳои физика, химия, биология ва ғайраҳо, нокифоягии маблағгузорӣ ва афзоиши теъдоди кӯдаконе, ки ба ҷойҳои таълимӣ эҳтиёҷ доранд, бад будани ҳолати санитариву гигиении муассисаҳои таълимӣ (ҳолати ғайриқаноъатбахши хоҷатхонаҳо), маҳдудияти таъминоти оби нӯшокӣ, нерӯи барқ ва ғайраҳо, мебошад ки ҷиҳати ҳаллу фасли онҳо андешидани тадбирҳои судманд ногузир аст.

Дар беҳтар гардонидани фарогирии хонандагон ва ташкил намудани сифати мусоиди таълим нақши аҳолӣ ва махсусан кумитаҳои падару модарон муҳим мебошад. Дар давоми солҳои 2008-2010 аз тарафи аҳолии ноҳия 2 муассисаи миёнаи асосӣ (бинои мактабҳои №1 дорои 16 синфхона ва мактаби №46 дорои 20 синфхона) ба истифода супорида шуд. Инчунин, бо кӯмаки аҳолии ноҳия ба маблағи 3927,1 ҳазор сомонӣ 117 синфхонаҳои иловагӣ, 4 ошхона, 3 толорҳои варзишӣ дар назди мактабҳо сохта ба истифода дода шуд (бо роҳи хашар). Бо назардошти маҳдуд будани буҷаи соҳаи маориф дар таъмири ҷорӣ ва асосии муассисҳои таълимӣ, ҳиссаи маблағгузории кумитаҳои падару модарон хело ҳам назарас мебошад.

Дар ҳалли масъалаҳои маориф дар солҳои охир кӯмаки ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайри давлатӣ низ афзуда истодааст. Бояд қайд намуд, ки дар соли 2009 аз тарафи Фонди Католикӣ бинои нотамоми мактаби асосии №20-и деҳаи Иторчӣ, ба маблағи 1,5 млн сомонӣ пурра сохта ба истифода дода шуд. Барои беҳтар намудани таъминоти барқ дар фасли зимистон, дар мактаби №17 деҳаи Яхтан аз тарафи ТҒД «Човид» ба маблаги 150 ҳазор сомонӣ батареяҳои офтобӣ васл карда шуд ва айни замон, он дар ҳолати корӣ қарор дорад. Боиси қайд аст, ки аз тарафи Барномаи ҷаҳонии озуқаворӣ ба 65 адад таълимгоҳҳои ноҳия барои 12686 нафар (синфҳои 1-4) маводи хӯрока (хӯроки гарм) тақсим карда мешавад.

Дар соли 2010 дар ноҳия мактабҳои миёнаро 1582 нафар хонандагон (692 нафар духтарон) хатм намудаанд, ки аз онҳо 299 нафар (64 нафар духтар) ба муассисаҳои таълимии олӣ қабул шудаанд.

Дар соли 2010 аз ноҳия 52 нафар хонандагон дар озмун ва олимпиадаҳои вилоятӣ ва 5 нафар дар олимпиадаҳои ҷумхуриявӣ иштирок намуданд, ки ин нишондод назар ба шумораи иштирокчиёни олимпиадаҳои вилоятии соли 2008 - 8 нафар зиёд мебошад.

Дар ноҳия соли 2010 - 25 нафар кӯдакони қобилияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудааст, ки 5 нафари онҳо духтарон буда, муаллимон ба онҳо дар хонаҳояшон дарс медиҳанд.

Тибқи ислоҳоти системаи соҳаи маориф, ҳамаи мактабҳои ҳудуди ноҳия аз соли 2010 пурра ба системаи маблағгузории сарикасӣ гузаштанд, ки натиҷаи он ба беҳтар шудани сифати таълиму тарбия ва шароити идораи мактабҳо таъсири мусбӣ расонида истодааст.

Ҳайати омӯзгорони мактабҳо дар ноҳияи Гончӣ соли 2009-2010 аз 2 232 нафар иборат буда, 37,5%-и онҳоро занон ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 77% соҳиби маълумоти олӣ мебошанд.

*Ҷадвали №38. Шумораи омӯзгоронимактабҳои ноҳияи Ғончӣ дар давраи солҳои 2007-2010 (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳои хониш | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2007-2008 | | 2008-2009 | | 2009-2010 | |
| Шумораи умумии омӯзгорон | ҳамагӣ | аз он ҷумла занон | ҳамагӣ | аз он ҷумла занон | ҳамагӣ | Аз он ҷумла занон |
| | 2536 | 1092 | 2280 | 1051 | 2232 | 837 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| -дорои маълумоти олӣ | 1814 | 646 | 1777 | 863 | 1720 | 589 |
| -олии нопурра | 221 | 128 | 112 | 52 | 142 | 52 |
| -миёнаи махсус | 402 | 288 | 318 | 106 | 309 | 165 |
| -миёнаи умумӣ | 99 | 30 | 73 | 30 | 61 | 31 |
| -муаллимоне, ки аз кор рафтанд | 90 | 81 | 84 | 40 | 77 | 16 |
| -норасогии кадрҳо | 242 | 121 | 90 | 28 | 90 | 38 |

Дар ноҳия норасогии 90 нафар кадрҳои педагогӣ мушоҳида мешавад. Сабаби асосии норасогии кадрҳо, паст будани музди меҳнат ва ҳавасманд набудани омӯзгорон ба ҳисоб рафта, сафи омӯзгорон асосан аз ҳисоби занону духтарон зиёд шуда истодааст. Бештар омӯзгорони фанҳои химия, забони русӣ, забони хориҷӣ, забони давлатӣ,

синфҳои ибтидоӣ, технологиҳои информатсионӣ, физика, математика, таърих ва география намерасанд.

Дар асоси барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, мактабҳои ноҳия бо компютерҳо таъмин гардидаанд. Айни ҳол, дар тавозуни муассисаҳои таълимии ноҳия 585 компютер, яъне 1 компютер ба 22 нафар хонанда рост меояд, ки ин аз меъёр 2 компютер кам мебошад (аз меъёри як компютер ба 20 нафар хонанда, ки фанни технологияи иттилоотӣ меомӯзанд). Бояд зикр намуд, ки баъзе аз макотиби ноҳия, аз ҷумла мактабҳои рақами 16 ва 18 ба шабакаи интернет дастрасӣ доранд.

Мактабҳои ноҳия дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 №436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» ва дигар манбаъҳои маблағгузорӣ, таъмир ва барқарор карда мешаванд.

***Маълумоти берун аз мактабӣ***. Дар маркази ноҳияи Ғончӣ 1 адад маркази маълумоти иловагӣ (хонаи пионерон) фаъолият дорад, ки дар он 16 нафар муаллимон ба шогирдон касб меомӯзанд. Ин марказ дорои 10 маҳфил буда, асосан аз маҳфилҳои дӯзандагӣ, рассомӣ, кишваршиносӣ ва ғайраҳо иборат мебошад. Дар ин маҳфилҳо 480 нафар хонандагон иштирок менамоянд.

Бинои маркази маълумоти иловагӣ (хонаи пионерон) хурд буда, он дар бинои иҷоравӣ ҷойгир мебошад ва ба талаботи таъминоти пурраи хонандагон ҷавобгӯй нест. Дар бинои зикргардида таҷҳизотҳои зарурӣ (мизу курсӣ, мошинкаҳои дӯзандагӣ ва ғ.) намерасанд.

***Маълумоти миёнаи махсус.*** Дар ноҳия ҳамагӣ ду омӯзишгоҳи касбии техникӣ, аз ҷумла ОКТ-64 ва ОКТ-38 фаъолият менамоянд ва асосан дар ин омӯзишгоҳҳо ба донишҷӯён касбҳои челонгарӣ, тракторчигӣ ва дӯзандагиро меомӯзонанд. Муассисаҳои мазкур дар тобеияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Дар соли 2010 дар ин ду омӯзишгоҳ 1020 нафар хонанда қабул гардиданд. Давомнокии таҳсил дар ин омӯзишгоҳҳо 1 сола, 2 сола ва семоҳа мебошад.

Дар ду омӯзишгоҳи мазкур 98 нафар омӯзгорон ба толибилмон касб меомӯзонанд. Биноҳои омӯзишгоҳҳои номбурда кӯҳна ва фарсуда буда, дар онҳо солҳои тӯлонӣ таъмири асосӣ гузаронида нашудааст. Китобҳои дарсӣ ва таҷҳизотҳои мавҷудаи хониш ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ нестанд. Устохонаҳои омӯзишӣ ба таъмири асосӣ ва таҷҳизоти нав эҳтиёҷ доранд.

*Ҷадвали №39. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи маориф дар ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015.*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ новобаста аз шакли моликият (ҳазор нафар) | 0,9 | 1,1 | 1,2 | 1,3 | 1,3 | 144,0 |
| Шумораи кӯдакони синни томактабӣ | 24,9 | 25,2 | 26,5 | 28,5 | 31,3 | 125,7 |
| Шумораи кӯдакони синни мактабӣ | 34,1 | 34,4 | 34,9 | 35,1 | 36,4 | 106,7 |
| Миқдори ҷойҳо дар муассисаҳои томактабӣ (ҳазор ҷой) | 1,0 | 1,2 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 130,0 |
| Шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ – ҳамагӣ (ҳазор нафар) | 32,7 | 33,8 | 34,5 | 34,7 | 35,2 | 107,7 |
| аз он ҷумла - дар мактабҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ | 32,7 | 33,8 | 34,5 | 34,7 | 35,2 | 107,7 |
| аз он ҷумла хусусӣ | - | - | - | - | - | - |
| - литсейҳо | - | - | - | - | - | - |
| аз он ҷумла хусусӣ | - | - | - | - | - | - |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| - гимназияҳо | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,1 | 1,1 | 157,1 |
| аз он ҷумла: хусусӣ | - | - | - | - | - | - |
| Дар муассисаҳои шабонаи таҳсилоти умумӣ (ҳазор нафар) | - | - | - | - | - | - |
| Шумораи хонандагон дар басти якуми муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона (ҳазор нафар) | 26,4 | 27,6 | 28,1 | 29,5 | 32,0 | 121,2 |
| Шумораи муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона (ҳазор нафар) | 2,20 | 2,40 | 2,50 | 2,60 | 2,70 | 122,7 |
| Шумораи муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумии шабона | - | - | - | - | - | - |
| Таъмин будан: | | | | | | |
| бо муассисаҳои томактабӣ ба 1000 кӯдакони синни томактабӣ (ҷой) | 1111 | 1090,9 | 1083,3 | 1000 | 1000 | 90,0 |
| бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои 1000 бачагони синни мактабӣ (ҷой) | 807,3 | 816,6 | 814,5 | 850,1 | 909,1 | 112,6 |

### 2.2.2. Тандурустӣ

Соҳаи тандурустӣ барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бахши муҳим ба ҳисоб меравад. Дар айни замон, мақсади асосии соҳаи тандурустӣ аз паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилот вобаста ба беморихои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои бо ваксина идорашаванда, иборат мебошад.

***Саломатии модар ва кӯдак.*** Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, масъалаҳои вазъи солимии аҳолӣ, дастрасӣ ва пешниҳоди хизматрасонии босифати тиббӣ ба табақаи осебпазирӣ аҳолӣ, аз ҷумла занон ва кӯдаконро дар бар мегирад. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, дар ноҳияи Ғончӣ ба санаи 1 январи соли 2011 шумораи занони қобили таваллуд 35609 нафар ба қайд гирифта шудааст.

*Ҷадвали №40. Сатҳи таваллуд дар ноҳияи Ғончӣ*

| Нишондод | Соли 2008 | Соли 2009 | Соли 2010 | Соли 2010 нисбати соли 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таваллуд | 3842 | 4004 | 4301 | 112,0 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 3617 | 3784 | 4128 | 114,0 |
| Дар фоиз | | | | |
| Таваллуд дар хона | 225 | 220 | 173 | 76,9 |
| Дар фоиз | | | | |
| Фавтии модарон (ба 100 ҳазор зинда таваллуд) | 2/52.5 | 1/26.3 | 3/303 | |

Дар солҳои охир дар ноҳия тамоюли афзоиши фавти модарон ба назар мерасад, ки сабаби асосии он гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар ва ғ.), сари вақт муроҷиат накардани занҳои қобили таваллуд ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ (махсусан дар ҳолатҳои барои солимӣ хатарнок, аз ҷумла дар бештари ҳолатҳо занҳои ҳомиладор аз паст будани маълумотнокӣ, баланд будани таъсири хушдоманҳо ва расму оинҳои номусоиди маҳал ба муассисаҳои тиббӣ дер муроҷиат менамоянд), риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал (то 20 солагӣ), дастрасии нокифояи занон ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ, банақшагирии оила, пешгирии касалиҳо ва ғизои солим, ғайриқаноатбахш будани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ ва паст будани сатҳи камбизоатӣ ба шумор меравад. Сабаби асосии дар хона таваллуд намудани занон - дар масофаи дур ҷойгир будани таваллудхона, дастнорасии нақлиёт барои занони деҳоти дурдаст ва дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгир шудани деҳаҳои ноҳия, дар муҳоҷират будани сарвари оила, сатҳи камбизоатии оила, норасогии мутахассисони соҳаи амрози занона ва носолимии занон, ба ҳисоб меравад.

*Ҷадвали №41. Бемориҳои дар байни занони синни ҳомиладорӣ нисбатан паҳншуда*

| Нишондод | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои таваллуд карда | 3842 | 4004 | 4301 |
| Камхунӣ | 3042 | 3216 | 3128 |
| Дар фоиз | 79.1 | 80.3 | 72.7 |
| Касалиҳои ҷоғар | 352 | 281 | 278 |
| Дар фоиз | 9.1 | 7.0 | 6.4 |
| Бемориҳои гурда | 92 | 96 | 56 |
| Дар фоиз | 2.4 | 2.3 | 1.3 |

Дар солҳои охир, паст шудани ҳолати гирифтории занҳо ба касалиҳои камхунӣ мушоҳида шавад ҳам, фоизи гирифтории бемориҳои камхунӣ нисбат ба нишондодҳои ҷумҳуриявӣ хело ҳам ташвишовар мебошад. Дар бештари ҳолатҳо бемориҳои камхунӣ, бо бемориҳои ҷоғар ва гурда ҳамрадиф меоянд, ки хатари бо оризаи ҳомиладорӣ дучор гаштани занон ва дар баъзе ҳолатҳо, ба оқибатҳои вазнин (фавти модар ва кӯдак) овар-да мерасонад.

*Ҷадвали №42. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2008-2010*

| Нишондод | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола, шумора ба 100 зинда таваллуд | 124/32.2 | 97/24.2 | 139/32.3 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола, шумора ба 100 зинда таваллуд | 91/23.6 | 87/21.7 | 111/25.8 |

Сабаби асосии фавти кӯдакони то як сола ва то 0,5 сола аз омилҳои зерин иборат мебошад:

1. Баланд будани нишондоди фавти перенаталӣ (6 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани ҳолати солимии занҳои ҳомила.
2. Баланд будани сатҳи бемориҳои роҳи нафас (ҳар чанде, ки дар ин самт фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкунӣ дуруст ба роҳ монда шуда аст ва марказҳои мазкур аҳолиро ба доруворихо ва маводҳои эмкунанда сари вақт пурра таъмин менамоянд), бинобар сабаби паст будани маърифатнокии тиббии модарон ва шароити номусоиди иқтисодии оилаҳои хоҷагиҳои дурдасти кухӣ, шумораи бемориҳои шадиди роҳи нафас дар байни занони ноҳия афзуда истодааст.
3. Фаъолияти номусоди муассисаҳои КАТС аз сабаби нокифоягии маблағгузорӣ, нақлиёт, мутахассисон ва фарсудаю корношоям будани таҷҳизотҳои тиббӣ ва биноҳо.
4. Баланд будани сатҳи бемориҳои радифӣ, аз ҷумла, камғизогӣ, рахит, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ ва ғайраҳо. Модарони ҷавон ба реҷаи ғизо ва ғизонокии хӯрока кам аҳамият медиҳанд.
5. Омӯзиши вазъ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аз сабаби зиёд будани никоҳҳои хешу таборӣ, кӯдакон ба нуқсонҳои модарзод гирифтор мешаванд.

***Бемориҳои сироятӣ***. Бад будани ҳолати таъминоти аҳолии ноҳия бо оби тозаи нӯшокӣ, ба пайдо гаштани бисёр касалиҳои сироятӣ оварда расонидааст.

*Ҷадвали №43. Динамикаи бемориҳои сироятӣ.*

| Бемориҳои сироятӣ | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Бемории сил | 47 | 52 | 34 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 33,9 | 36,9 | 23,5 |
| Гелминтоз (кирми меъда) | 576 | 962 | 546 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 415,7 | 682,9 | 377,5 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Бруселлёз (буғумдард) | 41 | 19 | 66 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 29,6 | 13,5 | 45,6 |
| Бемории ВМНО/БНММ ВИЧ-СПИД | 5 | 6 | 11 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 3,6 | 4,2 | 6 |
| газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 453 | 532 | 633 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 326,9 | 377,7 | 437,6 |
| Бемории домана | 20 | - | 2 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 14,4 | - | 1,4 |
| Исҳоли хунин (Дизентерия) | 16 | 17 | 21 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 11,5 | 12,1 | 14,5 |
| Ҳамагӣ, аҳолӣ | 138568 | 140859 | 144641 |

Маълумотҳои омории соҳаи тандурустӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бемориҳои буғумдард, ВМНО/БНММ, исҳоли хунин, газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо, солҳои охир дар ноҳияи Ғончӣ, ғайр аз касалии сил, зиёд гардидааст. Хизматрасонии зидди бемории сил дар ноҳия дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009 №694 «Дар бораи тасдиқи барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», қарори раиси вилояти Суғд аз 2 феврали соли 2010 №23 ва қарори раиси ноҳияи Ғончӣ аз 17 феврали соли 2010 №70 ба роҳ монда шудааст. Бисёр беморони сил дар доираи Барномаи ДОТС табобат гирифта истодаанд. Фавтнокӣ аз бемории сил дар соли 2010 - 2 нафар ба 100 ҳазор аҳолиро ташкил додааст. Дар як сол 6061 нафар аз ташхиси флюрографияи қафаси сина гузаронида шудаанд. Сабабҳои асосии афзоиши чунин бемориҳо, риоя накардан ба нигоҳубини чорвои хонагӣ, зиёд будани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ва зиёд шудани ҳайвонҳои газандаи бесаробонмонда ба ҳисоб меравананд.

Дар ноҳияи Ғончӣ шумораи ба касалии ВИЧ/СПИД гирифтор шудагон дар соли 2010 11 нафар ба қайд гирифта шудааст, гарчанде дар миқёси ҷумҳурӣ ин шумораи кам бошад ҳам, лекин эҳтимолияти зиёд гардидани чунин касалӣ вуҷуд дорад, зеро шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз ноҳия сол то сол афзуда истодааст.

Дар маркази саломатии шаҳрак «Утоқи дӯстона» фаъолият менамояд. Дар соли 2010 ба ин утоқ 2130 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо муроҷиат намуданд. Ин утоқи дӯстона якҷоя бо ташкилоти ҷамъиятии «Мақсад» ва Ҳайати Шафқат кор мебарад.

**Дигар намуди бемориҳо.** Дар ноҳияи Ғончӣ касалиҳои захми меъда, газаки меъда, сиррози ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, бемориҳои ғадудҳои дарунӣ, камхунӣ ва бемории ишемияи дил, солҳои охир рӯ ба афзоиш ниҳодааст, аз ҷумла теъдоди гирифторони чунин бемориҳо дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ зиёд гардидааст.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.** Дар ноҳия 47 муассисаи табобатӣ, аз ҷумла 1 беморхонаи марказии ноҳия, 6 беморхонаҳои рақамии ноҳиявӣ, 2 маркази саломатии ноҳиявӣ, 16 маркази саломатии деҳот ва 22 бунгоҳҳои саломатӣ фаъолият менамоянд. Дар бемористонҳои ноҳия 683 кат мавҷуд мебошад.

*Ҷадвали №44. Таъминоти аҳолӣ бо кормандони тиб ва катҳо (коэффисиент)*

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | с.2008 | с.2009 | с.2010 |
|---|---|---|---|---|
| Таъмин намудани аҳолӣ бо духтурон | 1 нафар ба 10 ҳазор аҳолӣ | 155<br>11,4 | 157<br>11,8 | 162<br>11,5 |
| таъмин будани аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ | 1 нафар ба 10 ҳазор аҳолӣ | 590<br>43,6 | 595<br>42,9 | 802<br>42,7 |
| таъмин будани аҳолӣ бо катҳо | 1 кат ба 10 ҳазор аҳолӣ | 650<br>48,0 | 650<br>46,9 | 650<br>46,1 |

*Ҷадвали №45. Муассисаҳои тиббии ноҳияи Ғончӣ*

| | |
|---|---|
| Сохтори шабакаҳои КАТС | 16-муассисаҳои тиббӣ |
| | 22-хонаҳои тиббӣ |
| Хадамоти бистарикунонӣ | 1- беморхонаи марказӣ |
| | 6-беморхонаҳои деҳот |
| Марказҳои тиббии махсусгардонидашуда | 2- марказҳои саломатӣ |
| | 1-маркази репродуктивии занон |
| | 1-Маркази тарзи ҳаёти солим |
| | 1-маркази ҳамбастагии бемориҳои кудакон |
| | 1-маркази СПИД ва бемориҳои бо алоқаи ҷинсӣ гуза-ранда |
| | 1-Маркази мубориза бар зидди касалии сил. |
| Муассисаи давлатии нигаҳдории санитарию эпидемиологӣ | 1-адад |
| Ёрии таъҷилии аввалия | 1 адад |

*Ҷадвали №46. Сатҳи маълумотнокии кормандони КАТС*

| Муассисаҳои тиббӣ | Шумораи кормандон | Бо маълумоти миёнаи махсус | Бо маълумоти олӣ |
|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 444 | 260 | 91 |
| Бо (%) ифодашуда | 100 | 58,5 | 20,5 |
| Хадамоти бистарӣ | 611 | 336 | 56 |
| Бо (%) ифодашуда | 100 | 55,0 | 6,2 |

Дар ноҳия низоми самараноки ҳавасмандгардонии кормандони тиб барои кор дар деҳот мавҷуд нест ва ин боиси норасогии кормандони соҳибихтисос гаштааст. Ҳоло муассисаҳои соҳаи тиббии ноҳия ба чунин мутахассисон ниёз доранд: 8 духтури оилавӣ, 16 ҳамшира, 4 дастёри (фелдшери) ёрии таъҷилӣ, 4 духтури дандон, 3 духтури шуошинос (рентгенолог) ва 5 духтури соҳибкасб. Дар соли 2010 маоши миёнаи кормаднони соҳаи тандурустӣ 167 сомониро (соли 2008-61 сомонӣ ва соли 2009-120 сомонӣ буд) ташкил дод.

**Иштироки ҷомеаҳо дар беҳтар намудани саломатӣ.** Дар ҳалли масоили солимӣ иштироки ҷомеа кам мушоҳида мешавад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ кам ба назар мерасад. Нисбати масъалаҳои бурдани тарзи ҳаёти солим маълумотнокии аҳолӣ дар сатҳи паст қарор дорад.

*Ҷадвали №47. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи тандурустӣ дар ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисба-ти с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Шумораи катҳои беморхонаҳо (кат) | 683 | 683 | 683 | 683 | 683 | 100,0 |
| Иқтидори муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (қабул дар як баст) | 650 | 650 | 650 | 650 | 650 | 100,0 |
| Миқдори муассисаҳои тиббӣ (воҳид) | 22 | 22 | 22 | 22 | 22 | 100,0 |
| Миқдори хонаҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ (воҳид) | 26 | 26 | 26 | 26 | 26 | 100,0 |
| - аз ҳисоби хоҷагидорӣ амалкунанда | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100,0 |
| - клиникаҳои (беморхонаҳои) хусусӣ | - | - | - | - | - | - |
| - муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳҳои хуссусӣ | - | - | - | - | - | - |
| Шумораи кормандони тиббӣ (нафар) | 762 | 770 | 782 | 792 | 802 | 105,2 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| духтурон | 151 | 155 | 161 | 163 | 166 | 110,0 |
| кормандони миёнаи тиббӣ | 611 | 615 | 621 | 629 | 636 | 104,1 |
| Миқдори ҷой дар хонаҳои кӯдакон (ҷой) | - | - | - | - | - | - |
| Миқдори ҷой дар хонаҳои пиронсолон ва маъюбон (ҷой) | - | - | - | - | - | - |
| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
| | | | с.2013г. | с.2014г. | с.2015г. | |
| Таъминот барои 10 ҳазор аҳолӣ: | | | | | | |
| бо катҳо дар беморхонаҳо (кат) | 47,7 | 46,6 | 45,5 | 44,5 | 43,5 | 91,2 |
| бо духтурон (нафар духтур) | 10,5 | 10,56 | 10,73 | 10,62 | 10,58 | 100,8 |
| бо кормандони миёнаи тиббӣ (нафар к.м.т.) | 42,6 | 41,9 | 41,4 | 41,0 | 40,55 | 95,2 |
| бо муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (қабул дар як баст) | 45,3 | 44,3 | 43,3 | 42,4 | 41,44 | 91,5 |

### 2.2.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила ва кӯдакон, расонидани кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоати аҳолӣ иборат мебошад.

***Шуғли аҳолӣ.*** Дар шароити кунунӣ дар ноҳияи Ғончӣ зиёд гардидани шумораи аҳолӣ ва норасогии ҷойҳои корӣ ба душвориҳо дар соҳаи танзими бозори меҳнат ва расонидани ёрии иҷтимоӣ оварда расонидааст.

*Ҷадвали №48. Сатҳи бекорӣ дар ноҳияи Ғончӣ*

| Нишондод | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2008 | | 2009 | | 2010 | |
| | ҳамагӣ | занон | ҳамагӣ | занон | ҳамагӣ | занон |
| Аҳолии қобили меҳнат (ҳазор нафар) | 73657 | 36671 | 76087 | 37739 | 78628 | 39157 |
| Бекорон (дар қайди РАДҲИШАМ) нафар | 934 | 531 | 964 | 548 | 957 | 535 |

Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2010 – 2012 дар асоси ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ таҳия гардида, мақсади асосии он, баланд бардоштани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои нисбатан нодорӣ аҳолӣ, бахусус бекорон мебошад. Дар соли 2011 мувофиқи Барномаи мазкур, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани бекорон муайян гардидааст. Аз ҷумла дар доираи татбиқи барномаи зикргардида, дар ноҳияи Ғончӣ таъсиси 580 ҷойи нави корӣ, бо кори доимӣ таъмин намудани 500 нафар, бо кор таъмин намудани 90 нафар шаҳрвандони бекори дар бозори меҳнат рақобатнопазир, ба касбомӯзӣ равона намудани 95 нафар ва ба кори ҷамъиятӣ сафарбар намудани 95 нафар, пешбинӣ гардидааст.

*Ҷадвали №49. Ташкили ҷойҳои нави корӣ*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 515 | 1060 | 572 |
| Таъмини бекорон бо кори доимӣ | 498 | 516 | 531 |
| Ташкили корҳои фардии соҳибкорӣ бо бекорон тавассути додани карзҳои имтиёзнок | 95 | 63 | 23 |
| Омузиши касбӣ ва бозомӯзии бекорон | 65 | 65 | 65 |
| Ташкили корҳои ҷамъиятӣ бо бекорон | 62 | 62 | 150 |
| Гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ | 2 | 12 | 9 |
| Муҳоҷирати дохилӣ (оила) | 20 | 63 | 45 |

Дар солҳои 2008-2010 аз деҳаҳои наздикӯҳии ноҳия, ки аз ҷиҳати экологӣ хавфнок мебошанд (селраҳаҳо), 128 оила ба ноҳияи Зафаробод ва ба мавзеи Даштикони ноҳияи Ғончӣ кӯчонида шудааст. Дар ноҳия чунин ҷойҳои хавфнок зиёд буда, кӯчонидани аҳоли ноҳия аз онҳо идома дорад.

***Музди меҳнат.*** Гарчанде таи солҳои 2008-2010 болоравии музди меҳнат дар ноҳия 54,3 % (аз 116 то 179 сомонӣ), аз ҷумла, дар соҳаҳои саноат (8,5 %), тандурустӣ (2 маротиба) ва маориф (47%) ба назар расад ҳам, вале раванди машғул гаштани кормандони буҷавӣ ба соҳибкорӣ ё ба сафар намудан ба муҳоҷирати меҳнатӣ бештар шудааст.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ***. Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки қисми зиёди аҳолии ноҳия (24,5%-и аҳолии қобили меҳнат, аз он ҷумла 1,6 % занон) дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Муҳоҷират барои аксари оилаҳои ноҳия сарчашмаи асосии даромад ба ҳисоб меравад.

*Ҷадвали №50. Муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат*

| Сол | Аҳолии қобили меҳнат | Муҳоҷирони меҳнатии расман ба қайд гирифта нашуда | % -и муҳоҷирон, аз аҳолии қобилияти корӣ дошта |
|---|---|---|---|
| 2008 | 73657(36671 зан) | 19437 (581 зан) | 26,3 (1,5% зан) |
| 2009 | 76087(37739 зан) | 16497 (499 зан) | 22,7 (1,3% зан) |
| 2010 | 78628 (39157 зан) | 19410 (615 зан) | 24,5 (1,6% зан) |

Даромади асосии оилаҳои ноҳияи Ғончӣ, аз ҳисоби маблағгузории муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Дар соли 2010 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба бонкҳои ноҳияи Ғончӣ 12 840421 доллари амрикоӣ (57 781 894 сомонӣ) ворид гардид, ки ин маблағи воридшуда 6,5 маротиба аз қисми даромади буҷети солонаи ноҳия (8939556 сомонӣ) зиёд мебошад. Теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия ва дигар ҷумҳуриҳо, асосан барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ва кишоварзӣ мераванд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари тарафҳои мусбат (баланд шудани дараҷаи малакаи корӣ, васеъ шудани ҷаҳонбинӣ, беҳтар шудани шароити иҷтимоӣ ва ғ.) оқибатҳои манфӣ низ дорад, аз ҷумла, кам шудани шумораи аҳолии қобили меҳнат, аз кор рафтани мутахассисони баландихтисос, аз тарбия дур мондани кӯдакони саробони оилаашон дар муҳоҷират буда, бад шудани аҳволи саломатии муҳоҷирони меҳнатӣ (аксар ҳолат муҳоҷирон дар муҳоҷират дар шароитҳои ғайрисанитарӣ ва мушкил зиндагонӣ мекунанд), вайроншавии оилаҳо (таи солҳои 2008-2010 - 347 ҳолати вайроншавии оила ба қайд гирифта шудааст).

***Муҳоҷирати дохилӣ.*** Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009 таҳти №530 "Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2010-2012" пешниҳод мегардад, ки қисми аҳолии ҷамоатҳои Овчӣ ва Росровут ба ноҳияҳои Шаҳристон, Зафаробод ва мавзеи Даштикони ноҳия кӯчонида шавад.

Оиди иҷрои ин қарор корҳо идома доранд. Дар давоми солҳои 2011-2013 мувофиқи барномаи Раёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии ноҳия, кӯчонидани 300 оила аз ҷамоатҳои Овчӣ ва Росровут, ба мавзеи Даштикони ҷамоати деҳоти Яхтан, ноҳияҳои Зафаробод ва Шаҳристон, ба нақша гирифта шудааст.

Мушкилии асосӣ дар ин соҳа, дар ду соли охир, пешниҳод нагардидани қарзҳои имтиёзнок мебошад. Муаммои дигар он мебошад, ки муҳоҷирони экологӣ аксар вақт ҷойҳои бобоии худро ба зудӣ тарк намекунанд ва оилаҳои худро зери хавф мемононанд, аз ҷумла чунин ҳолат моҳи майи соли 2010 дар деҳаи Хишекати ноҳияи Ғончӣ ба вуқӯъ омад ва дар натиҷа хонаводаи 8 оила аз омадани сели калон дар зери қабати шағал монданд.

***Ҳифзи иҷтимоии нафақахӯрон ва аҳолии шароити вазнин дошта***. Дар ноҳияи Ғончӣ ба санаи 1 январи соли 2011 - 10 865 нафар нафақахӯрон ба рӯйхат гирифта шудаанд, ки 6241 нафари онҳо занон мебошанд.

*Ҷадвали №51. Шумораи нафақахӯрон дар давоми солҳои 2006-2010 (ҳазор нафар)*

| Номи гурӯҳи осебпазир | С о л ҳ о | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
| Нафакахӯрон, ҳамагӣ: | 10575 | 10593 | 10565 | 10757 | 10865 |
| аз ҷумла, пиронсолон | 7135 | 6930 | 6835 | 6946 | 6975 |
| Маъюбон | 2670 | 2861 | 2923 | 3006 | 3104 |
| бесаробонмондагон | 770 | 802 | 807 | 805 | 786 |
| машғули кор | 369 | 443 | 466 | 502 | 487 |
| кӯдакони маъюб | 1014 | 1056 | 1105 | 1155 | 1219 |
| кӯдакони ятим | 13 | 12 | 16 | 22 | 24 |
| маъюбони модарзод | 245 | 356 | 309 | 326 | 374 |

Чуноне, ки аз ҷадвали боло бармеояд, дар муддати панҷ соли охир, шумораи умумии нафакахӯрон нисбатан зиёд шуда истодааст (102,7%). Дар ин самт зарур аст, ки аз ҷониби масъулин ва мутахассисони соҳа ба ҳолати кунунии саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ диққати махсус дода шавад.

Миқдори маъюбон дар ноҳияи Ғончӣ дар соли 2010 нисбат ба соли 2006 ба 116,2%, маъюбони модарзод ба 152,6 % ва кӯдакони маъюб ба 120,2 % афзудааст ва ин омил андешидани чораҳои фавриро талаб менамояд.

Бо ташаббуси Сарраёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилояти Суғд ва дастгирии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ғончӣ, Маркази ёрии иҷтимоӣ ташкил гардид. Марказ муассисаи мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ буда, аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузори карда мешавад. Айни ҳол, дар ин марказ 40 нафар маъюбону шахсони яккаву танҳо рӯзона як маротиба бо хӯроки гарм таъмин карда шуда, ба зиёда аз 180 нафар барҷомондагон дар ҷои истиқомат хизмат расонида мешавад. Маблағе, ки барои хӯрок ва нигаҳдории Марказ аз ҳисоби буҷети ноҳия ҷудо мегардад, барои нигоҳдории Марказ нокифоя мебошад. Марказ дар бинои пештараи боғча-яслӣ ташкил гардида, айни ҳол бинои он таъмирталаб мебошад. Барои ташкил намудани нигоҳубини шабонарӯзии барҷомондагон ва пиронсолони яккаву танҳо шароити лозимӣ мавҷуд нест.

*Ҷадвали №52. Шумораи нафарони пиронсоли барҷомондаю ниёзманд ва яккаву танҳо дар ноҳияи Ғончӣ дар соли 2010 (нафар)*

| № | Нишондиҳандаҳо | шумора |
|---|---|---|
| 1 | Ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ | 67 |
| 2 | Маъюбони гурӯҳҳои 1, 2 ва 3 | 1874 |
| 3 | Нафақахӯрони бистарӣ | 284 |
| 4 | Дигарон | 79 |
| Тақсимот аз рӯи миллат: | | |
| 1 | Тоҷикон | 1426 |
| 2 | Русҳо | 3 |
| 3 | Дигар миллатҳо | 5 |
| 4 | Ӯзбекҳо | 870 |
| | аз рӯи ҷинсият: | |
| | Занҳо | 980 |
| | Мардҳо | 1324 |

Шумораи оилаҳои камбизоат дар соли 2010 - 5300 оила буда, ба онҳо ба мабалағи 484880 сомонӣ ҷуброни пардохти нерӯи барқ дода шудааст. Фарзандони оилаҳои камбизоат дар ноҳия 4195 нафар буда, дар соли 2010 ба маблағи 167200 сомонӣ ҷуброни мактаббачагон пардохт карда шудааст.

Дар ноҳияи Ғончӣ оиди бо ҷойи корӣ таъмин намудани маъюбон ягон кор ба роҳ монда нашудааст, зеро дар ноҳия сафи бекорон бисёр буда, ташкили теъдоди ҷойҳои нави корӣ ба талабот ҷавобгӯй намебошад. Шахсони маъюби дар ҳудуди ноҳия истиқоматдошта, ҳамчун бекорони қаторӣ бо ҷойи корӣ таъмин карда мешаванд.

*Ҷадвали №53. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди захираҳои меҳнатӣ дар ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Захираҳои меҳнатӣ | 79020 | 81030 | 82550 | 84785 | 86215 | 109,0 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулбудагон – ҳамагӣ | 47248 | 49258 | 51403 | 53803 | 56103 | 118,0 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| дар истеҳсолоти моддӣ | 19913 | 20398 | 21300 | 21955 | 22645 | 113,0 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Саноат | 93 | 110 | 180 | 200 | 220 | 2 марот |
| Кишоварзӣ | 19265 | 19460 | 20000 | 20595 | 21145 | 109,0 |
| Сохтмон | 81 | 160 | 200 | 210 | 220 | 2марот |
| Нақлиёту алоқа | 148 | 208 | 270 | 300 | 350 | 2 марот |
| Савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ | 126 | 210 | 230 | 250 | 260 | 2 марот |
| дигар соҳаҳо | 200 | 250 | 350 | 400 | 450 | 2 марот |
| дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ | 24200 | 24760 | 25975 | 27075 | 28100 | 116,0 |
| Аз шумораи машғулбудагон: | | | | | | |
| - дар корхонаю ташкилоти бахши давлатӣ | 1660 | 1690 | 1740 | 1780 | 2000 | 120,0 |
| - бахши коллективӣ | 4150 | 4370 | 4420 | 4470 | 4520 | 109,0 |
| - дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият | 150 | 160 | 175 | 200 | 250 | 166,0 |
| - дар бахши хусусӣ (бо назардошти хоҷагии шахсӣ) | 18240 | 18540 | 19640 | 20150 | 20360 | 111,0 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулнабудагон | 31000 | 29810 | 29010 | 29980 | 30350 | 98,0 |
| Муҳоҷирати меҳнатӣ | | | | | | |
| Шумораи муҳоҷирони меҳнатие, ки берун аз марзи ҷумҳурӣ ҳиҷрат намуданд (ҳазор нафар) | 11314 | 10850 | 10500 | 10350 | 10230 | 90,4 |

*Ҷадвали №54. Нишондиҳандаҳои дурнамои ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳама гуна шаклҳои фаъолият - ҳамагӣ (ҷои корӣ) | 635 | 650 | 660 | 670 | 680 | 107,0 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| -сохтмони нав | 30 | 35 | 40 | 45 | 50 | 166,0 |
| -таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда | 202 | 205 | 208 | 210 | 212 | 105,0 |
| - барқароркунии иқтидории корхонаҳои аз кор баромада | - | - | - | - | - | - |
| | 403 | 410 | 412 | 415 | 418 | 104,0 |

## 2.2.4. Фарҳанг ва варзиш

***Фарҳанг***. Шумораи умумии муассисаҳои фарҳангии ноҳияи Ғончӣ 55 адад буда, айни ҳол 26 китобхона, 1 Қасри фарҳанг, 1 хонаи фарҳанги ноҳиявӣ, 4 хонаҳои фарҳангии деҳот, театри ҳалқӣ ва як мактаби санъат фаъолият мебаранд. Дар ноҳия ансамбли «Шашмақом» ташкил гардидааст. Дар китобхонаҳои ноҳияи Ғончӣ 132427 нусха адабиётҳои гуногун нигоҳдорӣ карда мешавад. Шумораи умумии хонандагони китобхонаҳои ноҳия ба 1 январи соли 2011 - 7707 нафарро ташкил додаст.

Дар айни ҳол, ҳамаи муассисаҳои фарҳангии ноҳия таъмирталаб буда, дар клубҳои деҳот асбобҳои мусиқӣ намерасанд. Китобхонаҳои ноҳия низ, дар 10 соли охир бо адабиётҳои нав таъмир нагардидаанд. Умуман, дар тамоми муассисаҳои фарҳангии ноҳия таҷҳизотҳои зарурӣ (мизу курсӣ, рафҳои китобмонӣ ва таҷҳизотҳои компютерӣ) мавҷуд нест. Бо сабаби паст будани музди меҳнат, мутахассисони ин соҳа бисёртар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар менамоянд.

***Варзиш.*** Барои нигоҳ доштани саломатии ҷомеа, ҷалби кӯдакон ба варзиш ва баланд бардоштани нишондиҳандаҳои варзишии ноҳия, дар маркази ноҳия як мактаби варзишӣ фаъолият менамояд, ки аз 30 гурӯҳ иборат буда, дар он 13 нафар мураббиён ва 8 нафар кормандони техникӣ кор мекунанд). Шумораи хонандагони мактаби варзишии номбурда 355 нафар буда, аз он 70 нафарашон духтарон мебошанд.

Дар маркази шаҳраки Ғончӣ варзишгоҳи дорои 2500 ҷойи нишаст мавҷуд мебошад. Умуман дар ҳудуди ноҳия 63 адад майдончаҳои варзишӣ ва 19 адад толорҳои варзишӣ амал мекунанд.

Дар соли 2010 варзишгарони ноҳияи Ғончӣ дар мусобиқаҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ ва байналҳалқӣ фаъолона ширкат варзида, сазоворӣ 28 медал (6 тилло, 9 нуқра ва 13 биринҷӣ) гаштаанд, аз ҷумла 6 медали он дар мусобиқаҳои вилоятӣ ба даст оварда шудааст.

*Ҷадвали №57. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи фарҳанг дар ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Миқдори муассисаҳои оммавӣ – фарҳангӣ (воҳид) | | | | | | |
| Клубҳо | 22 | 22 | 22 | 22 | 22 | 100,0 |
| аз он ҷумла ҷумҳуриявӣ | - | - | - | - | - | - |
| Китобхонаҳои оммавӣ | 26 | 26 | 26 | 26 | 26 | 100,0 |
| аз он ҷумла ҷумҳуриявӣ | - | - | - | - | - | - |
| Осорхонаҳо | - | - | - | - | - | - |
| Театрҳо | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100,0 |
| аз он ҷумла театрҳои касбӣ | - | - | - | - | - | - |
| Мактабҳои мусиқӣ (воҳид) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100,0 |
| Шумораи хонандагон (нафар) | 141 | 141 | 145 | 142 | 150 | 106,4 |
| Миқдори кадрҳо (ҳазор нафар) | 127 | 127 | 127 | 127 | 127 | 100,0 |

**Мушкилиҳои соҳа.** Норасогии ҷойҳои нишасти хониш, мавҷудияти зарурият барои гузаронидани таъмири куллӣ, сертификат надоштани замини назди мактабҳо, ҷалби духтарон ба зинаи сеюми таълим, норасогии китобҳои дарсӣ (тоҷикӣ) дар мактабҳои ӯзбекзабон, зиёд намудани сафи муаллимони ҷавон ва ба онҳо додани имтиёзҳо, таъмин набудан бо оби нӯшокӣ, набудани хатти гармидиҳӣ, набудани ошхона, таъмирталаб будани боми биноҳои таълимӣ, зарурияти сохтмони мабраз, зарурият таъминоти мизу курсӣ ва дигар ашёҳои таълимӣ, норасогии шумораи омӯзгорон, кам будани шумораи компютерҳо, норасогии толорҳои варзишӣ ва майдончаҳои варзишию таҷҳизот, суст шудани заминаи моддию теҳникии муассисаҳои табобатӣ–профилактикӣ, сатҳи нокифояи тахассусии кадрҳои тиббӣ, фарсуда ва корношоямии биноҳои марказҳо ва хонаҳои саломатӣ, фарсуда шудан ва нокифоягии таҷҳизоти муоинаи рентгенӣ, таҷҳизоти УЗИ, ЭКГ, озмоишгоҳи отоскопӣ, мавҷуд набудани нақлиёти ёрии таъҷилӣ дар МСД, корношоямии хатҳои обгузар ва партовгоҳҳо, норасогии кормандони соҳаи тиб, маҳдуд будани хизматрасонии тиббии бахши хусусӣ, норасогии дорувории бепул барои шахсони имтиёздошта, фарсуда ва корношоям шудани катҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ (кӯрпаю болиштҳо ва болопӯшҳо), набудани биноҳои маъмурии бунггоҳҳои саломатӣ, мавҷуд набудани шаклҳои нави

КАТС, аз ҷумла шумораи ками духтурон ва ҳамшираҳои тибби оилавӣ, сари вақт нагузаштани кормандони тиб аз курсҳои такмили ихтисос, номутаносибии маблағҳои барои зинаи аввал ва дувуми хадамоти тиббӣ ирсолшуда, дастнорасоии маводи иттилоотии касбӣ ба кормандони тиб, таъмири асосии бино ва таҷҳизонидани Маркази ёрии иҷтимоӣ (аз он ҷумла компютеркунонӣ), компютеркунонии Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ, нокифоягии маблағи буҷети маҳаллӣ барои хизматрасониҳои кӯмаки иҷтимоӣ равонашуда, ноустувории молиявии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа (бинобар субвенсинӣ будани ноҳия), набудани хона-интернати махсус барои ятимон ва номутобиқатии ташкили таъминоти маъюбону пиронсолон ва кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ба меъёрҳои умумии қабулгардида, таъмири биноҳои муассисаҳои фарҳангӣ ва варзишӣ, нокифоягии асбобҳои мусиқӣ, либосҳои фарҳангӣ ва варзишӣ, набудани маблағ барои бунёди майдончаҳои футбол ва волейбол дар варзишгоҳи марказии ноҳия ва бунёди майдонҳои варзишӣ дар деҳаҳои ҳудуди ноҳия, таъмирталаб будани бинои китобхонаҳои деҳот, зарурияти таъмини мактаби мусиқӣ бо асбобҳои мусиқии миллӣ ва таъмири бинои мактаби мазкур, бунёди китобхонаи марказии замонавӣ, набудани китобхонаи электронӣ дар ноҳия, дастрас намудани адабиётҳои нав, рафҳои китобмонӣ ва мизу курсиҳо, таъмир намудани клубҳои деҳот, зарурияти таъмин намудани клубҳои деҳот бо воситаҳои техникӣ ва асбобҳои мусиқӣ, зарурияти дар назди шӯъбаи фарҳанг кушодани студияи сабти овоз ва сабти навор.

## 2.2.5. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иҷтимоии ноҳияи Ғончӣ

*Ҷадвали №58*

| Мақсад | Вазифаҳо | Лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳаз.сомонӣ) | Солҳо | | | | | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Нишондиҳандаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| **Тандурустӣ** | | | | | | | | | | | |
| *Дастрасии баробар ба хизматрасонии тиббӣ ва беҳтар намудани баъзаи моддию техникии соҳаи тандурустӣ* | *1.Баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ дар маҳалҳо оиди пешгирии касалиҳои сироятkунанда* | *1.1.Ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати тарғиби тарзи ҳаёти солим.* | *10* | *-* | *-* | *10* | *-* | *-* | | *Буҷети маҳаллӣ* | *Паст шудани сатҳи талафоти модар ва кӯдак то соли 2016 то 85%. Камшавии теъдоди гирифтории касалиҳои сироятӣ то соли 2016 то 60%. Афзоиши басти қабули беморон то соли 2016 то50%. Афзоиши шумораи катҳо дар беморхонаҳои ноҳия то соли 2016 то 65 %. Афзудани шумораи ҷойҳои кори нав ташкил гардида то соли 2016 то 65% . Зиёд шудани шумораи иншоотҳои нави ба истифода супоридашуда то соли 2016 то 45 %. Зиёд гардидани шумораи мута-* |
| | | *1.2.Дар якҷоягӣ бо муассисаҳои тандурустӣ ва ҷомеа гузаронидани чорабиниҳои иттилоотии ҷамъиятӣ (воҳӯриҳо, сӯҳбатҳо, аксияҳо, баромадҳо дар ВАО) оид ба масоили пешгирӣ намудани: а) норасоии оҳан ва йод дар бадан ва истифодаи гизои солим. б) гельминтоза в) касалиҳои сироятӣ (пеш аз ҳама масъалаҳои пешгирии сил ва домана)* | *40* | *-* | *-* | *10* | *20* | *10* | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | |
| | *2.Таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳоитандурустии ноҳия* | *2.1.Таъмири асосии бинои беморхонаи марказӣ (инфрасохтори беморхонаи марказӣ)* | *600,0* | *100,0* | *100,0* | *100,0* | *100,0* | *200,0* | *МИҲД н. Ғончӣ* | *Буҷаи маҳаллӣ* | |
| | | *2.2.Сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ дар деҳаҳои Даштикон, Метк, Каҷровут, Янгиариқи Поён ва Навобод* | *1440,0* | *300,0* | *280,0* | *280,0* | *250,0* | *330,0* | *МИҲД н. Ғончӣ* | *Буҷети маҳаллӣ, хоҷ/ деҳқ, аҳолӣ* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *2.3.Идомаи сохтмони бинои таваллудхона барои 100 кат дар шаҳраки Ғончӣ* | *4088,3* | | | *1000,0* | *1500,0* | *1588,3* | *МИҲД н. Ғончӣ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *хассисоне, ки аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд то соли 2016 то 50% ..* <br><br> *Афзоиши теъдоди муассисаҳои тиббии бо таҷҳизоти миуосири ташхису табобатӣ таъмингардида то соли 2016 то 60% .* |
| | | *2.4.Ба охир расонидани сохтмони беморхонаи минтақавии Калининобод* | *4042,5* | | | *1000,0* | *1600,0* | *1442,5* | *МИҲД н. Ғончӣ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ,* | |
| | | *2.5.Сохтмони комплекси хизматрасонии тиббӣ дар деҳаи Далён* | *800,0* | *600,0* | *200,0* | | | | *Ҷамоати деҳоти Далёни Боло* | *Соҳибкорон* | |
| | | *2.6.Таъмири асосии беморхонаи № 5 дар деҳаи Далён* | *20,0* | *20,0* | | | | | *Ҷамоати деҳоти Далёни Боло* | *Соҳибкорон* | |
| | | *2.7.Таъмири ҷории хонаи саломатии деҳаи Далёни Боло* | *20,0* | *20,0* | | | | | *Ҷамоати деҳоти Далёни Боло* | *Соҳибкорон* | |
| | | *2.8.Таҷҳизонидани бунгоҳҳои тиббии деҳаи Росровут 2 адад* | *50,0* | *50,0* | | | | | *МИҲД н.Ғончӣ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | |
| | *3.Баланди бардоштани нақши бахши хусусӣ ҷиҳати фароҳам овардани хизматрасониҳои хушсифат ва муосири тиббӣ* | *3.1.Ҷорӣ намудани бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи тиб дар курсҳои такмили ихтисос* | *10* | *-* | *-* | *-* | *10* | *-* | | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *3.2.Зиёд намудани квотаи дохилшавии ҷавонони лаёқатманди деҳаҳои дурдасти ноҳия ба донишгоҳҳои тиббии ҷумҳурӣ ва кишварҳои ҳориҷӣ* | *10* | *-* | *-* | *10* | *-* | *-* | | *Буҷети ҷумҳуривӣ* | |
| | *4.Беҳтар намудани сифати ҳизматрасониҳои тиббӣ дар муассисаҳои тандурустӣ* | *4.1.Харидорӣ намудани таҷҳизотҳои муосири тиббӣ барои Маркази саломатии ноҳия* | *45,0* | *10,0* | *15,0* | *10,0* | *10,0* | | | *Ташкилотҳои байналхалқӣ* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 4.2.Харидорӣ намудани 3 адад мошинҳои ёрии таъҷилӣ барои беморхонаҳои ноҳия (БМН 1,2 ва3) | 90,0 | | | 30,0 | 30,0 | 30,0 | | Буҷети ҷумҳуривӣ | |
| | | 4.3.Дастрас намудани таҷҳизоти УЗИ барои Маркази саломатии ноҳия | 67,5 | | | | | 67,5 | | Ҳоҷагии деҳқонии Мангит | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи тандурустӣ. | 11333,3 | 1100 | 595 | 2450 | 3520 | 3668,3 | | | |
| | | Аз ҷумла: Маблағҳои буҷети маҳаллӣ | 2947,5 | 1040,0 | 580,0 | 380,0 | 350,0 | 597,5 | | | |
| **Маориф** | | | | | | | | | | | |
| Беҳбудии таъминоти методию кадрӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар соҳаи маорифи ноҳия | 1.Зиёд намудани ҷой дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти ҳамагонии ҷамоатҳои ноҳияи Ғончӣ | 1.1.Таъмири асосии боғчаҳои бачагонаи № 2, 4 ва 5 | 200,0 | 50,0 | 75,0 | 75,0 | | | МИҲД н.Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ | Афзудани миқдори ҷой дар муассисаҳои томактабии ноҳия то соли 2016 то 65%. Зиёд гардидани миқдори ҷойи нашви нишаст дар муассисаҳои таълимии ноҳия то соли 2016 то70%. Афзудани миқдори иншоотҳои нави маориф то соли 2016 то 60% . Зиёд шудани шумораи иншоотҳои варзишии мактабҳо то соли 2016 то 50%. |
| | | 1.2.Таъмири лагери истироҳатии бачагонаи «Чашма» | 100,0 | | 100,0 | | | | МИҲД н.Ғончӣ | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.3.Барқарорсозии урдугоҳи истироҳатии кӯдаконаи «Базаи Шаршара» дар деҳаи Далёни Боло | 100,0 | | | 50,0 | 50,0 | | МИҲД н.Ғончӣ | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.4.Бунёди 8 синфхона дар назди мактаби деҳаи Эшонқурғон | 1400,0 | 400,0 | 1000,0 | | | | Вазорати маориф | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.5.Бунёди мактаб барои 624 хонанда дар деҳаи Росровут | 2800,0 | 500,0 | 1000,0 | 1300,0 | | | Вазорати маориф | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.6.Бунёди 8 синфхона дар деҳаи Хишекат | 1400,0 | 400,0 | 500,0 | 500,0 | | | Вазорати маориф | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.7.Сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар назди мактабҳои № 53, 30, 6, 42, 11 ва 15 | 2880,0 | 550,0 | 600,0 | 550,0 | 500,0 | 680 | МИҲД н.Ғончӣ ва ҷамоатҳо | Ҳоҷагиҳо ва аҳолӣ | |
| | | 1.8.Бунёди толорҳои варзишӣ дар назди мактабҳои № 1, 25, 45, 46, 47, 51 ва 53 | 3850,0 | 700,0 | 750,0 | 750,0 | 780,0 | 870,0 | МИҲД н.Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ, х/д ва аҳолӣ | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1.9.Бунёди синфхонаҳои иловагӣ дар деҳаи Қалъачаи Арбоб барои 192 ҷой | 479,5 | | 479,5 | | | | Вазорати маорифи ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.10.Сохтмони бинои мактабҳо барои 120 ҷой дар деҳаҳои Файзобод ва Демнора | 600,0 | | 300,0 | 300,0 | | | Ҷамоати Далёни Боло | соҳибкорон | |
| | | 1.11.Ташкил кардани бохчаи кӯдакон дар собиқ бинои мактаби № 10 | 50,0 | 50,0 | | | | | Раёсати маорифи ноҳия | Соҳибкорон, аҳолӣ | |
| | | 1.12.Ба охир расонидани сохтмони синфхонаҳо и иловагии МТУ№33 дар деҳаи Қийгир | 50,0 | 50,0 | | | | | Раёсати маорифи ноҳия | Соҳибкорон, аҳолӣ | |
| | | 1.13.Шиферпӯш намудани қисми боқимондаи боми мактаби № 43 дар деҳаи Даштикон | 250,0 | | 250,0 | | | | МИҲД в. Суғд | Буҷети вилоятӣ | |
| | | 1.14.Сохтмони синфҳои иловагӣ ва таъмири бинои асосии МТУ№21 дар деҳаи Хӯштоири Ҷар | 470,0 | | | 470,0 | | | Вазорати маорифи ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи маориф. | 14629,5 | 2700,0 | 5054,5 | 3945,0 | 1280,0 | 1550,0 | | | |
| | **Ҳифзи иҷтимоӣ** | | | | | | | | | | |
| Паст намудани сатҳи осебпазирӣ дар байни аҳолӣ | 1.Беҳтар намудани дастрасии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ | 1.1.Ҳавасмандгардонии моддию маънавии кормандони Маркази ёрии иҷтимоие, ки ба пиронсолони танҳо ва маъюбон дар хонаҳояшон хизмат мерасонанд | 20 | - | - | 10 | 10 | - | | Буҷети маҳаллӣ. | Афзоиши теъдоди маъюбон ва пиронсолоне, ки аз хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаҳояшон бархӯрдоранд то соли 2016 то 55%. |
| | | 1.2.Таъминоти маъюбон бо наклиёт ва аробачаҳо (9 нафар) | 15 | - | 5 | 10 | - | - | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Миқдори маъюбони бо аробачаҳои маъюбӣ таъмин |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *1.3.Таъмири пурраи биної Маркази ёрии иҷтимоӣ ва бо таҷҳизотҳои лозима таъмин намудани он, ташкили шуъбаи муолиҷавии Марказ* | *150,0* | *50,0* | | | *50,0* | *50,0* | *МИХД н. Ғончӣ* | *Буҷети вилоятӣ* | *гардида то соли 2016 то 60% зиёд гардидааст.*<br><br>*Миқдори нафароне, ки ба корҳои ҷамъиятии музднок ҷалб гардидаанд то соли 2016 ба 70% афзудааст.*<br><br>*Афзоиши шумораи нафарони қарзи бефоиз гирифта то соли 2016 ба 60%.*<br><br>*Миқдори нафароне, ки курсҳои омӯзишӣ касбиро гузаштаанд то соли 2016 то 70% зиёд шудааст.*<br><br>*Афзоиши теъдоди шахсоне, ки замини наздиҳавлигӣ гирифтанд ва фоизи ҳонаҳои нави сохташуда то соли 2016 ба 65% .* |
| | | *1.4.Таъмири биноі Раёсати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ и ноҳия* | *100,0* | | *50,0* | *50,0* | | | *МИХД н.Ғончӣ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | |
| | *2.Паст намудани сатҳи бекорӣ дар байни аҳолӣ* | *2.1.Ҷалби бекорон ба корҳои ҷамъиятии музднок. (300 нафар бекорон, аз он ҷумла 178 нафар занон)* | *35* | *-* | *-* | *15* | *20* | *-* | | *Номуайян* | |
| | | *2.2.Пешниҳод намудани қарзҳои бе фоиз ба бекорон (80 нафар аз он ҷумла 30 нафар занон.)* | *50* | *-* | *-* | *20* | *20* | *10* | | *Номуайян* | |
| | | *2.3.Сафарбар намудани ҷавонон ба курсҳои омӯзишии касбӣ ба ноҳияҳои Ҷ.Расулов (300 нафар аз он ҷумла 180 нафар духтарон)* | *40* | *-* | *-* | *10* | *10* | *20* | | *Номуайян* | |
| | *3.Беҳтар намудани шароити муҳоҷиронидохилӣ ва экологӣ* | *3.1.Кӯчонидани 300 оила аз ҷамоатҳои Овчӣ ва Росровут ба мавзеи Даштикони ҷамоати деҳоти Яхтан, ноҳияҳои Зафарободва Шаҳристон* | *200* | *-* | *-* | *-* | *100* | *100* | | *Номуайян* | |
| | | *3.2.Сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои муҳоҷирони дохилӣ дар деҳаи Даштикон (100 адад)* | *3000* | *-* | *-* | *-* | *1000* | *2000* | *МИХД н. Ғончӣ* | *Маблағҳои аҳолӣ* | |
| | | *Ҳамагӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ* | *3610* | *50* | *55* | *115* | *1210* | *2180* | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Бахши гендер** | | | | | | | | | | |
| Таъмини баробарии гендерӣ | 1.Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ дар байни занҳо | 1.1.Таҳияи барномаи омӯзишӣ ва гузаронидани семинарҳо барои талабагони синфҳои болоӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ | 29,7 | | | 9,9 | 9,9 | 9,9 | МИҲД н.Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ | Зиёд шудани миқдори ҷойҳои кории нав то соли 2016 то 60% . |
| | | 1.2.Дастгирии ҳуқуқҳои занон ҳангоми таҷдиди корхонаҳои кишоварзӣ | 20,4 | | 6,8 | 6,8 | 6,8 | | МИҲД н.Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 1.3.Зиёд намудани ҳиссаи духтарон дар корҳои мактабию ҷамъиятӣ | 16,5 | 5,5 | 5,5 | 5,5 | | | МИҲД н.Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 1.4.Роҳандозӣ намудани барномаи омӯзишӣ барои занон оиди андоз ва андозбандӣ дар соҳаи кишоварзӣ | 15,0 | | | 5,0 | 10,0 | | МИҲД н.Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 1.5.Ташкили сехи коркарди маҳсулоти хушки мевагӣ дар ҷамоати деҳоти Калининобод | 100,8 | | | 33,0 | 33,8 | 34,0 | МИҲД н.Ғончӣ | Ташкилоти байналхалқии «Чезви-Италия» | |
| | | 1.6.Ташкили курсҳои омӯзиши касбҳои нав барои духтарон (муҳосиб, ошпаз ва корҳои хизматрасонӣ) | 30,0 | | | 30,0 | | | МИҲД н.Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 1.7.Пешниҳод намудани маслиҳатҳои ҳуқуқии ройгон ба занҳои ҳудуди ноҳия | 15,0 | | 5,0 | 5,0 | 5,0 | | МИҲД н.Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ, Ташкилотҳои ғайридавлатӣ. | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи гендер | 227,4 | 5,5 | 17,3 | 95,2 | 65,5 | 43,9 | | | |
| **Фарҳанг ва варзиш** | | | | | | | | | | |
| | 1.Беҳтар намудани сифати инфрасохтори фарҳанг ва фароғат | 1.1.Таъмири варзишгоҳи маркази ноҳия | 50,0 | 50,0 | | | | | МИҲД н. Ғончӣ | Маблағҳои хусусии соҳибкорон | Қаноатманд гаштани аҳолӣ аз хизматрасониҳои бахши фарҳангу фароғат . |
| | | 1.2.Сохтмони 18 варзишгоҳ дар деҳаҳои ҳудуди ноҳия | 54,0 | 54,0 | | | | | МИҲД н. Ғончӣ, | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1.3.Ташкили дастаҳои футбол ва волейболбозони ноҳия | 500 | | | | 500 | | МИҲД н. Ғончӣ | Номуайян | |
| | | 1.4.Бунёди меҳмонхонаи замонавӣ дар маркази шаҳраки Ғончӣ | 1000,0 | 1000,0 | | | | | МИҲД н. Ғончӣ | Соҳибкорон | |
| | | 1.5.Таъмир ва ҷиҳозонидани қасри фарҳанги ноҳия | 50,0 | | 50,0 | | | | МИҲД н. Ғончӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.6.Таъмири бинои мактаби мусиқӣ | 50,0 | | | 50,0 | | | МИҲД н. Ғончӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.7.Бо адабиёти нав таъмин намудани китобхонаҳо (20 000 китоб) | 60,0 | | 20,0 | 20,0 | 20,0 | | МИҲД н. Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 1.8.Таъмир ва хариди воситаҳои техникӣ, асбобҳои мусиқии клубҳои деҳот | 110,0 | 20,0 | 20,0 | 20,0 | 20,0 | 30,0 | МИҲД н. Ғончӣ | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.9.Таъмири хонаи маданияти деҳаи Куҷкина | 50,0 | | | 50,0 | | | МИҲД н. Ғончӣ | Ҳоҷагии деҳқонии Куҷкина | |
| | | 1.10.Таъмир ва муҷаҳҳазгардонии китобхонаҳои деҳот (10 китобхона) | 136,0 | 20,0 | 25,0 | 20,0 | 30,0 | 40,0 | МИҲД н. Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 1.11.Таъмири асосии мавзеи ёдгориҳои таърихии ҷамоати деҳоти Яхтан | 50,0 | 10,0 | 20,0 | 20,0 | | | МИҲД н. Ғончӣ | Ҳоҷагиҳои деҳқонӣ, аҳолӣ | |
| | | 1.12.Ташкили марказҳои фарҳангӣ дар шаҳраки Ғончӣ | 100,0 | | | | 50,0 | 50,0 | МИҲД н.Ғончӣ, ҷамоат | Соҳибкорон | |
| | | Ҳамагӣ дар бахши фарҳанг ва фарогат | 1609,0 | 1154,0 | 135,0 | 180,0 | 70,0 | 70,0 | | | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи иҷтимоӣ | 31409,2 | 5009,5 | 5856,6 | 6785,2 | 6145,5 | 7512,2 | | | |

## 2.3. ИНФРАСОХТОР

### 2.3.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ

Таъмин намудани аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ – яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолият ба ҳисоб меравад. Айни ҳол, ҳамагӣ 39,1 фоизи аҳолии ноҳияи Ғончӣ бо оби ошомиданӣ таъмин мебошад.

*Ҷадвали №59. Таъминот бо оби нушокӣ дар шаҳраки Ғончӣ ва деҳаҳои гирду атрофи он*

| Маҳалла/деҳа | %-и бо об таъмин шудани аҳолӣ | Сарчашмаҳои оби нӯшокӣ ва намуди обтаъминкунӣ | Душвориҳои асосии обтаъминкунӣ | Фоизи хатҳои обҳои нушокӣ ба талаботи санитарие, киба талабот ҷавобгӯй аст |
|---|---|---|---|---|
| Шаҳраки Ғончӣ | 62,5 | Чашмаҳои худҷоришавандаи Ӯртақӯрғон, обанбори Даҳанасой, пойгоҳҳои обкашӣ (чоҳи амудӣ) | Хатҳои обгузар корношоям гардидааст, тавоноии қубурҳо намерасад, кам гардидани захираҳои обҳои зеризаминӣ | 25,0 |
| Қалъачаи Раис | 8,3 | - //- | - //- | Ба талабот ҷавобгӯ намебошад |
| Қалъачаи Азим | 8,3 | - //- | - //- | Ба талабот ҷавобгӯ намебошад |
| Гул | 4,2 | - //- | - //- | 100,0 |
| Қаробӯин | 12,5 | - //- | - //- | 100,0 |
| Ғазантарак | 50,0 | - //- | - //- | 65,0 |
| Эшонқурғон | 8,3 | - //- | - //- | Ба талабот ҷавобгӯ намебошад |

Корхонаи обу корезии ноҳияи Ғончӣ, ки дар самти обтаъминкунӣ фаъолият менамояд, танҳо ба ҷамоати шаҳраки Ғончӣ ва деҳаҳои гирду атрофи он (бо фарогирии 16500 нафар аҳолӣ) хизмат мерасонад, ки он 11,4 фоизи умумии истифодабарандагони обро ташкил менамояд. Дар ҷамоатҳои боқимонда, таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ марказонида нашудааст. Хатҳои обгузар бесоҳиб буда, ба тавозуни ягон хоҷагӣ гузаронида нашудаанд. Дар ҳар як деҳа аз ҳисоби аҳолӣ чоҳҳои амудӣ бунёд гардида, хатҳои обгузар гузаронида мешаванд. Аҳолии ин ҷамоатҳо ҳаққи пардохти истифодаи оби нӯшокиро намесупоранд. Зеро бисёр хатҳои обгузар бо роҳи ҳашар ва аз тарафи ТҒД бунёд гардида, айни ҳол соҳиб надоранд.

Ҳавзҳои деҳаҳо аз тарафи аҳолӣ бо роҳи ҳашар тоза карда мешаванд ва аз тарафи ягон ташкилотҳои санитарӣ назорат карда намешаванд. Оби ифлоси ҳавз ва ҷуйборҳои сабабгори дар ноҳия зиёд гардидани касалиҳои сироятӣ гардидааст.

*Ҷадвали №60. Таъминоти оби нӯшокӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Ғончӣ*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи хоҷагӣ | Аҳолии мавҷуда | Аз он ҷумла | | Хатти оби нӯшокии мавҷуда (км) | Хатти оби нӯшокии лоиҳавӣ (км) | Таъминот бо оби нӯшокӣ % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Мард | Зан | | | |
| 1 | Муҷун | 6047 | 24101 | 12190 | 11911 | 31,8 | 37,6 | 50 |
| 2 | Шаҳраки Ғончӣ | 1936 | 9620 | 4489 | 4834 | 48 | 72,0 | 39,1 |
| 3 | Росровут | 2920 | 13693 | 6790 | 6901 | 19 | 48,0 | 40 |
| 4 | Калининобод | 2594 | 12964 | 6599 | 6365 | 38 | 45,0 | 30 |
| 5 | Яхтан | 3085 | 13197 | 6526 | 6671 | 48,8 | 72,0 | 28,5 |
| 6 | Далёни Боло | 5119 | 20749 | 10490 | 10259 | 22,8 | 76,2 | 30 |
| 7 | Овчӣ | 6418 | 29597 | 14960 | 14637 | 27,5 | 98,0 | 11,3 |
| 8 | Ғазантарак | 3856 | 16859 | 8455 | 8404 | 29,5 | 97,3 | 35 |

Оби нӯшокии аҳолии шаҳраки Ғончӣ ва деҳаҳои атрофии он аз пойгоҳҳои обгирии деҳаи Янгиариқи Поён, ки соли 1972 сохта ба истифода дода шуда буд ва хатти

худҷоришавандаи чашмаи Ӯртақӯрғон, ки соли 1985 сохта ба истифода дода шуда буд, таъмин мегардад.

Бо сабаби афзоиши зиёди аҳолии шаҳраки Ғончӣ ва деҳаҳои атрофии он ва мавҷуд набудани манбаи нави оби нӯшокӣ, аҳолии шаҳрак ва деҳаҳои дар боло зикргардида, тибқи графики муайян, дар як шабонарӯз аз ду то се соат бо оби нӯшокӣ таъмин карда мешаванд. Аҳолии боқимонда, хусусан аҳолии маҳаллаҳои навбунёду деҳаҳое, ки шабакаҳои обгузар надоранд, аз оби ҳавзҳо, ҷӯйборҳои худҷорӣ ва оби бо мошинҳо овардашуда, истифода мебаранд.

Шумораи аҳолии шаҳраки Ғончӣ ва деҳаҳои гирду атрофи он, к ибо оби нӯшокӣ таъм ин гаштаанд аз 3500 нафар аҳолии солҳои аввал, дар айни ҳол то ба 16500 нафар зиёд шудааст.

Ҳаққи истифодаи об барои аҳолӣ 0,40 сомонӣ буда, нисбати нархҳои соли 2009 ду маротиба зиёд шудааст.

Пардохти ҳаққи истифодаи об аз тарафи аҳолӣ ба идораҳои обрасон 63,0 фоизро (дар соли 2010 нақша-130,0 ҳазор сомонӣ, иҷро-82,0 ҳазор сомонӣ) ташкил менамояд. Яке аз сабабҳои сари вақт пардохт карда натавонистани ҳаққи истифодаи об – гаронии нарх ва бемасъулиятии худи истифодабарандагони об мебошад.

Коркарди безараргардонии об танҳо дар манъбаҳои обтаъминкунии шаҳраки Ғончӣ ва деҳаҳои гирду атрофи он мавҷуд буда, дар ҷамоатҳои боқимонда коркарди безараргардонӣ гузаронида намешавад.

Дар ҳудуди ноҳия 65 фоизи аҳолӣ аз қубурҳои обгузар, 12,2 фоизи аҳолӣ аз чашмаҳо, 4,0 фоизи аҳолӣ аз чоҳҳои амудӣ ва 18,3 фоизи аҳолӣ аз ҳавзҳо ва ҷӯйборҳо об истеъмол менамоянд.

Дар ноҳия хатти ташноб вуҷуд надорад.

Таҳлили гузаронидашудаи вазъи кунунии низоми таъминот бо оби нӯшокии ноҳия чунин муаммоҳоро муайян намуд:

Шабакаҳои дохилии шаҳраки Ғончӣ соли 1963 сохта шуда, ҳоло аз сабаби солҳои тӯлонӣ истифода бурдан, қариб корношоям шудааст. Миқдори садамаҳо дар шоҳқубурҳо дар як моҳ аз 15 то 18 ададро ташкил медиҳад.

Пойгоҳи обгирии деҳаи Янгиариқи Поён, ҷамоати деҳоти Ғазантарак, ки дар он ҷо 6 чоҳи амудии Корхонаи давлатии фаръии об ва коррезии ноҳия ҷойгир аст, солҳои 1975-1980 сохта шудааст ва дар айни замон бо сабаби кам шудани захираҳои оби зеризаминӣ ва фарсудагии пойгоҳҳои обкашӣ, номунтазам кор мекунад.

Аҳолии шаҳраки Ғончӣ, ҷамоати Яхтан, Ғазантарак, Калининобод ва Далёни Боло, оби нӯшокии ба талаботи стандартҳои давлатӣ ҷавобгӯ набударо истифода мебаранд.

Пойгоҳҳои обкашии дуюми шаҳраки Ғончӣ соли 1970 бунёд гардидаанд ва дар маҳаллаи Гулбоғи шаҳрак ҷойгир буда, тамоман корношоям шудаанд ва дар айни замон истифода бурда намешаванд.

**2.3.2. Нақлиёт ва роҳҳо**

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, дар ноҳияи Ғончӣ то санаи 1 январи соли 2011-ум 3962 адад нақлиёти автомобилӣ ба қайд гирифта шудааст.

Аз он 3064 ё (77,3 фоиз) автомобилҳои сабукрав, 697 адад (17,6 фоиз) автомобилҳои боркашон, 201 адад (5,1 фоиз) микроавтобусҳо ва автобусҳо мебошад.

Дар ноҳияи Ғончӣ 674,6 км роҳҳои автомобилгард мавҷуд буда, аз он роҳҳои болопӯши сахт дошта 652,6 км-ро ташкил медиҳад. Аз дарозии умумии роҳҳои мавҷуда, дарозии роҳҳои истифодаи умум 219,6 км буда, дарозии роҳҳои болопӯши мукаммал дошта 22 км мебошаду халос. Аз дарозии умумии роҳҳои мазкур 22 км роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта ва 197,6 км роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта мебошанд.

Бо сабаби нокифоя будани маблағҳои барои нигоҳдории роҳҳо ҷудошуда, дар тӯли 20 соли охир ҳолати роҳҳо хеле ногувор гардидааст. Роҳҳои байни шаҳрак дар тавозуни Корхонаи давлатии фаръии ҳоҷагии манзилии ноҳия буда, роҳҳои байни ҷамоатҳо ва деҳаҳо дар тавозуни муассисаи давлатии назоратии роҳҳои автомобилгарди ноҳия мебошанд.

*Ҷадвали №61. Истифодаи маблағи буҷаи ноҳия барои таъмири роҳҳо*

| Солҳо | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Маблағ (сомонӣ) | 126131 | 150430 | 180344 |

Роҳҳои дохилии ноҳияи Ғончӣ ва роҳҳои байни деҳаҳои он ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Сифати пасти роҳҳо боиси сифати пасти ҳизматрасонӣ гардида, сабаби норозигии аҳолӣ ва соҳибони воситаҳои нақлиёт шудааст.

Солҳои охир дар ноҳия бо роҳи ҳашар, бо қувваи соҳибкорон ва ёрии ТҒД тармиму таъмир ва барқарорсозии роҳҳо ба роҳ монда шуда, дар ин замина 4 адад кӯпрукҳои мошингузар (дар байни деҳаҳои Овчӣ, Хӯштоири Ҷар, Далён ва Ӯртақурғон) бунёд гардида, зиёда аз 25 км роҳҳо қумфарш гардиданд.

**2.3.3. Барқрасонӣ ва газтаъминкунӣ**

Шабакаҳои барқии ноҳия ба шабакаи барқии минтақаи Ғончӣ (ҷамоати Шаҳрак, Яхтан ва Ғазантарак) ва шабакаи барқии минтақаи Калининобод (ҷамоатҳои Овҷӣ, Муҷун, Калининобод, Росровут ва қисман Далёни Боло) ҷудо шудааст.

Ба 20100 оилаҳои минтақаи Ғончӣ, идораи барқи ноҳия ва ба 13252 оилаҳои минтақаи Калининобод, шабакаи барқии ноҳияи Истаравшан хизмат мерасонад. Дар фасли зимистон ба аҳолии ноҳия барқ аз рӯи лимит дода мешавад. Танҳо ба иншоотҳои соҳаи иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ ва маркази ёрии иҷтимоӣ), биноҳои маъмурӣ (МИҲД-и ноҳия, милитсия, суд ва прокуратура) дар фаслҳои тирамоҳу зимистон, қувваи барқ бе маҳдудият таъмин карда мешавад.

Дар санаи 1 январи соли 2011 маблағи қарзи барқ дар ноҳияи Ғончӣ 997,6 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ин нишондод қарзи аҳолӣ 765,8 ҳазор сомонӣ, қарзи соҳаи кишоварзӣ 110,8 ҳазор сомонӣ ва қарзи дигар соҳаҳо 121 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Сабаби зиёд гардидани маблағи қарзи аҳолӣ аз нерӯи барқи истифодашуда дар он аст, ки талафоти барқи дар хатҳои интиқоли барқ вуҷуддошта, ки аз солҳои пешин давом дорад, ба қарзи аҳолӣ ҳамроҳ карда шудааст. Қарзҳои соҳаи кишоварзӣ аз истифодаи чоҳҳои амудӣ, ки барои обёрии заминҳои кишоварзӣ истифода шудаанд, ба вуқӯъ омадааст.

Дар ҳолати фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ, тавоноии мавҷудаи шабакаҳои барқӣ басанда набуда, ба зиёдбории зеристгоҳҳои трансформаторӣ оварда мерасонанд. Дар натиҷа бисёр садамаҳо ба вуҷуд меоянд.

Таъминоти аҳолӣ ва корхонаҳо бо қувваи барқ дар мавсими тобистон пурра ба талабот ҷавобгӯй буда, дар фасли зимистон талаботи аҳолӣ нисбати барқ 35% қонеъ карда мешавад. Сабаби асосии он, норасогии тавоноии шабакаҳои барқ мебошад.

Бо мақсади таъмини пурраи талаботи аҳолии ноҳия бо қувваи барқ тавассути сохтмони силсилаи НОБ-ҳои хурд, бояд дар деҳаи Хӯҷаҳо-2 адад, дар деҳаи Янгиариқи Боло-1 адад ва дар деҳаи Басманда-2 адад нерӯгоҳҳои хурд бунёд гарданд. Дар нерӯгоҳҳои хурди бунёдшаванда имконияти аз 70 то 400 кВт истеҳсол намудани нерӯи барқ вуҷуд дорад.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами №7 аз 2 феврали соли 2009 «Дар бораи барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди обии барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020», дар ноҳияи Ғончӣ сохтмони НОБ-ҳои хурди Хӯҷаҳо 1 ва Хӯҷаҳо 2, Янгиариқи Боло, Басманда 1 ва Басманда 2 ба нақша гирифта шудааст.

Дар деҳаи Овчӣ 2 адад нерӯгоҳи обии барқии хурд (соли сохтмонҳояшон 2007 ва 2009), ки ҳар яке дорои 20 кВт/с тавоноӣ дорад, кор карда истодааст. Нерӯгоҳҳои мазкур бо маблағи аҳолӣ бо роҳи ҳашар бунёд гардида, зиёда аз 50 оилаи деҳаи Овчиро бо барқ таъмин менамоянд.

***Газтаъминкунӣ.*** Ноҳияи Ғончӣ қубури гази табиӣ надорад ва аҳолӣ барои таъмин намудани талаботи худ гази моеъро истифода мебарад. Дар ноҳия 7 нуқтаи фурӯши гази моеъ мавҷуд буда, як нуқта аз рӯи лоиҳа бунёд гардида, дигар нуқтаҳо нуқтаҳои сайёр мебошанд. Бо сабаби гарон будани нархи газ, аҳолии ноҳия гази моеъро на он қадар

зиёд истифода мебаранд, балкӣ бисёр вақт аз сӯзишвориҳои маъмулӣ (ҳезум ва партови ҳайвонот) истифода мебаранд.

Аҳолии шаҳраку деҳоти ноҳия барои пухтани хӯрока ва гарм намудани манзили худ бештар ҳезум, ангишт, хокаи ангишт ва дигар буттагиҳоро истифода мебаранд. Аҳолӣ бо мақсади захира намудани ҳезум дарахтон ва буттаҳоро мебуранд, ки он дар натиҷа ба ҳолати имрӯзаи муҳити зист таъсири зиёди манфӣ мерасонад.

*Ҷадвали №62. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаҳои инфрасохтор (хоҷагии роҳ) дар ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Дарозии умумии роҳҳои автомобилгард – ҳамагӣ (км) | 674,6 | 674,6 | 674,6 | 674,6 | 674,6 | 100,0 |
| аз он ҷумла: бо болопӯши сахт | 352,6 | 352,6 | 359,6 | 364,6 | 369,6 | 105,0 |
| аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | 38,3 | 38,3 | 40,3 | 42,0 | 42,3 | 110,0 |
| Аз дарозии умумии роҳҳо: | | | | | | |
| Роҳҳои истифодаи умум – ҳамагӣ (км) | 219,6 | 219,6 | 219,6 | 219,6 | 219,6 | 100,0 |
| аз он ҷумла: бо болопӯши сахт | 219,6 | 219,6 | 219,6 | 219,6 | 219,6 | 100,0 |
| аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | 22 | 22 | 23 | 24 | 24 | 109,0 |
| Роҳҳои истифодаи ғайриумум – ҳамагӣ (км) | 455 | 455 | 455 | 455 | 455 | 100,0 |
| аз он ҷумла: бо болопӯши сахт | 133 | 133 | 140 | 145 | 150 | 112,0 |
| аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | 16,3 | 16,3 | 17,3 | 18,0 | 18,3 | 112,0 |
| Роҳҳо аз рӯи аҳамияташон: (км) | 219,6 | 219,6 | 219,6 | 219,6 | 219,6 | 100,0 |
| Ҷумҳуриявӣ | 22 | 22 | 22 | 22 | 22 | 100,0 |
| Маҳаллӣ | 197,6 | 197,6 | 197,6 | 197,6 | 197,6 | 100,0 |

### 2.3.4. Хизматрасонии манзилию рифоҳӣ

Корхонаи давлатии фаръии «Ҳоҷагии манзилию коммунали»-и Ғончӣ соли 1959 ташкил карда шуда, дар он 33 нафар коргарон фаъолият менамоянд. Кормандони корхонаи мазкур асосан ба корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ, баровардани партовҳо, нигоҳдорӣ ва истифодабарии фонди манзил, машғул мебошанд.

Корхонаи мазкур ба зиёда аз 8 ҳазор муштариёни ҷамоати шаҳраки Ғончӣ хизмат мерасонад, ки аз онҳо 1056 нафарашон дар хонаҳои бисёрошёна зиндагонӣ менамоянд.

Дар ноҳия сол то сол ҳаҷми партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) зиёд шуда истодааст, аз он ҷумла, агар дар соли 2009 корхона ҳамагӣ 4092 $м^3$ ПСМ бароварда бошад, аллакай дар соли 2010-ум 5067$м^3$ ПСМ бароварда шудааст, ки ин нишондод нисбатан 24% зиёд мебошад.

Тибқи маълумоти омории ноҳия, дар ҳудуди ноҳия 145 корхонаҳо ва ташкилотҳои гуногун амал мекунанд ва корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммунали»-и ноҳия бо 32 корхонаҳои амалкунанда оиди баровардани партовҳо шартнома дорад, ки ин 22,0 %-и миқдори умумии партовҳоро ташкил медиҳад.

Барои ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ, дар корхона 1 адад нақлиёти тамғаи ГАЗ-53 ва 1 адад нақлиёти ассенизатсионии тамғаи ГАЗ-53 кор мекунад, ки аз сабаби солҳои тулонӣ кор карданаш, айни ҳол дар ҳолати фарсудагӣ қарор дорад. Шумораи нақлиётҳои мавҷудаи корхонаи номбурда, барои ба аҳолии шаҳрак ба пуррагӣ хизмат расонидан нокифоя аст. Аз сабаби нокифоягии шумораи нақлиётҳои барои баровардани партов махсусгардонидашуда, корхона корҳои хизматрасониро бо қадри имконияту тавоноиаш иҷро менамояд. Барои хизмат расонидан ба ҷамоатҳои деҳот, шумораи мавҷудаи нақлиётҳои махсусгардонидашуда нокифоя аст. Партовгоҳи маркази шаҳрак дар масофаи 5 км берун аз маркази шаҳрак ҷойгир мебошад.

Дар корхона мушкилии асосӣ, норасогии техника мебошад. Тамоми техникаҳои корхона ҳануз солҳои 1975-1980 дастрас шудаанд ва мӯҳлати истифодаи онҳо кайҳо гузашта, айни ҳол техникаҳо ниҳоят кӯҳнаю фарсуда ва корношоям шудаанд.

### 2.3.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ

Дар аввали соли 2010 дар ноҳияи Ғончӣ 6 адад истгоҳҳои автоматии телефонӣ мавҷуд буда, ғунҷоиши истгоҳҳои васл кардашудаи телефонӣ 1920 рақам ва миқдори дастгоҳҳои асосии телефонӣ 1321 ададро ташкил додааст. Ба санаи 1 январи соли 2010 дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Ғончӣ 4 операторони алоқаи мобилӣ фаъолият намуда, аз хизматрасониии онҳо 79,8 ҳазор муштариён истифода мебаранд. Аҳолии ноҳия ва деҳоти Ғончӣ аз хизматрасонии шабакаҳои мобилии «Тселл-Сомонком», «Вавилон», «Мегафон», «Билайн», «ТК-Мобайл» истифода мебаранд. Таъминоти аҳолӣ (41,3 ҳазор муштарӣ) бо телефонҳои мобилӣ дар сатҳи қаноатбахш қарор дорад.

Дар ноҳия ҶСШК «Тоҷиктелеком» фаъолият мебарад, ки ғунҷоиши истгоҳҳои телефонии он 2700 рақам буда, шумораи истифодабарандагони он 1700 муштарӣ мебошад.

Шумораи истифодабарандагони Интернет дар ноҳияи Ғончӣ дар соли 2010-ум 112 нафарро ташкил дод.

Фарогирии аҳолӣ бо барномаҳои телевизионии Шабакаи якум 90,0%, Сафина 80,0%, Баҳористон 90 %, Ҷаҳоннамо 80 % ва радиои ҷумҳуриявӣ 35,0% мебошад.

Дар ноҳия рӯзномаи «Овози Ғончӣ» фаъолият менамояд. Бинобар дар матбааи ноҳияи Ғончӣ набудани таҷҳизотҳои замонавии чопӣ, рӯзномаи мазкур бо теъдоди 3600 нусха, дар шаҳри Истаравшан нашр мешавад.

**Муаммоҳои мавҷудаи соҳа.** Таъмин набудани муассисаҳои обтаъминкунии ноҳияи Ғончӣ бо техника ва нақлиёти зарурӣ, зарурияти иваз намудани қубурҳои фарсудаи интиқоли оби нӯшокӣ ва пойгоҳҳои обкашӣ, сари вақт пардохт нашудани ҳаққи истифодаи об аз тарафи ташкилотҳо ва аҳолӣ, мушкилоти мавҷуда дар таъминоти маҳалҳои навбунёди ҳудуди ноҳия бо оби нӯшокӣ, зарурияти муҷаҳҳазгардонии ҳудуди санитарии пойгоҳҳои обгирӣ, шоҳқубурҳо ва зарурияти дастрас намудани технологияи нави безараргардонӣ, зиёдбории зеристгоҳҳои фаръӣ ва нокифоягии тавоноии трансформаторҳои зеристгоҳҳои хурд дар маҳалҳо, норасоӣ ва набудани хатти барқ дар маҳаллаҳои навбунёд, зарурати аз нав барқарорсозии хатҳои барқии баландшиддат ва иваз намудани сутунҳои фарсудагашта ва симҳои интиқоли барқ, зарурияти сохтани хатҳои барқӣ ва истгоҳҳои барқӣ, истеҳсол ва истифодаи навъҳои алтернативии энергия дар ноҳия, фарсудагии фарши 22 км роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва таъмири асосии онҳо, танг будан ва хӯрдашавии зиёди кӯпрукҳои мавҷудаи ҳудуди ноҳия, набудани заводи асфалтбарорӣ, набудани корхона ё карери шағалбарорӣ, корношоямӣ ва фарсудагии техникаву таҷҳизотҳои роҳсозӣ, зарурияти ба масофаи 20 км асфалтпӯш намудани роҳҳои автомобилгарди шаҳраки Ғончӣ ва ба масофаи 12 км асфалтпӯш намудани роҳҳои пиёдагард ба маблағи 340000 сомонӣ, душворӣ дар дастрасии автомашинаи компактор тамғаи ГАЗ – 3309, набудани қуттиҳои оҳанин барои партов, зарурияти мутобиқи меъёри экологӣ ба тартиб даровардани партовгоҳи шаҳрак, набудани таҷҳизотҳои чопкунии замонавӣ дар матбаи ноҳия.

## 2.3.6. Стратегия ва вазифаҳои соҳаи инфрасохтори ноҳияи Ғончӣ

*Ҷадвали №63*

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳаз. сомонӣ) | С О Л Ҳ О | | | | | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаи нишондиҳандаҳои рушд. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| **Таъминот бо оби нӯшокӣ** | | | | | | | | | | | |
| Бо оби нӯшокии сифатнок таъмин намудани аҳолӣ | 1.Муҷаҳҳаз гардонидани системаи обтаъминкунии | 1.1.Барқарорсозии системаи мавҷудаи обтаъминкунии шаҳраки Ғончӣ ва деҳаҳои Эшонқӯргон, Қалачаи Раис, Гул, Қалъаҷаи Азим ва як қисми деҳаи Ғазантарак | 171,2 | - | 171,2 | - | - | - | МИҲД. н. Ғончӣ | Ҷалби сармояи хориҷӣ | Зиёд гардидани дарозии умумии хатҳои нави обтаъминкунӣ то соли 2016 то 68%. То соли 2016 мавриди истифода қарор гирифтани 4 км хатти ташноби ноҳия. |
| | | 1.2.Тоза намудани манъбаҳои обтаъминкунии шаҳраки Ғончӣ ва деҳаҳои гирду атрофии шаҳрак | 2000 | - | 1000 | - | 1000 | - | МИМҲД. н. Ғончӣ | Аҳолӣ, сармояи хориҷӣ | |
| | | 1.3.Гузаронидани Хатти ташнобҳо дар шаҳраки Ғонҷи | 5000,0 | - | - | 2000 | 1500 | 1500 | МИҲД н.Ғончӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | 2.Таъмин намудани дастрасии аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ | 2.1.Бунёди хатти оби нӯшокии Уртақӯргон-Ғончӣ | 3600,0 | - | - | - | - | 3600,0 | МИҲД н.Ғончӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 2.2.Бунёди хатти оби нӯшокии деҳаи Бешкал 2 км | 50,0 | - | - | - | - | 50,0 | МИҲД. н. Ғончӣ | Аҳолӣ, ҳоҷагиҳои деҳқонӣ | |
| | | 2.3.Бунёди 7 км хатти оби нӯшокии деҳаи Қалъаи Мирзобой, ҷамоати Овчӣ, | 70,0 | - | - | - | - | 70,0 | МИҲД. н. Ғончӣ | Аҳолӣ, ҳоҷагиҳои деҳқони | |
| | | 2.4.Сохтмони хатти дуюми оби нӯшокии деҳаи Ғазантарак | 110,0 | 110,0 | - | - | - | - | МИҲД. н. Ғончӣ | Буҷети маҳаллӣ, аҳолӣ | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи обтаъминкунӣ | 11001,2 | 110,0 | 1171,2 | 2000 | 2500 | 5220 | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Баркрасонӣ*** | | | | | | | | | | |
| *Беҳтар намудани сатҳи пешниҳоди хизматрасониҳои соҳаи баркрасонӣ* | *1.Сохтмону барқарорсозии иншоотҳои барқтаъминкунӣ* | *1.1.Бунёди 5 адад нерӯгоҳҳои хурди барқии обӣ дар деҳаҳои Хӯҷаҳо, Басманда, Янгиариқи Боло* | *2246,0* | - | - | - | *1123,0* | *1123,0* | *МИҲД.н. Ғончӣ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ,* | *То соли 2016 сохта ба истифода додани 5 адад НБО-и хурд бо иқтидори 250 кВт дар ноҳия.*<br><br>*Афзоиши дарозии хатҳои наеи барқ то соли 2016 то 60%.* |
| | | *1.2.Истифодаи сарчашмаҳои алтернативии қувваи барқ (батареяҳои обтобӣ) дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва дар хоҷагиҳои аҳолӣ* | *1500* | - | *500* | *500* | *500* | - | *МИҲД.н. Ғончӣ* | *Буҷети маҳаллӣ, аҳолӣ, сармояи хориҷӣ.* | |
| | | *1.3.Кашидани хатти барқ дар маҳаллаҳои нави аҳолинишини ноҳия* | *1000* | *1000* | - | - | - | - | *МИҲД н. Ғончӣ* | *Аҳолӣ, ҳоҷагиҳои деҳқонӣ* | |
| | | *Ҳамагӣ дар бахши баркрасонӣ* | *2246,0* | *1000* | *500* | *500* | *1623,0* | *1123,0* | | | |
| ***Нақлиёт ва роҳҳо*** | | | | | | | | | | |
| *Беҳтар намудани ҳолати роҳҳо ва сифати хизматрасонии соҳа* | *1.Беҳтар намудани вазъи роҳҳои маҳаллӣ ва нигаҳдории роҳҳои деҳот* | *1.1.Таъмири роҳи Ғончӣ-Калининобод 50 км* | *3000,0* | | *500,0* | *500,0* | *1000,0* | *1000,0* | *МИҲД. н. Ғончӣ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ.* | *То соли 2016 то 80% таъмир гаштани роҳҳои автомобилгарди ноҳия .* |
| | | *1.2.Таъмири роҳ аз шоҳроҳи асосӣ то маркази шаҳраки Ғончӣ ва роҳҳои дохили шаҳрак* | *180,0* | *40,0* | *40,0* | *50,0* | *50,0* | | *МИҲД. н. Ғончӣ* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *1.3.Шагалпӯш намудани роҳҳои байни деҳаҳо* | *100* | | | | *100* | | *МИҲД. н. Ғончӣ* | *Сармояи хориҷӣ.* | |
| | | *Ҳамагӣ дар бахши нақлиёт ва роҳ* | *3180* | *40* | *540* | *550* | *1050* | *1000* | | | |
| | | *Ҳамагӣ дар соҳаи инфрасохтор* | *9327,2* | *150,0* | *711,2* | *500,0* | *2123,0* | *2123,0* | | | |

## 2.4. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

### 2.4.1. Ҳолати экологии ноҳияи Ғончӣ

Ҳифз ва беҳдошти муҳити зист барои насли имрузу фардо вазифаи аввалиндараҷаи инсоният мебошад.

Инсон бо табиат зинда аст, зеро табиат манбаи ҳаёт дар курраи замин мебошад. Илова бар ин, табиат сарчашмаи асосии конеъ гардонидани талаботҳои моддӣ ба ҳисоб меравад.

Фаромуш набояд кард, ки мӯътадилии муҳити зист на танҳо гарави мӯътадилии фаъолияти олами зинда (растаниҳо, ҳайвонотҳо ва микроорганизмҳо), балки мӯътадилии ҳаёти инсон ва меҳнати он низ мебошад.

Инсоният, чун як намуди биологӣ, мӯҳтоҷи ҳавои тоза, оби ширин, набототу ҳайвонот ва ҳарорати муътадили замин аст. Дар табиат бошад, ҷараёни гардиши модда ва энергия мунтазам идома дорад.

Инсоният дар ҳаёту фаъолияташ ҳамчун намуди биологӣ мисли дигар организмҳо ба муҳити зист таъсир мерасонад. Таъсири ҷомеа ба табиат ногузир аст ва ин таъсир дар натиҷаи инкишофи ҷомеа, зиёдшавии миқдор ва массаҳои мавриди истифодаи рӯзгор ба амал меояд. Таъсире, ки инсоният ба табиат мерасонад, ниҳоят зиёд аст ва метавонад мувозинаи умуми табииро халалдор созад.

«Ҳифзи табиат, истифодаи оқилона ва такрористеҳсоли захираҳои он, солимгардонии муҳити табии зист, вазифаи умумидавлатӣ, кори тамоми халқ ва қарзи маънавии ҳар як шаҳрванд мебошад».

Мақсади асосии таҳсилот ва тарбияи экологӣ, расонидани ҳамбастагии тамоми ҷузъиёти табиат то ба шуури ҳар як фарди ҷомеа аст. Дар шуури ҳар як фарди ҷомеа бедор ва тарбия намудани муҳаббат нисбат ба табиати ватани азиз ва баланд бардоштани ҷавобгарӣ барои ҳамаи дигаргуниҳои табиат, ки дар натиҷаи таъсири инсон ба амал меояд, хеле зарур аст.

Ноҳияи Ғончӣ ноҳияи кӯҳӣ ва аграрӣ ба ҳисоб рафта, дар қисмати шимолии Тоҷикистон ҷойгир аст. Шуғли асосии аҳолии он асосан зироаткорӣ ва чорводорӣ мебошад.

Аз ҳудуди қисми ҷанубии ноҳия, дарёчаи шӯхи Басмандасой, ки аз кӯҳҳои Овчӣ ва Угук сарчашма мегирад, ҷорӣ мегардад. Он бо воситаи канал, ки охирҳои қарни XX сохта шудааст, аз ҳудуди ноҳия гузашта ба обанбори Каттасойи ноҳияи Истаравшан мерезад. Дарёчаи дигар, ки аз ҷониби шарқии ноҳия маҷро мегирад, аз баландии 1880 метр аз кӯҳҳои Росровуту Метк ибтидо гирифта, тавассути сойи Даҳкат ҷорӣ мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ноҳияи Ғончӣ низ айни ҳол муаммоҳои экологӣ вуҷуд доранд. Имрӯз моро зарур аст, ки маърифати экологии аҳолии ноҳияро баланд бардошта, барои ҳалли ин муаммоҳо ҳиссагузорӣ намоем.

Иқлими ноҳияи Ғончӣ континенталӣ буда, ҳарорати миёнаи ҳаво дар ҳамвориҳои ноҳия моҳи июл аз 20 то 30 дараҷа гарм ва дар кӯҳҳои ноҳия ҳарорат аз 12 то 15 дараҷа гарм мешавад.

Моҳи январ бошад, ҳарорати ҳаво аз 2 то 4 дараҷа ва дар кӯҳҳо аз -12 то -15 дараҷа хунук мешавад. Боришоти солона дар ноҳия дар пастиҳо 200-300мм буда, дар кӯҳҳо то 700 мм-ро ташкил медиҳад.

Аз рӯи ҷойгиршавии ҷугрофию иқлим, ҳудуди ноҳияро шартан ба ду минтака ҷудо кардан дуруст мебошад, шояд аввалан ин ҳудуд аз деҳаҳои Анбаргазу Ҳабутак сар карда то деҳачаи Бахмал мерасад, ки Ғончию Ғазантаракро низ дар бар мегирад. Дар ҳудуд ин минтақа, намнокии тобистон нокифоя буда, иқлимаш дар ин фасл хушу дилнишин ва зимистонаш нарму мӯътадил аст.

Ҳудуди минтақаи дуюм деҳаҳои Далёни Болову Поён, Басманда, Калининобод, Муҷун, Иторчӣ, Метк, Росровут ва Мурияк буда, ба минтақаи намиаш кам, тобистонаш мӯътадилу гуворо, зимистонаш миёнаи нарм ва хунуки сербарф, дохил мешавад.

Дар баробари ин, баъзе мавзеъҳои ҳудуди минтақаи дуюм аз теппаҳои Хӯҷа Тоҳири Ҷар ва Қизилӣ сар карда, ба шимол ба тарафи дарёи Сир фарқият мушоҳида карда мешавад. Мавзеи номбурда тобистонаш нисбати дигар мавзеъҳо гарму зимистонаш хунук буда, обу ҳавояш камабри хушк мебошад.

Марзи маъмурии ноҳия ба 8 ҷамоат, аз ҷумла 7 ҷамоати деҳот, 1 ҷамоати шаҳрак тақсим шуда аз 56 деҳа иборат мебошад.

**Таъсиррасонӣ ба ҳавои атмосфера.** Дар ноҳияи Ғончӣ 7 манбаъҳои статсионарии ихроҷкунандаи моддаҳои ифлоскунандаи ҳавои атмосфера мавҷуд мебошад, аз ҷумла:

1.Корхонаи хусусии «Ориён».
2.Заводи хиштбарории ноҳияи Ғончӣ.
3.Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии Манзилию Коммунали»-и ноҳия.
4.ҶДММ «Ороста» (сехи трикотажӣ)
5.ҶШК Ғончигии «Заводи консервабарории шаҳри Хуҷанд».
6.Заводи хиштбарории деҳаи Қизилӣ.
7.Беморхонаи марказии ноҳияи Ғончӣ.

Дар асоси ҳисоботи омори давлатӣ (2ТП (ҳаво)) ихроҷи моддаҳои зараровар ба ҳавои атмосфера дар ноҳияи Ғончӣ дар 6 соли охир чунин сурат гирифтааст:

Соли 2005 - 26,869 тн/сол. Соли 2008 - 75,803 тн/сол.

Соли 2006 - 47,969 тн/сол. Соли 2009 - 45,334 тн/сол.

Соли 2007 - 92,305 тн/сол. Соли 2010 - 32,827 тн/сол.

*Ҷадвали №64. Маълумот дар асоси ҳисоботи омории 2ТП (ҳаво) аз рӯи манбаъҳои статсионарӣ дар ноҳияи Ғончӣ дар 6 соли охир*

| Солхо | Номи ноҳия | Партовҳои зараровар ба ҳавои атмосфера | | | | | | Муқоисаи ҳаҷми партовҳо нисбати соли гу-зашта % | Шумораи манбаъҳои фаъолият дошта | аз он ҷумла: |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла | | | | | | | Муташа-ккилона |
| | | | Партовҳои сахт | Оксиди сулфур $SO_2$ | Оксиди карбон CO | Оксиди нитроген $NO_2$ | Оксидҳои гайри газмонанд | | | |
| 2005 | Ғончӣ | 26,869 | 13,30245 | 3,4694 | 8,806591 | 0,282772 | 1,00815 | 51,7 | 13 | 10 |
| 2006 | Ғончӣ | 47,969 | 23,93775 | 6,4282 | 16,0754 | 0,52905 | 1,00894 | 178,5 | 15 | 4 |
| 2007 | Ғончӣ | 92,305 | 42,80724 | 11,536 | 28,7574 | 0,93182 | 8,27205 | 192,4 | 17 | 4 |
| 2008 | Ғончӣ | 75,803 | 34,6925 | 9,2341 | 23,2704 | 0,7464 | 7,8593 | 82,0 | 17 | 4 |
| 2009 | Ғончӣ | 45,334 | 19,658 | 5,127 | 12,154 | 0,414 | 7,98 | 60,0 | 13 | 2 |
| 2010 | Ғончӣ | 32,827 | 12,148 | 3,172 | 8,135 | 0,257 | 9,115 | 72,4 | 20 | 2 |

Миқдори партовҳои умумии воситаҳои нақлиёте, ки дар ноҳияи Ғончӣ ба ҳавои атмосфера хориҷ шудааст ба 1118,4 тонна дар як сол баробар буда, аз онҳо 244,65 тн ба дӯши нақлиётҳои давлатӣ ва 873,75 тн ба дӯши воситаҳои нақлиёти хусусӣ рост меояд.

Чорабиниҳои мақсаднок дар самти ҳифзи ҳавои атмосфера.

Мақсади қисми номбурда аз омӯхтан, таҳлил кардан ва муайян намудани моддаҳои ифлоскунандаи ба ҳавои атмосфераи таъсири манфӣ расонанда мебошад.

Таркиби моддаҳои заҳрноки газмонанд, ки меъёри муқаррарӣ доранд, аз технологияи истеҳсолот вобастагӣ доранд. Барои маълум сохтани миқдори партовҳои газмонанди ба муҳити атмосфера дар як шабонаруз ё ин, ки дар як сол ихроҷшаванда, хусусиятҳои истифодаи кори таҷҳизотҳои технологӣ ва миқдори сарфи сӯзишворӣ (ангишт, газ, мазут, электродҳои васлкунӣ, нақлиётҳо, таҷҳизоти коркарди металл ва ғайраҳо) муайян карда мешавад.

Натиҷаҳои ҳисоботи партовҳои заҳрнок дар қабати биосфера, мувофиқи талаботи ГОСТ -17.2.3.02.78(3) муқаррар карда мешавад.

Дар ҳолати кори манбаъҳои партови заҳролуддошта, меъёри ҳадди ниҳоии ихроҷи моддаҳои зараровар ба ҳавои атмосфера муқаррар карда шудааст ва ҳангоми ворид сохтани технологияи нав ё мукаммалгардонии таҷҳизотҳои тозакунандаи циклонӣ, миқдори ин партовҳо дар қабати болои рӯи замин аз меъёри ҳадди ниҳоӣ ва беҳдошти консентратсия (ПДК) нисбати меъёри санитарӣ кам мешавад.

Релефи ноҳияи Ғончӣ ноҳамвор буда, самтнокии шамол аз самти шарқ ба ғарб ва суръати ҳаракати он ба 3,5 м/сония баробар аст.

Дар ноҳияи Ғончӣ дар масофаи 20-25 метр боло аз сатҳи замин, ҳаракати ҳаво ба равиши турбулентнокӣ мегузарад ва моддаҳои газмонанди заҳролуди такшиншударо бо худ мебарад, вале миқдори муайяни оксидҳо бо об пайваст шуда безарар мегарданд.

Ҳолати табии физикӣ – географии ноҳияи Ғончӣ бо назардошти он, ки дар ҳудуди ноҳия мавҷуд набудани корхонаҳои калони саноатӣ ва истеҳсолие, ки ба ҳавои атмосфера таъсири ҷиддӣ мерасонад, қаноатбахш мебошад.

*Ҷадвали №65. Ихроҷи моддаҳои заҳрноки ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера*

| № б/т | Номгуи моддаҳо | Меъёри ҳадди ниҳони консентрасия | Гуруҳи ҳатарноки |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1 | Моддаҳои сахт | 0,5 | 3 |
| 2 | Оксиди сулфур $SO_2$ | 0,5 | 3 |
| 3 | Оксиди карбонСО (II) | 5 | 4 |
| 4 | Оксиди нитроген $NO_2$ | 0,085 | 3 |
| 5 | Карбонати гидроген | 1 | 4 |
| 6 | Аэрозоли кафшерӣ | 0,5 | 3 |
| 7 | Марганетс ва оксидҳои он | 0,01 | 2 |
| 8 | Чанги гардолуди оҳан | 0,5 | 3 |
| 9 | Буғи кислотаи сулфат | 0,3 | 3 |
| 10 | Ксилол | 0,2 | 3 |
| 11 | Ацетон | 0,35 | 4 |
| 12 | Бутелатцетат | 0,1 | 4 |

**Захираҳои оби ноҳияи Ғончӣ.** Манбаъҳои асосии оби ноҳия аз обҳои кӯҳӣ ибтидо мегирад. Таъминоти аҳолӣ ва ҳоҷагиҳои ноҳия бо оби нӯшокӣ аз обҳои ҷоришавандаи кӯҳӣ, чашмаҳо, обҳои зеризаминӣ ва дарёи Сир бо воситаи пойгоҳҳои обкашӣ ба роҳ монда шудааст.

*Ҷадвали №66. Маълумот дар бораи номгӯи манбаъҳои обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ*

| № б/т | Номгӯи обҳо | Номгӯи манбаъҳо | Дарозӣ -км- | Сарфи об ба ҳисоби миёна, м³/сония | Гунҷоиш, млн/м³ | Пойгоҳи обкашӣ | Ҳаҷми умумии обҳои ҷоришаванда дар 1 сол ҳ.м³ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Руизаминӣ:- аз он ҷумла: | Угуксой | 16 | 0,3 | - | - | 9461 |
| | | Овчисой | 17 | 0,9 | - | - | 28382 |
| а) | Сойҳо | Ҷамъ: Басмандасой | 29 | 1,2 | - | - | 37843 |
| | | Росровутсой | 8 | 0,12 | - | - | 3784 |
| | | Метксой | 7 | 0,90 | - | - | 28382 |
| | | Далёнсой | 25 | 0,26 | - | - | 8199 |
| б) | Обанборҳо | Даҳанасой | - | 0,4 | 42 | - | 11923 |
| в) | Пойгоҳи обкашӣ | Сирдарё | 15,4 | 1,1 | 0,24 | "Қизилӣ" | 9000 |
| | | --------«-------- | 11,1 | 0,5 | 0,15 | "Меҳнат" | 5200 |
| 2. | Зеризаминӣ, аз он ҷумла: | | | | | | |
| а) | Чашмаҳо | Сунбулқанд | 4 | 0,05 | - | - | 1577 |
| | | Обиборик | 12 | 0,14 | - | - | 4415 |
| | | Қизиқӣ | 12 | 0,08 | - | - | 2523 |
| | | Муҷун | 1 | 0,045 | - | - | 1419 |
| | | Иторчӣ | 1 | 0,25 | - | - | 7884 |
| | | Анбаргаз, | 0,5 | 0,032 | - | - | 1009 |
| | | Ҳавутак | 0,3 | 0,09 | - | - | 2838 |
| | | Манғит | 0,5 | 0,08 | - | - | 2523 |
| | | Қизилӣ | 281 адад | - | - | - | 35966 |
| б) | Чоҳҳои амудӣ | Пойгоҳҳои амудӣ | | | | | |

Мушкилоти таъмин намудани аҳолӣ бо оби хушсифати нӯшокӣ, яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳимтарини ҷомеаи башарист. Аз ин ҷост, ки бо иқдоми неки сарвари давла-

тамон Э.Ш.Раҳмонов, солҳои 2005-2015 даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» эълон гардидааст ва он аз тарафи ташкилотҳои бонуфузи байналҳалқӣ дастгирӣ ёфтааст.

Обанбори Даҳанасой дар соли 1981 сохта ба истифода дода шудааст. Обанбор дар ҳудуди деҳаи Ғазантарак дар дохили мавзеи селроҳа, бо мақсади захира намудани оби чашмаҳо ва оби сойи Басмандасой, ки дар натиҷаи боришот ба сел мубадал мегардад, сохта шудааст.

Мӯҳлати истифодаи обанбор аз рӯи лоиҳа 50 сол мебошад ва дар ин муддат дар ҳаҷми 13млн. м$^3$ лою сангмайда бо об омада, дар обамбори мазкур таҳшин мешавад.

Тибқи лоиҳа дар обанбор дар масоҳати 4,3 ҳазор м$^2$ бояд 45млн.м$^3$ об ҷамъ шавад ва барои обёрии 3500 гектар заминҳои ноҳия истифода карда шавад.

Дар фосилаи 5 соли охир дар обанбор ба ҳисоби миёнаи солона аз 11 то 15 млн. м$^3$ об ҷамъ шудааст.

Айни ҳол оби обанбори мазкур барои обёрии зироатҳои ҳоҷагии қишлоқ истифода бурда мешавад.

*Ҷадвали №67. Манбаъҳои оби нӯшокии ноҳияи Ғончӣ*

| № б/т | Номгӯй | | $O_4$ мг. экв/л | Мг/л | Се мг.экв/л | Мг/л | Ҷамъи намакҳо, мг/л |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Пойгоҳи манбаи «Қизилӣ» аз Сирдарё | 13,5 | 12 | 576 | 3,0 | 106,5 | 1019 |
| 2. | Обанбори Даҳанасой | 9,5 | 5 | 240 | 1,5 | 53,3 | 432 |

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ таъминоти аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ чунин аст.

65,4% - аҳолӣ аз қубурҳои обтаъминкунӣ,

12,2% - аз чашмаҳо,

4,0% - аз чоҳҳои амудӣ,

18,3% - аз ҳавзҳо ва ҷӯйборҳо об истеъмол мекунанд.

Дар ҳудуди ноҳияи Ғончӣ иншооти обтозакунӣ – коррезии шакли мутамарказонидашуда вуҷуд надорад.

Бояд қайд намуд, ки айни замон партовобаҳои иншоотҳои истеҳсолӣ ва хизматии ноҳия ба муҳити беруна бе коркард, таҳшингардонӣ ва безараргардонӣ партофта мешаванд. Ҳаҷми умумии эҳтиёҷоти корхонаҳоои ноҳияи Ғончӣ мувофиқи нақша 170,7 ҳазор м$^3$/сол буда, аз он айни ҳол 112,3 ҳазор м$^3$/сол таъмин карда мешавад.

*Ҷадвали №68. Иншоотҳои обпартои ноҳияи Ғончӣ*

| № | Номгӯи иншоотҳои обтозакунӣ | ноҳия | Ҳаҷми партови истеҳсолӣ,м$^3$/шабонарӯз | Ҳаҷми аслии партовҳои истеҳсолӣ, м$^3$/шабонарӯз | Восита ва тартиби тозакунӣ | Мавзеи партови обҳои коркард | Соли охири барқарор созӣ | Тарки иншооти обтозакунӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Беморхонаи марказии ноҳияи Ғончӣ | Ғончӣ | 1821,6 | 300,0 | Биологӣ | Ба майдони филтратсионӣ | - | Ба майдони филтратсионии чоҳӣ |
| 2 | | Ғончӣ | 320,0 | Кор намекунад | Механикӣ | Ба майдони филтратсионӣ | - | Ба майдони филтратсионии чоҳӣ |
| 3 | | Ғончӣ | 348,0 | 7,7 | Механикӣ | Ба партовгоҳи марказӣ | - | Ба майдони филтратсионии чоҳӣ |

Ҳолати техникии таҷҳизотӣ санитарӣ – экологии иншоотҳои коррезии ноҳияи Ғончӣ, бо назардошти намуд ва ҳаҷми коркарди онҳо, ба талабот ҷавобгуй нестанд ва чорабиниҳои безараргардонӣ дар иншоотҳои номбурдашуда мунтазам гузаронида намешаванд.

Хоҷагиҳо ва аҳолии ноҳияи Ғончӣ барои обёрӣ намудани заминҳои кишоварзии худ, ба манбаи нави обтаминкунӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳар сол дар ноҳия маъракаи ниҳолшинонӣ гузаронида мешавад, лекин аз сабаби норасогии об ва сари вақт обёрӣ карда натавонистан, аксарияти ниҳолҳо хушк мешаванд.

Ноҳия бо назардошти вазъи демографӣ (афзоиш) ва мавҷудияти объектҳои маишию маданӣ, ба сохтмони иншооти коррезии мутамарказонидашуда эҳтиёҷ дорад.

*Ҷадвали №69. Маълумот дар асоси ҳисоботи ҷамъбастии 2ТП (хоҷагии об) оиди истифодаи об дар ноҳияи Ғончӣ дар 5 соли охир (ҳазор м$^3$)*

| № | Номгӯи манбаъҳо | СОЛҲО | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2006 | | 2007 | | 2008 | | 2009 | | 2010 | |
| | | Нақша | Амалан | Нақша | Амалан | Нақша | Амалан | Нақша | Амалан | Нақша | Амалан |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 1 | Обанбори Даҳанасой | 14490 | 10618 | 13397 | 11130 | 13296 | 10427 | 12425 | 10488 | 8955 | 6861 |
| 2 | Басмандасой | 26255 | 11414 | 19833 | 10662 | 18339 | 6297 | 12776 | 7584 | 6133 | 5535 |
| 3 | Далёнсой | 5256 | 1090 | 5256 | 1861 | 5256 | 1269 | 2700 | 2671 | 2570 | 1462 |
| 4 | Чоҳҳои амудии хоҷагӣ | 17076 | 16766 | 13860 | 15314 | 14933 | 12906 | 24894 | 12397 | 17862,3 | 9462,4 |
| 5 | Чоҳҳои амудии давлатӣ | 7267 | 4653 | 5102 | 3250 | 1254 | 2540 | 2717 | 2151 | 2486 | 2060 |
| 6 | Чашмаҳо | 13938 | 8667 | 14577 | 11906 | 14177 | 11078 | 15464 | 8702 | 5842,9 | 5058,5 |
| 7 | Пойгоҳи "Қизилӣ" | 4635 | 4329 | 7711 | 6455 | 13000 | 12894 | 11400 | 10526 | 7912 | 6436 |
| 8 | Пойгоҳи "Меҳнат" | 3761 | 3436 | 6410 | 5105 | 5279 | 5761 | 3275 | 2698 | - | - |
| | Ҷамъ: | 92678 | 60973 | 86146 | 65683 | 85534 | 63172 | 85651 | 57217 | 51761,2 | 36874,9 |

**Партовҳо.** Дар ноҳияи Ғончӣ дар давоми сол ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 49918 м$^3$ ё ин ки 8678 тн партовҳои маишӣ ҷамъ мешавад.

Дар ноҳияи Ғончӣ барои ҷамъ намудан, гӯронидан ва безарар гардонидани партовҳо 1 партовгоҳи марказӣ мавҷуд аст, ки дар тавозуни Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию комунали»-и ноҳия мебошад. Партовгоҳи марказии ноҳия дар қисмати шимолу шарқи ноҳия, дар масофаи 1,5 км поёнтар аз деҳаи Қалъачаи Азим ҷойгир шудааст. Масоҳати партовгоҳ дар асоси санади давлатии ҳуқуқи истифодаи замин Б №001151 аз 13 майи соли 1981 - 2 гектарро ташкил медиҳад. Мавзеъҳои дигаре, ки дар он партовҳо гӯронида ё партофта шудаанд, дар рӯйхати давлатии мавзеъҳои гӯронидани партовҳо дохил карда нашудаанд. Дар 56 деҳаҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин, барои партовгоҳ дар асоси талаботи қоидаҳои санитарии экологӣ ва беҳдошт, ҷои махсусгардонидашуда, қарор надорад. Ҳангоми тақсимоти замин, новобаста аз намуди релеф, барои ҷамъ намудани партовҳо, дар маҳалҳо барои партовгоҳҳои муваққатӣ ва партовгоҳи марказӣ, бояд бо назардошти талаботҳои санитарию экологии иншоотҳои обӣ ва ирригатсинонӣ, ҳудудҳои муайян пешбинӣ карда шавад.

**Муаммоҳои соҳа.**

1. Паст будани савияи дониши экологии мардум дар ҷамоатҳо ва вуҷуд надоштани нозирони экологӣ.
2. Аз тарафи ронандагон надоштани маълумоти муфассал оиди ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера аз нақлиётҳои автомобилӣ.
3. Мушкилотҳои таъмини аҳолӣ бо оби хушсифати нӯшокӣ.
4. Мушкилоти нокифоягии об ҷиҳати обёрӣ намудани заминҳои кишоварзӣ ва боғу токзор.

5. Мавҷуд набудани иншооти коррезии мутамарказонидашуда барои партовҳои коррезии обҳои ифлос дар ноҳияи Ғончӣ.
6. Набудани партовгоҳҳои муваққатӣ дар деҳаҳои ноҳияи Ғончӣ ва набудани партовгоҳҳои марказӣ баҳри безараргардонии партовҳо дар ҷамоатҳои деҳот.
7. Зиёд будани таъсири офатҳои табии дар деҳаҳои наздикӯҳӣ ва зарурияти барқарор намудани боғҳо дар доманакӯҳҳо.

**Вобаста ба мақсад ва мушкилоти дар боло зикргашта, афзалиятҳои асосии зерини бахш муайян гардидаанд.**

1. Баланд бардоштани савияи дониши экологии мардум дар ҷамоатҳо ва аз байни онҳо тайёр намудани нозирони экологӣ ва лидерҳо, ки дар оянда муносибати аҳолиро ба набототу ҳайвонот, об, хок ва ҳаво дигар созанд ва муҳити зистро ҳифз намоянд.
2. Ҳалли муаммоҳои офатҳои табии, тавассути пешгирии онҳо дар асоси сохтмон ва барқарорсозии селроҳаҳо дар қаламрави ноҳия.
3. Ҳалли муаммои сохтмони нуқтаҳои муваққатии ҷойгир намудани партовҳо дар маҳалҳо ва сохтмони партовгоҳҳои марказӣ барои безараргардонии партовҳо дар ҷамоатҳои деҳот. (Дар ҳолати ҷудо намудани қитъаҳои замин дар маҳалҳо).
4. Ҳалли муаммои сохтмони иншооти коррезии мутамарказонидашуда, барои партовҳои коррезии обҳои ифлос дар шаҳраки Ғончӣ.
5. Дарёфт намудани манбаъҳои нави обтаъминкунӣ ва ба роҳ мондани истифодабарии самараноки об тибқи меъёрҳои тасдиқгардида.
6. Ба роҳ мондани сохтмони иншоотҳои обтаъминкунии оби нӯшокӣ дар деҳаҳо.
7. Аз назорати экологӣ гузаронидани ҳолати нақлиёт, бо назардошти муайян намудани ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда.
8. Барқарорсозии боғҳо дар доманакӯҳҳо.

### 2.4.2. Пешгирии ҳолатҳои фавқуллода

**Кам намудани зарари офатҳои табии.** Ноҳияи Ғончӣ бо 6 ноҳия ҳамсарҳад мебошад. Аз он ҷумла, бо ноҳияҳои Зафаробод, Спитамен, Истаравшан, Шаҳристон, Айнӣ, Мастчоҳи Кӯҳӣ ва қисман бо Ҷумҳурии Қирғизистон.

Мувофиқи маълумоти Саридораи Геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ноҳияи Ғончӣ ҷараёнҳои геологии экзогенӣ, заминларза, селҳо ва обхезиҳо ба қайд гирифта шудаанд.

Дар давоми 3 соли охир, 15 ҳодисаҳои офатҳои табии ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷаи сел ва хушксолии табиат ба вуҷуд омадааст. Дар натиҷаи он, ба ҳоҷагии халқи ноҳияи Ғончӣ ба маблағи умумии 7,8 млн сомонӣ, ки 48,1 %-и буҷаи ноҳияро ташкил медиҳад, зарар расонида шудааст.

Дар ҷадвали зер таносуби зарари офатҳои табии ва буҷаҳои солонаи ноҳия оварда мешавад (бо ҳисоби сомонӣ).

*Ҷадвали №70. Таносуби зарари офатҳои табии ва буҷаи солонаи ноҳияи Ғончӣ*

| | 2008 | 2009 | 2010 | Дар 3 сол |
|---|---|---|---|---|
| Буҷа | 5567509 | 6845149 | 8796200 | 16197858 |
| Зарар | 2260540 | 1950200 | 3589260 | 7800000 |

Ба зиммаи сохтори ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании ноҳияи Ғончӣ вазифаҳои зерин вогузор гардидаанд: огоҳсозии аҳолӣ ва бартарафсозии оқибати офатҳои табиӣ, ташкили омӯзиш, омодасозии аҳолӣ, қувва ва воситаҳои МГ ба амалҳо дар ҳолатҳои фавқулодда ва гузаронидани корҳои бартарафсозии оқибатҳои номатлуби ҲФ, назорат ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо оиди дарёфт ва дастрас намудани кӯмакҳои башардустона ба аҳолии осебдида, назорати тақсимот ва истифодаи мақсадноки самаранокии маблағҳо ва кӯмакҳои ҷудогардида.

Кам намудани хавфи ҳолатҳои фавқулодда бояд ба сифати ҷанбаи комплексии байнисоҳавии ҳамаи инфрасохтор баррасӣ карда шавад, зеро дар ҳолати сар задани офат, ҳамаи бахшҳо зарар мебинанд. Дар робита ба ин, мақсади асосӣ, ҳамгироии тадбирҳо оид ба паст кардани хавфнокии офатҳои табии дар барномаи рушди ноҳияи Ғончӣ, тавассути татбиқи нақшаҳои омодабош ва эътино ба офатҳои табии ва ҳолатҳои фавқуллода ва ҷудо намудани маблағҳои мушаххас аз буҷети тамоми сатҳҳо ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти хисороти назарраси моддии аз тарафи офатҳои табии расонидашаванда, таҳияи Стратегияи кам кардани хавфи офатҳои табии ва тарҳрезии нақшаи тадбирҳои превентивӣ, бо иштироки тамоми хадамоти дахлдор зарур мебошад.

**Мушкилиҳои асосӣ дар соҳаи кам кардани офатҳои табии аз рӯи бахшҳо**

**<u>Инфрасохтори шаҳраку деҳот:</u>**

- нокифоягии маблағҳои аз буҷет ҷудошаванда ва самаранокии пасти низоми огоҳсозии офатҳои табиӣ, аз ҷумла мавҷуд набудани гурӯҳбандии ҳудудии дар зери таъсири ҷараёнҳои геологии экзогенӣ қарордошта бо мақсади ошкор намудани минтақаҳои нисбатан осебпазир дар марҳилаи банақшагирии инфрасохтори шаҳраку деҳот;
- мавҷуд набудани харитаи минтақаҳои ҳавфноки ноҳия;
- механизмҳои сустамалкунанда оид ба сабуксозии оқибатҳо.

**<u>Сохтмони манзил аз ҷониби аҳолии ноҳия:</u>**

- ташкил намудани баҳодиҳии техникии фонди манзили ноҳия;
- надонистани СНИП - ҳо аз ҷониби истиқоматкунандагони ноҳия;
- мавҷуд набудани донишҳо оид ба минтақаҳои хавфноки ноҳия;
- надонистани усулҳои сохтмони ба зилзила тобовар, бо ёрии масолеҳи сохтмонии маҳаллӣ.

**<u>Соҳаи кишоварзӣ</u>**

- дастрас намудани воситаҳо оид ба тадбирҳои соҳилмустаҳкамкунӣ;
- мавҷуд набудани низоми огоҳисозии барвақтӣ.

**<u>Маориф</u>**

- мавҷуд набудани баҳодиҳии пешакии маҳал, оиди ҷой доштани хавфи офатҳои табии то оғози сохтмони муассисаҳои таълимӣ;
- дастрас намудани маблағҳо барои корҳои митигатсионӣ;
- ташкил намудани раванди огоҳсозӣ тибқи хавфҳои офатҳои табии, тадбирҳои огоҳсозӣ, омодагӣ ва амалиётҳо ҳангоми офатҳо дар муассисаҳои таълимӣ.

**<u>Тандурустӣ</u>**

- мавҷуд набудани баҳои пешакии маҳал, оиди ҷой доштани ҳавфи офатҳои табии то оғози сохтмони муассисаҳои тиббӣ;
- шабакаи самаранокиаш пасти ёрии таъҷилии тиббӣ.

**Мақсадҳо ва стратегияи кам кардани офатҳои табиӣ.** Мақсади асосӣ ин ҳамгироии тадбирҳо оид ба кам кардани хатарҳои офатҳои табии ба воситаи татбиқи тадбирҳои сохторию ғайрисохтории митигатсионӣ бо мақсади омодасозӣ ба офатҳои табии ва ҳолатҳои фавқулодда ва ҷудо намудани маблағҳои мушаххас аз тамоми буҷетҳои рушд мебошад.

Аҳолии маҳаллиро ба корҳои вобаста ба кам намудани хавфи офатҳои табии ҷалб намудан зарур аст. Бояд таҳлили ҷузъии табақаҳои аҳолиро гузаронида, сатҳи камбизоатии онҳо муайян карда шуда, омилҳои ба осебпазирии ин табақаҳои аҳолӣ оваранда ва тадбирҳоро оид ба ислоҳ намудани вазъиятро ҳамаҷониба таҳлил намудан зарур аст. Қонунгузории мавҷуда, дастурҳо, санадҳои зерқонунӣ, низомномаҳои меъёрӣ ва расмиёти ба соҳаи ҳолатҳои фавқуллода дахлдорро бо мақсади коркарди нақшаи ягонаи

амалиёт дар ҷои ҳолатҳои фавқуллода таҳия ва таҳлил намудан зарур аст. Ҳангоми гузаронидани корҳои мазкур, дар ноҳияи Ғончӣ, баҳодиҳии аз ҷониби Агентии ҳамкориҳои техникии Олмон маблағгузоришуда ва ТҒД байналмиллалии «Миссия - Восток» дар ҳамкорӣ бо Кумитаи Ҳолатҳои Фавқуллода ва шарикони дигар анҷомдодашударо ба асос гирифтан мумкин аст. Дар заминаи ҳуҷҷати мазкур, рӯйхати деҳаҳое пешниҳод карда мешавад, ки дар онҳо дараҷаи хавфнокӣ ва осебпазирӣ ҳамчун «ниҳоят баланд» ва «баланд» баҳо дода шудаанд. Дар асоси рӯйхати ин деҳаҳо, тадбирҳои превентивӣ ё митигатсионии афзалиятнокро омода сохтан мумкин аст. Илова бар ин, бо мақсади кам намудани хисороти аз офат расонидашаванда, дар сатҳи ноҳия як қатор чорабиниҳои соҳавии зеринро гузаронидан зарур аст:

**Тавсияҳои умумӣ.**

* омузонидани кормандони мақомоти идораи маҳаллӣ оид ба масъалаҳои тадбирҳои митигатсионии сохтори ва ғайрисохторӣ, бояд ҳамчун таркиби ҷудонопазирии баланд бардоштани тақвияти иқтидор баррасӣ карда шавад,
* ҳангоми гузаронидани маҳфилҳо ва тренингҳои иттилоотӣ дар байни аҳолӣ, ҳадди имкон истифода бурдани забони фаҳмою дастрас,
* дарёфти ҳалли мушкилоти маҳаллӣ бо истифода аз захираҳои маҳаллӣ (инсонӣ ва моддӣ),
* омодасозии харитаҳои ҷараёнҳои геологии экзогении ноҳияи Ғончӣ ва таъсири онҳо ба нуқтаҳои аҳолинишин,
* омодасозии нақшаи ноҳиявии омодабошӣ ба офатҳои табиии,
* беҳтарсозии ташкилоти МГ ва воситаҳои бартараф сохтани оқибатҳои ҲФ,
* муайян намудани ҷойҳои бехавф барои кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаҳои офатҳои табиии,
* гузаронидани таълимоти нақшавӣ бо хадамоти МГ дар сатҳи ноҳиявию маҳаллӣ, бо мақсади таъмини омодагии доимии онҳо,
* гузаронидани тренингҳо дар сатҳи ҷамоатҳо аз рӯи дараҷаи омодагии онҳо ва эътинои ҲФ.

*Ҷадвали №71. Минтақаҳое, ки дар ноҳияи Ғончӣ дар ҳолати фавқулодда сел ҷорӣ мешавад*

| № | Минтақаҳое, ки дар ҳолати фавқулодда сел ҷорӣ мешавад | Дарозии мавзеи соҳилмустаҳкамкунӣ |
|---|---|---|
| 1 | Минтақаи соҳилмустаҳкамкуни деҳаи Қаробӯин. | 300 метр |
| 2 | Роҳи мошингарди деҳаи Мурияк | 50 метр |
| 3 | Муҳофизати селроҳаи Даҳкат | 50 метр |
| 4 | Муҳофизати селроҳаи Ҳишекат | 1000 метр |
| 5 | Муҳофизати роҳи мошингарди деҳаи Амбарғаз аз сел | 50 метр |
| 6 | Муҳофизати селроҳаи деҳаи Овчӣ | 70 метр |
| 7 | Муҳофизати селроҳаи шаҳраки Ғончӣ | 800 метр |

*Ҷадвали №72. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Ғончӣ*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ҳаҷми умумии ҳудуди обгирӣ аз иншоотҳои табиӣ (млн. $м^3$) | 53,3 | 55,0 | 60,0 | 65,0 | 66,0 | 124,0 |
| Ҳаҷми гардиши об ва оби дубора истифодабаранда – ҳамагӣ (млн. $м^3$) | - | - | - | - | - | - |
| Амнияти зироатҳои кишоварзӣ аз касалӣ ва ҳашаротҳои зарарарасон –ҳамагӣ (ҳазор га) | 5,5 | 5,6 | 6,0 | 6,1 | 6,2 | 112,7 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| аз ҷумла: | | | | | | |
| бо методи биологӣ | 0,055 | 0,06 | 0,06 | 0,065 | 0,07 | 127,3 |
| бо методи кимиёвӣ | 5,445 | 5,54 | 5,94 | 6,035 | 6,13 | 112,6 |
| Обтаъминкунӣ – ҳамагӣ (км) | 4,07 | 3,4 | 3,4 | 3,4 | 3,4 | 83,5 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| водопроводҳои магистралӣ (км) | 2,8 | 2,4 | 2,4 | 2,4 | 2,4 | 85,7 |
| ҳавлигӣ (км) | 1,27 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 78,7 |
| Сохтмони шабакаҳои обӣ (км) | 2,8 | 2,4 | 2,4 | 2,4 | 2,4 | 85,7 |
| Ҳолати заминҳои обёришаванда – ҳамагӣ (ҳазор га) | - | - | - | - | - | - |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| шӯрзада | - | - | - | - | - | - |
| ботлоқшуда | - | - | - | - | - | - |
| аз гардиши кишоварзӣ берун мон-да | - | - | - | - | - | - |
| Заминҳои азхудшаванда (ҳаз. га) | 0,3 | 0,25 | 0,25 | 0,05 | 0,05 | 16,7 |

## 2.4.3. Стратегия ва вазифҳои соҳаҳои ҳифзи муҳити зист ва пешгирии ҳолатҳои фавқуллода

*Ҷадвали №73*

| Ҳадаф | Вазифа | Ҷорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳаз. сомонӣ) | СОЛҲО 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарҷашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Беҳбудии ҳолати муҳити зист ва таъмини устувори идораи захираҳои табиӣ дар тақвияти самти иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Ғончӣ | 1.Кафолат ва ба ҳаҷми пурра таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокии ҳушсифат ва безараргардонидашуда ва омода будани ҳолати кории маҷмӯъи иншоотҳои обу коррезӣ ва обӣ. | 1.1.Пурра ба итмом расонидани хатти оби чашмасори Ӯртақурғон-Ғончӣ | 50 | - | - | 50 | - | - | МИҲД. н. Ғончӣ | Аҳолӣ, инвесторон | Афзоиши сатҳи таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ то соли 2016 то 50%. Афзудани теъдоди ҷоҳҳои амудии барқароргардида то соли 2016 ба 80%. Кам шудани хароҷоти об дар 1 га замини кишти зироатҳои ҳоҷагии қишлоқ то соли 2016 то 25%. Афзоиши ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ то соли 2016 то 55%. |
| | | 1.2.Таъмини аҳолии деҳаи Қизилӣ (қисми ҷанубу шарқии он) бо оби ҷашмаи табиӣ ё ҷоҳи амудӣ | 50 | - | - | - | 30 | 20 | | | |
| | | 1.3.Таъмини аҳолии деҳаи Ғазантарак бо оби тозаи хушсифат | 40 | - | - | 20 | 20 | - | | | |
| | | 1.4.Таъмини шаҳраки Ғончӣ бо системаи обу коррезӣ | 50 | - | - | 10 | 30 | 10 | | | |
| | | 1.5.Бунёди хатти оби нӯшокӣ дар маҳаллаҳои навбундёшудаи ҷамоатҳои деҳоти Яхтан, Ғазантарак ва шаҳраки Ғончӣ | 60 | - | - | 20 | 20 | 20 | | | |
| | 2.Азхуд намудани заминҳои минтақаҳои нав баҳри зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани сатҳи иқтисодии ноҳия | 2.1.Ҷорӣ намудани назорати доимӣ аз ҷониби нозирони бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Ғончӣ ҷиҳати истифодаи қонунии истифодаи захираҳои об | 10 | - | 5 | 5 | - | - | МИҲД н.Ғончӣ | Сармояи хориҷӣ. | |
| | | 2.2.Таъмини низоми обёрии заминҳои кишоварзӣ дар ҳудуди минтақаҳои поёнии ноҳия аз манбаҳои иловагии об | 100 | - | - | 50 | 50 | - | МИҲД н.Ғончӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ. | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 3.Андешидани чораҳо оиди пешгирии ҲФ | 3.1.Гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳилҳои сойҳои мавҷудаи ноҳияи Ғончӣ дар мавзеъҳои Муріяк, Даҳкат, Хишекат, Овчӣ, Амбаргаз ва Каробуин | 180,0 | - | - | 100 | 80 | - | | Номуайян | |
| | | 3.2.Коркард ва ҷорӣ намудани қоидаҳои ягонаи ҳифзи ниҳолҳои ҳамешасабз ва додани ваколат оиди сабзонидан, кӯчонидан ва шинонидану нигоҳубини онҳо ба ҳоҷагии коммуналӣ ва ҳоҷагиҳои деҳқонӣ | 70 | - | - | 50 | 20 | - | | Номуайян | |
| | | 3.3.Тоза гардонидан ва барқарор намудани латокҳо, ҷӯйборҳо, шабакаҳои обёрӣ, таъмири кӯпрукҳо ва барқарорсозии ҳатмии онҳо | 240,0 | - | - | 100 | 100 | 40 | | Буҷети маҳаллӣ, сармоягузорони дохилию хориҷӣ | |
| | | 3.4.Аз ҷониби мақомотҳои маҳаллӣ қабул намудани қарор оиди ҷудо намудани қитъаи замин барои ташкили партовгоҳҳои доимӣ ва муваққатӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Ғончӣ. | 90,0 | - | - | 50 | 40 | - | | Буҷети маҳаллӣ, сармоягузорони дохилию хориҷӣ | Ташкили нуқтаҳои ҷамъоварии партовҳо ва коркарди дубораи онҳо то соли 2016 то 50% афзудааст.<br><br>Кам гардидани теъдоди касалиҳои сироятӣ то соли 2016 то 70%.<br><br>Афзудани фоизи таъмин намудании аҳолӣ бо ҷои |
| | | 3.5.Ташкили хизматрасонии коммуналӣ дар сатҳи ҷамоатҳо. | 25,0 | - | 25 | - | - | - | | Буҷети вилоятӣ | |
| | | 3.6.Ба роҳ мондани сохтмони чоҳҳои шартии «Бекорӣ» дар ноҳия. | 50,0 | - | 20 | 30 | - | - | | Буҷети вилоятӣ | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *3.7.Гузаронидани чорабиниҳои санитарӣ-эпидемиологӣ ва экологӣ баҳри беҳбудии ҳолати партовгоҳҳо ва дастгирӣ намудани сохтмони гармхонаҳо дар мактабҳо ва хоҷагиҳо.* | *20* | - | *10* | *10* | - | - | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *нави корӣ то соли 2016 то 85%.* |
| | | *Ҳамагӣ дар бахши ҳифзи муҳити зист ва ҲФ* | *1025* | - | *55* | *495* | *390* | *90* | | | |

## 2.5. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМАИ РУШДИ НОҲИЯ

### 2.5.1 Низоми идоракунӣ ва захираҳои инсонӣ

***Захираҳои дохилии ноҳия.*** Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ғончӣ, аз мақомотҳои намояндагӣ ва иҷроия иборат мебошад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ғончӣ аз Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, ки ба ҳайати он 42 нафар вакилон, аз ҷумла 8 нафар занҳо, дохил мешавад, иборат мебошад. Дар ҳайати Маҷлиси вакилони халқ, комиссияҳои зерин фаъолият менамоянд: Комиссия оид ба тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният, комиссия оид ба буҷет ва иқтисодиёт, оид ба масъалаҳои сиёсати кишоварзӣ, ҳифзи табиат, озуқаворӣ, меҳнат ва ҳизматрасониҳо ба аҳолӣ, комиссия оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, зан ва оила, комиссия оид ба масоили сохтмон, саноат, нақлиёт ва коммуникатсия, ҳоҷагии коммуналӣ ва роҳ, комиссия оид ба кор бо ноболиғон.

Ҳамчун мақомоти иҷроияи ноҳия бошад, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия фаъолият менамояд.

Масъули таҳия ва татбиқи Барномаи рушди ноҳия – Муовини Раиси ноҳия мебошад, ки бахши иқтисодиёт, шӯъбаи иқтисод ва савдоро сарпарастӣ намуда, роҳбари Гурӯҳи корӣ мебошад. Органи масъули мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, шӯъбаи иқтисодиёт ва савдо мебошад, ки ба ӯҳдадориҳои функсионалии он, дастгирии маъмурию техникии ГК ва зергурӯҳҳои ташаббускор, баланд намудани иқтидори онҳо оид ба масоили банақшагирии рушд, ташкил ва гузаронидани вохӯриҳо, мизҳои мудаввар оиди масъалаҳои банақшагирӣ, роҳандозӣ ва назорати раванди ҷамъоварӣ, таҳлил ва интегратсияи маълумотҳо, экспертизаи стратегияҳои соҳавӣ ва мутобиқгардонии онҳо бо стратегияҳои миллӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳавию минтақавӣ, ҳамкории зич бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва раёсати иқтисод ва савдои вилоят, мусоидати техникӣ ба гурӯҳи М ва А, тартиб додани ҳисоботҳои мунтазам аз рӯи натиҷаҳои мониторинг, вогузор гардидааст. Мушкилоти асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия вобаста ба татбиқи Барномаи рушди ноҳия ва пешниҳоди ҳизматрасониҳои босифат ба аҳолӣ, ҷунинанд:

- Потенсиали пасти шӯъбаи иқтисод ва савдо ва дигар шӯъбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ оид ба масоили банақшагирии рушди комплексии иҷтимоию иқтисодӣ, буҷет, мониторинг ва арзёбӣ, фондрейзинг ва навиштани лоиҳаҳо.
- Сатҳи пасти дастрасӣ ба шабакаи интернет ва мавҷуд набудани шабакаи ягонаи компютерӣ барои содда намудани раванди мувофиқаю ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳо ва ҷорӣ намудани базаи ягонаи маълумотҳо.
- Сатҳи пасти музди меҳнат ва набудани ҳавасмандгардонии кормандон.
- Ҳолати ғайриқаноатбахши бинои маъмурии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ноҳия ва бинои ҷамоатҳо.
- Мавҷуд набудани баҳисобгирии электронии муҳосибавӣ дар сатҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва ҷамоатҳо.
- Сатҳи пасти донишҳои тахассусии кормандони хизмати давлатӣ оиди истифодаи технологияҳо ва таҷҳизотҳои компютерӣ.

***Ҷалби воситаҳои молиявии иловагӣ.*** Дар ноҳия якчанд барномаҳое, ки аз ҷониби вазорату идораҳои гуногуни ҷумҳурӣ дастгирӣ мешаванд, татбиқ гашта истодаанд.

Аз ҷумла дар доираи татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 №436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015», аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, бинои 2 мактаби ноҳия ба маблағи умумии 2,2 миллион сомонӣ, аз нав сохта мешаванд.

Дар доираи татбиқи «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст, барои барқарорсозии низоми обтаъминкунии шаҳраку деҳаҳои ноҳияи Ғончӣ, ҷудо намудани

7,59 миллион сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, грантҳо ва кӯмакҳои техникӣ, дар назар дошта шудааст.

Барномаи рушди ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015 63 лоиҳаро бо фарогирии тамоми соҳаҳо, ба маблағи умумии 38540 ҳазор сомонӣ, дар бар мегирад.

### 2.5.2. Таъминоти молиявию буҷавӣ

Манбаи асосии маблағгузории Барномаи рушди ноҳияи Ғончӣ, воситаҳои буҷети маҳаллӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳлили буҷети маҳаллӣ барои солҳои 2007-2010 хеле бамаврид мебошад.

Ноҳияи Ғончӣ аз қабили он минтақаҳои ҷумҳурист, ки аз сатҳҳои дигари буҷет кӯмаки молиявӣ (субвенсия) мегирад. Даромади умумии буҷети ноҳия ба 16 сарчашмаи даромад асос ёфта, аз онҳо 14-тояшон ба пуррагӣ дар буҷети маҳаллӣ мемонанд. Дар тӯли соли сипаригаштаи 2010, ноҳияи Ғончӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳисоби миёна 0,46 фоизи даромади худро ворид намудааст ва дар навбати худ, аз буҷети вилоятӣ ба тариқи субвенсия 43,8%-и маблағҳои умумии даромади буҷети маҳаллӣ ҷудо карда шудааст.

*Диаграммаи 1. Таҳлили қисми даромади буҷети ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2007-2010 (сомонӣ)*




Чуноне, ки аз диаграмма бармеояд, дар соли 2007 аз маблағи умумии даромадҳо 55,3 %-ро воридот аз сарчашмаҳои дохилӣ ва 44,7%-ашро маблағи субвенсияи аз буҷети вилояти Суғд ҷудо шуда, ташкил медиҳад.

Дар соли 2010 нисбати соли 2007 афзоиши буҷети маҳаллӣ ба 2,2 маротиба баробар гашта, ба ҳисоби миёна дар ҳар сол 73% зиёд шудааст. Таҳлили ҳаҷми воридоти маблағҳо дар соли 2010 нишон дод, ки ҳиссаи асосиро дар ташаккулёбии буҷети маҳаллӣ андози ягона (26,3%) ва андози даромад аз шахсони воқеъи (17,9%) ташкил додаст.

**Нишондиҳандаҳои дурнамои даромадҳои ноҳия барои соли 2012.** Дар асоси таҳлили тамоилҳои афзоиши қисми даромади буҷети ноҳияи Ғончӣ, дурнамои даромадҳо барои соли 2012 тартиб дода шудааст ва дар асосӣ даромаднокии буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби даромадҳои худӣ нисбат ба соли пешина бояд 111,7 фоиз зиёд шавад.

Аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ хароҷотҳое, ки бевосита ба муҳити иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия таъсир мерасонад, маблағгузорӣ карда мешаванд. Дар таркиби хароҷотҳои буҷети ноҳия, хароҷотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, мавқеъи хосаро ишғол менамоянд. Аҳамияти ин хароҷотҳо барои нигаҳдории сатҳ ва сифати муаяни ҳаёт бениҳоят баланд аст. Бинобар ин, дараҷаи таъминоти соҳаҳои иҷтимоӣ аз имкониятҳои воқеъии буҷети маҳаллӣ вобастаанд. Ҳаҷми маблағгузори буҷети ин соҳаҳо, бештар дар асоси ҳисобу китоби харҷномавӣ (сметавӣ) муайян мегарданд. Дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, музди меҳнат қисми

асосии хароҷотҳои бахшҳоро ташкил медиҳад. Ҳиссаи ҳароҷотҳо барои соҳаи маориф дар муддати чор соли сипаригашта аз 75,3% то ба 71,0% кам шуда, маблағи ҷудошуда барои соҳаи тандурустӣ аз 10,9% то ба 16,3% афзудааст. Хароҷоти соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ бошад, аз 3,9% то ба 2,5% кам шудааст. (ниг ба диаг 3)

*Диаграммаи 2. Дурнамои даромадҳои ноҳия барои соли 2012*




*Диаграммаи 3. Ҳиссаи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ аз рӯи соҳаҳо*




Дар тӯли се сол хароҷотҳо барои соҳаи маориф қисмати аз ҳама калони буҷети маҳаллиро ташкил додаст. Масрафи соҳаи кишоварзӣ сол аз сол афзуда, нисбат ба солҳои гузашта аз 0,34% то 0,72% зиёд шудааст. Маблағгузории соҳаи хоҷагию манзилӣ аз буҷети маҳалӣ дар соли 2010 нисбат ба солҳои пештара аз 73% то 1,24 маротиба кам шудааст. Ҳиссаи ҳароҷотҳои буҷети маҳаллӣ барои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дар давоми се соли сипаригашта 0,66% афзудааст.

Дар сохтори хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ дар соли 2010 аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ 87,8% маблағҳо барои пардохти музди меҳнат ва фонди ҳифзи иҷтимоӣ ва 12,2% барои дигар чорабиниҳо масраф гардидаанд.

Барои рушди ноҳия, пешгирии ҳолатҳои фавқуллода ва дигар ҳароҷотҳо танҳо 0,5 % буҷети маҳаллӣ, ҳамчун фонди Раиси ноҳия ба инобат гирифта шудааст, лекин айни ҳол ин маблағ ба дигар соҳаҳо равона карда мешавад.

Дар буҷети ноҳия барои соли 2011 маблағгузории барномаи рушди ноҳия ба инобат гирифта нашудааст, лекин ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷети соли 2012 барои амалӣ намудани лоиҳаҳои афзалиятнок, маблағи муайян ба инобат гирифта хоҳад шуд.

Манбаъҳои асосии маблағгузории иҷроиши Барнома, қисман буҷети маҳаллӣ, буҷети вилоят, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояи ташкилотҳои хориҷӣ, маблағҳои соҳибкорони ватанӣ, маблағи хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳиссаи шаҳрвандон ва дигар кӯмакҳои берунӣ ба ҳисоб мераванд.

**Захираҳои берунӣ.** Барои татбиқи лоиҳаҳои барномаи мазкур, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ноҳия маблағҳои иловагии дохилӣ ва беруниро ҷалб менамояд.

Дар тӯли солҳои охир дар ноҳия якчанд лоиҳаҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналҳалқӣ дастгирӣ ёфтаанд, татбиқ гашта истодаанд:

- «Азнавсозии роҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд-Чаноқ», ки аз ҳудуди ноҳия мегузарад, ба маблағи 295000 ҳазор доллари ИМА, бо маблағгузории Ҷумҳурии Халқии Чин.
- «Таъмиру барқарорсозии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ - марҳилаи 2» ба маблағи 2587 ҳазор доллари ИМА, бо маблағгузории Фонди Католикӣ.
- «Тандурустӣи ҷамоавию асосӣ» ба маблағи 1958 ҳазор доллари ИМА, бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ.
- «Барқарорсозии низоми таъминоти оби нӯшокӣ дар маҳаллаҳои ноҳияи Ғончӣ» ба маблағи 325 ҳазор сомонӣ;
- «Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ҷамоати Ғазантарак» ба маблағи 42 ҳазор сомонӣ.

## 2.5.3. Стратегия ва вазифаҳо оид ба беҳтар намудани иқтидори идоракунии раванди рушди ноҳияи Ғончӣ

*Ҷадвали №74*

| Мақсад | Вазифаҳо | Ҷорабиниҳо | Арзиш | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Манбаи маблағгузорӣ | Индикаторҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Баланд намудани сатҳи иқтидори захиравии ноҳия бо мақсади идоракунии рушди устувор | Беҳтар намудани шароити фаъолияти мутахассисони дастгоҳи марказии ноҳия ва ҷамоатҳо | Таҳия намудани базаи маълумотҳо оид ба донорҳо, аниқ намудани соҳаи фаъолияти онҳо, афзалиятҳо ва стратегияи донорҳо. | 8 | - | 5 | 1 | 1 | 1 | | Шумораи ҷамоатҳои бо базаи ягонаи электронии маълумотҳои оморӣ таъмингардида (100% то соли 2016) Шумораи ҷамоатҳои ба шабакаи ИНТЕРНЕТ пайвастгардида (100% то соли 2016) Фоизи кормандони МИҲД ва дастгоҳи идоракунии ҷамоатҳои бо техникаи компютерӣ ва таҷҳизотҳои лозимӣ (85% то соли 2016 ) таъмин гардидаанд. Афзудани шумораи кормандони дар курсҳои омӯзишии компютерӣ омӯзонидашуда то соли 2016 то 50 нафар. |
| | | Харидорӣ намудани техникаи компютерӣ барои раёсат ва шӯъбаҳои МИҲД | 75 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Таъмин намудани дастрасии кормандони дастгоҳи МИҲД ба шабакаи ИНТЕРНЕТ | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | | |
| | | Ҳар сол ба 2 мутахассиси ҷавони МИҲД пешниҳод намудани қитъаи замин | 40 | 10 | 20 | 10 | - | - | | |
| | | Таъмин намудани дастрасии кормандони ҷамоатҳои ноҳия ба шабакаи ИНТЕРНЕТ (Харидорӣ намудани модем) | 20 | 5 | - | 5 | 5 | 5 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Ташкил намудани курсҳои омӯзиши техникаи компютерӣ оиди истифодаи барномаҳои Windows, Word, Excel барои кормандони МИҲД | 35 | 10 | 10 | 10 | 5 | - | | |
| | | Таҳияи базаи ягонаи маълумотҳои омории ноҳия ва тайёр намудани қонун ва санадҳои меъёрӣ барои кормандони МИҲД | 55 | 20 | 20 | 15 | - | - | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Баргузор намудани семинар оид ба масоили «Таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ» дар асоси талаботи донорҳо ва тарҳрезии лоиҳаҳои инвеститсионӣ. | 10 | 5 | 5 | - | - | - | Буҷети маҳаллӣ | Шумораи чорабиниҳои аз ҳисоби сармояи хориҷии ҷалбшуда татбиқгардида Ҳаҷми маблағҳои сармоявии барои татбиқи барномаи рушди ноҳия ҷалбгардида. |
| | | Ташкил намудан ва омӯзонидани «фондрезинг» бо мақсади ҷалби маблағҳои иловагӣ. | 15 | - | 5 | 5 | 5 | - | | |
| | | Таъмир ва таҷдиди биноии маъмурии МИҲД ва биноии маъмурии ҷамоатҳо | 545 | - | 145 | 150 | 150 | 100 | | |
| Ҳамагӣ: | | | 853 | 75 | 235 | 221 | 191 | 131 | | |

*Ҷадвали №75. Нишондиҳандаҳои дурнамо оид ба ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти ноҳияи Ғончӣ (соҳавӣ ва минтақавӣ)*

| Номгӯи лоиҳа (иқтидорҳо) | Маблағи умумии лоиҳа | Маблағи сармояи хориҷӣ барои татбиқи лоиҳа | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | Параметрҳои дурнамо | | с.2015 бо % нисбати с.2011 | Манбаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | | |
| Идоракунии иқтисодиёт | | | | | | | | | |
| Компютеркунонӣ ва пайвастшавӣ ба интернет | 400 | 25,0 | 8,6 | 3,9 | 2,5 | 2,5 | 7,5 | 87,2 | БР СММ ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ |
| Соҳаи маориф | | | | | | | | | |
| Таъмири мактаби № 8, деҳаи Далёни Боло | 500,0 | 500,0 | - | - | 200,0 | 300,0 | - | - | Ташкилоти байналхалқӣ |
| Сохтмони синфхонаи иловагӣ дар назди МТУ №14, деҳаи Эшонқурғон | 230,2 | 230,2 | 20,0 | 210,2 | - | - | - | - | Фонди католитикӣ |
| Сохтмони синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №35, деҳаи Росровут | 230,2 | 230,2 | 20,0 | 210,2 | - | - | - | - | Фонди католитикӣ |
| Васл намудани таҷҳизотҳои гелоколлектор -батареяи офтобӣ ва таҷҳизоти хушконидани мева дар назди МТУ №31 ва №35 | 7,2 | 7,2 | 7,2 | - | - | - | - | - | ҶСК «Орди-Нов» |
| Таъмир ва сохтмони синфхонаҳо дар мактабҳои ноҳия | 300,0 | 50,0 | - | 20,0 | 20,0 | 10,0 | - | - | БР СММ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| Нерӯгоҳҳои хурди барқи-обӣ | 525,0 | 105,0 | - | - | 105,0 | - | - | - | Ташкилотҳои байналхалқӣ |
| Соҳаи кишоварзӣ | | | | | | | | | |
| Лоиҳаи таъминот бо оби полезӣ | 360,0 | 90,0 | - | 50,0 | 20,0 | 20,0 | - | - | Барномаи рушди деҳот |
| Барномаи (рушди устуворӣ минтақавӣ бо роҳи идоракунии оқилонаи захираҳои табиӣ дар вилояти Суғд) | 32,0 | 32,0 | 10,6 | 10,6 | 10,8 | - | - | - | ҶСК «Орди – Нов» |
| Барнома рушди деҳот, компоненти рушди кишоварзӣ - кӯмак ба 260 х/д ноҳия | 50,0 | 50,0 | 4,8 | 15,0 | 10,0 | 10,0 | 10,2 | 212,5 | Чезви - Италия |
| Барномаи шинонидани дарахтони мевадор | 15,0 | 15,0 | 4,3 | 5,0 | 5,7 | - | - | - | БР СММ |
| Соҳаи тандурустӣ | | | | | | | | | |
| Таъмири бунгоҳҳои деҳаҳои худуди ноҳияи Ғончӣ (5 бунгоҳҳо) | 100 | 40 | - | - | 20 | 20 | - | - | БР СММ |
| Барномаи саломатии модару кӯдак (аз 2009 с.) | 4,0 | 4,0 | 0,8 | 1,0 | 1,0 | 0,6 | 0,6 | 75,0 | Ҳайати Шафқат |
| Барномаи эмкунӣ | 100,0 | 100,0 | 56,5 | 10,0 | 12,0 | 21,5 | - | - | ЮНИСЕФ |
| Ҳифзи иҷтимоӣ ва меҳнат | | | | | | | | | |
| Маводи хӯрока барои гирифторони касалии сил | 30 | 30 | 10,2 | 10,0 | 9,8 | - | - | - | БР СММ |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Барномаи хӯрока барои меҳнат | 700,0 | 700,0 | 250,0 | 150,0 | 150,0 | 100,0 | 50,0 | 20,0 | БР СММ |
| Маводҳои хӯрока барои аҳолии камбизоат | 800,0 | 800,0 | 6,0 | 300,0 | 300,0 | 100,0 | 94,0 | 15,7 марот | БР СММ |
| Таъмин 66 адад мактабҳои ҳудуди ноҳия бо маводи хӯрока | 1150,0 | 1150,0 | 210,0 | 220,0 | 230,0 | 240,0 | 250,0 | 119,0 | БР СММ |
| Соҳаи саноат | | | | | | | | | |
| Барқарорсозии хатти дуюми заводи хишти ноҳия | 500 | 500 | - | 500 | - | - | - | - | Ҷумхурии Мардумиии Чин |
| Ташкили корхонаҳои хурди коркарди мева дар ҷамоатҳои Ғазантарак, Муҷун, Яхтан ва Далёни Боло | 110,0 | 110,0 | - | 60,0 | 50,0 | - | - | - | БОР, СММ Барномаи рушди деҳот |
| Соҳаи инфрасохтор | | | | | | | | | |
| Бунёди хатти оби нӯшокии ҷамоати Ғазантарак ва шаҳраки Ғончӣ | 100,0 | 100,0 | - | - | 100,0 | - | - | - | БРСММ Барномаи рушди деҳот |
| Барномаи таълими устувори ҷомеаҳо оиди ҳолати фавқуллода тавассути коҳиши сатҳи хатари офатҳо | 15,0 | 15,0 | 0,6 | 5,0 | 5,0 | 2,4 | 2,0 | 3,3 марот | Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар |
| Ҳамагӣ: | 6258,6 | 4883,6 | 609,6 | 1780,9 | 1251,8 | 827,0 | 414,3 | 68,0 | |

Барои ҳаллу фасли мушкилиҳои ҳаллашон афзалиятноки ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Ғончӣ дар доираи Барномаи рушди ноҳия - **68519,4** ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад.

*Ҷадвали №76. Арзиши БРН барои солҳои 2011-2015 мутобиқи соҳаҳо*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ, ҳазор сомонӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Блоки иқтисодӣ | 18805 | 2670 | 3275 | 5350 | 4830 | 6400 |
| • Кишоварзӣ | 13725 | 620 | 1395 | 4540 | 4540 | 6230 |
| • Саноат | 3020 | 1500 | 1100 | 130 | 190 | 100 |
| • СХМ | 2060 | 550 | 780 | 680 | 100 | 70 |
| Блоки иҷтимоӣ | 31409,2 | 5009,5 | 5856,8 | 6785,2 | 6145,5 | 7512,2 |
| • Маориф | 14629,5 | 2700,0 | 5054,5 | 3945,0 | 1280,0 | 1550,0 |
| • Тандурустӣ | 11333,3 | 1100 | 595 | 2450 | 3520 | 3668,3 |
| • Ҳифзи иҷтимоӣ | 3610 | 50 | 55 | 115 | 1210 | 2180 |
| • Гендер | 227,4 | 5,5 | 17,3 | 95,2 | 65,5 | 43,9 |
| • Фарҳанг, фароғат ва варзиш | 1609,0 | 1154,0 | 135,0 | 180,0 | 70,0 | 70,0 |
| Инфрасохтор | 16427,2 | 1150 | 2211,2 | 3050 | 5173 | 7343 |
| • Обтаъминкунӣ | 11001,2 | 110,0 | 1171,2 | 2000 | 2500 | 5220 |
| • Барқтаъминкунӣ | 2246,0 | 1000 | 500 | 500 | 1623,0 | 1123,0 |
| • Нақлиёт | 3180 | 40 | 540 | 550 | 1050 | 1000 |
| Бехатарии муҳити зист ва ҲФ | 1025 | - | 55 | 495 | 390 | 90 |
| Блоки идоракунӣ | 853 | 75 | 235 | 221 | 191 | 131 |
| Арзиши умумии БРН | 68519,4 | 8904,5 | 11633 | 15901,2 | 16729,5 | 21476,2 |

Тибқи нишондоди ҷадвали поёнӣ 65,49%-и маблағи чорабиниҳои пешбинигардидаи Барномаи мазкур аз ҳисоби буҷети тамоми сатҳҳо, сармоягузориҳои беруна, грантҳо ва маблағҳои аҳолӣ бошад бояд татбиқ гарданд. Аммо 34,51%-и чорабиниҳои дар Барномаи номбурда пешбинигардида, манбаи маблағгузорӣ надоранд.

*Ҷадвали №77. Гурӯҳбандии арзиши Барномаи рушди ноҳияи Ғончӣ тибқи манбаҳои маблағгузорӣ*

| Сарчашмаҳо | Ҳамагӣ, ҳазор сомонӣ | % аз буҷети умумӣ | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
| Буҷети маҳаллӣ | 3313 | 4,8% | 525 | 655 | 861 | 771 | 501 |
| Буҷети вилоятӣ | 475 | 0,69% | 50 | 295 | 30 | 50 | 50 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 29561,3 | 43,14% | 1560 | 3554,5 | 6990 | 6883 | 10373,8 |
| Сармояи хориҷӣ | 6897,8 | 10,06% | 1555,5 | 2783,5 | 732,2 | 1726,7 | 99,9 |
| Маблағҳои аҳолӣ | 4670 | 6,8% | 1150 | 150 | 140 | 1120 | 2110 |
| Лоиҳаҳое, ки манбаи маблағгузорӣ надоранд (талабот ба сармоягузориҳо). | 23602,3 | 34,51% | 4064 | 4195 | 7148 | 6178,8 | 8341,5 |
| Ҳамагӣ: | 68519,4 | 100% | 8904,5 | 11633 | 15901,2 | 16729,5 | 21476,2 |

***Мушкилиҳои дар бахши мобилизатсияи захираҳо ҷойдошта.*** Қобили зикр аст, ки дар бахши мазкур, ҷиҳати таъмини маблағгузории лоиҳаҳо ва чорабиниҳое, ки манбаи маблағгузорӣ надоранд, ТҒД-и маҳаллӣ иқтидори кофии таҳияи лоиҳаҳои инвеститсиониро мутобиқи шартҳои донорҳо ва ташкили раванди фондрейзингро надоранд. Инчунин, омилҳои мавҷуд набудани қарзҳои имтиёзноки камфоиз, сатҳи пасти маълумотнокӣ оиди донорҳо ва афзалияту стратегияҳои фаъолияти онҳо, номутобиқатии фазои сармоягузорӣ, номутобиқатии сатҳи ҷамъоварии андозҳо, иқтисодиёти пинҳонӣ ва коррупсия, таъсири манфӣ мерасонанд.

# БОБИ 3. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015, низоми мониторинг ва арзёбӣ (минбаъд-НМваА) мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни иҷрои лоиҳаҳо ва таҳлили натиҷаҳои ба даст омадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхташуда ва ҳалли проблемаҳои дар раванди татбиқи он мавҷуд буда истифода бурда мешавад. НМваА имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттаасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин карда шавад.

Гурӯҳи М ва А бо Амри Раиси ноҳия таъсис дода мешавад ва он аз 7-9 аъзо иборат мебошад (мутаҳассисони соҳавӣ, кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия). Гурӯҳи МваА-ро муовини якуми Раиси ноҳия сарварӣ менамояд.

Бо қарори мазкур, масъули гузаронидани МваА-и Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015, сардори шӯъбаи иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия таъин карда мешавад.

Бо амри махсуси Раиси ноҳия нусхаи ҳисоботҳои ҳар семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои ба Барнома дохилшуда, барои ҳисобот пешниҳод мешаванд.

Комилан муҳим аст, ки давра ба давра, малака ва дониши аъзоёни гурӯҳи М ва А баланд бардошта шавад.

### 3.1. Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ

Барои мониторинги Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015 мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- ба мақсадҳои барнома то кадом андоза мувофиқ мешавем,
- дар доираи Барнома лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои Барнома (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, (на ин ки натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

Мониторинги натиҷаҳои Барнома тариқи ченкунии аҳамияти индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои барномаро бо ҳамон мулоҳиза кардан мумкин аст, ки дар кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои шӯъбаи иқтисод ва савдои ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо дар доираи Барнома, тариқи параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо Барнома. Ин ҷо ҷадвали электронӣ дар формати Ехсеl -таҳия мешавад, ки бояд ҳар семоҳа тасҳеҳ карда шавад – ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои дар Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015 шомилбуда гуногун буда, он дар таҳияи низоми мониторинг ба назар гирифта шудааст. Дар ҳақиқат, лоиҳаи ба Барнома дохилкардашуда метавонад 5 ҷойгоҳ дошта бошад. Он метавонад тамоман таҳия нашудаву ҳоло дар марҳилаи таҳия қарор дошта бошад, лекин дар Барнома номи он зикр гардидааст. Лоиҳаҳое низ ҳастанд, ки пурра таҳия шудаанд, аммо бинобар набудани маблағ ё дигар сабабҳо оғоз нагардидаанд. Инчунин лоиҳаҳое ҳастанд, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва лоиҳаҳое ҳастанд, ки онҳо аллакай иҷро шудаанд.

Масъуле, ки ҷадвали мониторингро пур мекунад, бояд рақамҳои 1 то 5-ро вобаста ба ҷойгоҳи воқеии лоиҳа гузорад (нигаред ба ҷадвали №1).

Мониторинг иҷрои лоиҳаҳоро ба чор навъ ҷудо менамояд – «ҳамааш ҳуб», «номувофиқатӣ дорад», «номувофиқатии ҷиддӣ дорад» ва «лоиҳа амалӣ нашуда истодааст».

Дар мавриди зарурӣ, дар охири ҳар сол арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳои Барнома, бо дарназардошти захираҳои мавҷуда гузаронида мешавад. Арзёбӣ аз ҷониби экспертҳои касбӣ ва мустақил гузаронида мешавад.

*Қоидаи пур кардани ҷадвали мониторинги лоиҳаҳои Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2011-2015*

| Ҷойгоҳи лоиҳа<br>(рақам аз 1 то 5) | Иҷрои лоиҳа<br>нишонгузории ҳарфӣ-рангӣ:<br>а-сабз, в-сурх,<br>б-кабуд, г-хокистарранг. |
|---|---|
| 1. Таҳия нашудааст.<br>2. Дар таҳия.<br>3. Таҳия шудааст.<br>4. Амалӣ шуда истодааст.<br>5. Амалӣ шудааст. | (а) Ба Барнома мувофиқ аст ё тамоюли назарнорас ба Барнома.<br>(б) Тамоюли назаррас бо Барнома.<br>(в) Тамоюли қатъӣ бо Барнома.<br>(г) Лоиҳа амалӣ нашуда истодааст. |

# РӮИХАТИ МАШВАРАТЧИЁНИ ТАҲИЯИ БРН

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Ҳамидов С. | Сардори шӯъбаи рушди минтақаҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ. |
| 2. | Қурбонхоҷаев Ю. | Мушовири калон оид ба идоракунии маҳаллии БРСММ. |
| 3. | Олимов М. | Мутахассиси БРСММ оиди ҷалби захираҳо. |
| 4. | Мадаминов Р. | Мутахассиси БРСММ оид ҳамоҳангсозӣ. |
| 5. | Деҳқонов Ҷ. | Мутахассиси БРСММ оид ба банақшагири. |
| 6. | Сатторова Л. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ. |
| 7. | Азизова С. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ. |
| 8. | Норов А. | Н.и.и, мушовири миллӣ дар БРСММ. |
| 9. | Ҳакимов Х. | Мушовири миллӣ дар БРСММ. |
| 10. | Раҳмонов З. | Мушовири миллӣ дар БРСММ. |
| 11. | Абдуллоев М. | Мушовири миллӣ дар БРСММ. |
| 12. | Исломӣ А. | Мушовири маҳаллӣ. |
| 13. | Фаттоев И. | Мушовири маҳаллӣ. |

Ба чоп 21.09.2012 имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 11,75. Ҳуруфи адабӣ.
Адади нашр 30.

ОПЕРАТИВНАЯ ПОЛИГРАФИЯ КОНТРАСТ

Дар ҶДММ «Контраст» чоп шудааст
ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 26